**МУҲАММАДАЛИИ АҶАМӢ**

*Эҳдо ба бистсолагии Истиқлоли Тоҷикистон*
*ва ҳафтодумин солгарди устод Лоиқ Шералӣ*

# ГУЛДОНИ ҲАФТРАНГ

*Ҷилваҳои ҳунар ва маъно*
*дар дубайтиҳои устод Лоиқ Шералӣ*

Душанбе
«Адиб»
2011

ББК 84 Тоҷик 7-4-5
А-90

Муҳаррир *Мубашшир Акбарзод*

А-90 **Муҳаммадалии Аҷамӣ. Гулдони ҳафтранг.**
– Душанбе, «Адиб», 2011, 160 саҳ.

«Гулдони ҳафтранг» таҳлили ҳунарӣ ва бадеию зебоишиносии чанд дубайтии устоди шодравон Лоиқ Шералиро дар бар гирифтааст, ки ҳама бо диди наву забону баёни дилнишин ба қалами шоир ва муҳаққиқ Муҳаммадалии Аҷамӣ анҷом ёфтааст. Муаллиф кӯшидааст, ки кори худро дар ҳадди аҳсан ба сомон расонад ва ба ин муваффақ ҳам шудааст.

Китоб ҳадяи арзандаест, ки ба ифтихори 70-солагии устод Лоиқ Шералӣ ба ҳаводорони шеъри волояшон пешкаш мешавад ва ҳамчунин донишҷӯёни донишгоҳҳо ва муҳаққиқони адабиёт метавонанд аз он баҳраҳо бардоранд.

ISBN 978-99947-2-004-0

© Муҳаммадалии Аҷамӣ, 2011

## СУХАНЕ ЧАНД ДАР ТАЪЛИФИ КИТОБ

Дер боз орзу ва нийят доштам дар мавриди дубайтиҳои устод Лоиқ Шералӣ коре сомон бидиҳам дар самти пажӯҳиш ва таҳқиқ. Бо ин нийят солҳо дубайтиҳои шоирро аз нигоҳи андеша мавриди баррасии худ қарор додам ва бори дигар итминон кардам, ки устод танҳо шоири завқу шавқҳо нест, балки шоири тафаккур ва андешаҳост. Мушаххас аст, ҳар кӣ шеър мегӯяд, ӯ андеша ва тафаккур хоҳад кард, оре чунин аст, аммо на ҳар шоир шоири андеша ва тафаккур аст ва ин мақом, ин мартаба ҳаққи ҳар шоире наметавонад, ки бошад. Ман соле чанд бо дубайтиҳои устод ҳамнафас будам ва дар сафарҳо дубайтиҳои ӯро бо худ доштам ва дар ниҳоят бо инояти Ҳақ тавонистам даре бикшоям ба чаҳони дубайтиҳои шоир. Бидуни ҳеч таоруф ҳарф мезанам, он чи дидам, ҷаҳоне буд шукуфо ва саршор аз атри андеша ва хаёл, ҳазор-ҳазор чамани шукуфта маро ба худ шефта ва маҷзуб мекард, дил намехост аз он ҷаҳон берун шавад, аз ҷаҳони маърифат, ҷаҳони андеша ва ҷаҳони ишқу ошиқиҳои шоир. Хуш он шоире ки ҷаҳоне чунин дорад, ҷаҳоне саршор аз ишқ, муҳаббат, отифа, ҷаҳоне ки дар он офтоби ишқ тулӯъ кардааст ва дар он ғуруб нест. Дар он ҷаҳон ҳар чӣ ҳаст, рӯшанӣ аст, ҳар чӣ ҳаст, шукуфтан аст аз ҳар канораи ҷаҳони шеъри шоир садои ишқ ва садои муҳаббат ба гӯш мерасад ва паёми шоир барои башар, паёми ишқ, муҳаббат ва шукуфтан аст, сулук дар ҷаҳони шеъри шоир барои ман дарси ишқ ва дарси озодагиву растагорӣ буд. Дар ҳамин фазо бори дигар бузургии шоирро кашф кардам ва бори дигар фикр кардам, ки шеъри шоир ҳанӯз ҳам он тавр ки мебояд, шинохта нашудааст ва манзури ман аз калимаи «шинохтан» чизи дигар аст. Шинохтан дар чанд навъ аст, навъи зоҳир ва навъи ботин. Шинохтани зоҳир асли шинохтан нест, балки тасаввур ва пиндорест аз шинохтан, мисли он ки дар

соя аз кӯҳ нишастаем. Сояро шинохтаем ва медонем, ки он соя аз кӯҳ аст ва аммо дар кӯҳ нарафтаем ва дар он ҷо чӣ хабар ҳаст, намедонем. Пас шинохти мо аз кӯҳ шинохти сурат ва зоҳир аст, на шинохти асл аз кӯҳ. Барои шинохти асл аз кӯҳ бояд, ки бар кӯҳ рафт ва аз нишебу дарраҳои он гузашт ва дар оғӯши кӯҳ гум шуд, он гоҳ мешавад гуфт кӯҳро то ҳадде шинохтаем, зеро қадам ба қадам дар он роҳ рафтаем ва тасаввуру пиндор табдил мешавад ба воқеият. Мисоли дигар, мо ҳама медонем, Абуалӣ ибни Сино дар илми тиб донишманди комил аст ва номи ин фарзанди тоҷик дар бахши тиб ҷаҳонро тасхир кардааст, аммо аз илм ва осори ӯ чизе намедонем. Пас, шинохти мо аз Шайхурраис шинохти асл нест, балки шинохтан аст ӯро дар зоҳир. Бетардид ҳамин ҳарфро мешавад дар нисбати устод Лоиқ Шералӣ низ гуфт. Мо номи устодро бештар аз шеъри ӯ медонем ва медонем, ки шоири мумтоз аст дар шеъри тоҷикӣ, аммо аз шеъри ӯ аз ҷаҳони шеъри устод, он тавр ки шоистаи ӯст, бехабар ҳастем.

Пас ҳанӯз мо дар сояи шеъри устод қарор доштаем. Барои шинохти бештар бояд аз соя берун шуд ва рафт ба асли ҷаҳони устод ва он ҷаҳони шеъри шоир аст. Ва ин ҳарфро ман аз таҷрубаи худ мегӯям. Хуб медонистам, устод Лоиқ Шералӣ шоире ҳаст фарҳехта ва наҷиб, шеърҳояшро низ мехондам, аммо баъдҳо дарк кардам, ки танҳо дар сояи шеърҳои шоир қадам задаам. Чун бо дубайтиҳои устод маҳшур гаштам, барои худ ҷаҳони дигареро кашф кардам ва шинохти ман дар нисбати устод тағйир кард ва дигар ман аз каломи устод маърифат ва андеша меомӯхтам ва эҳсос кардам, ки ҳайф бошад, он чи ман дар он ҷаҳон дидам, мушоҳида бинмудам, сабт нашавад. Бо ин нийят мушоҳидаҳои худро аз дубайтиҳои устод дар ин китоб ҷамъ овардам ва ҳар он ки мехоҳад ҷаҳони маънавӣ ва рӯҳонии устодро дар асл, беҳтар ва тамомтар бишносад, метавонад аз ин китоб истифода кунад.

Манзур ва ҳадаф дар кори ин китоб, пажӯҳиши дубайтиҳои устод, бештар дар самти маъно ва андеша аст ва фикр мекунам аҳаммияти китоби фавқ низ дар ҳамин аст, яъне хонанда аз ин китоб дар баробари завқ ба балоғати

маъно ва андешаи шоир ҳам ошно мешавад. Фазои маъно ва андешаи шоир ҳанӯз он тавр ки мобояд, аз тарафи аҳли назар таҳқиқ ва баррасӣ нашудааст ва дар ин маврид ман дар сӯҳбатҳои худ ишоратҳо аз қабл доштам ва агар дар ин хат корҳои пажӯҳишӣ бештар шавад, бетардид ҷилваҳои тоза аз кори шоир кашф хоҳад шуд. Ва ҳаводорони калом низ ба ҷилваҳои андеша ва тафаккур дар осори шоир аз боби таҳқиқ ва пажӯҳиш ворид мешаванд ва ин равиш дар тарбияти маънавии аҳли завқ низ бисёр муфид аст. Бахусус ғазалҳои шоир ва дар ин хат рубоиҳои устод саршор ва оканда аст аз розҳои андеша ва тафаккур. Шарҳ ва маъно кардани ғазалҳо ва рубоиҳои шоир аз тарафи аҳли таҳқиқ хазинаи маънавии миллатро ғанитар хоҳад кард.

Муҳимтарин хат дар нақд ва пажӯҳиши осори шоир эътиқод ва бовар ба каломи ӯ бояд ки бошад ва агар осори шоир ҷудо аз ин хат таҳқиқ шавад, он таҳқиқ ба масал ибодати зоҳидони хушкро монад, аз нақд ва ё пажӯҳише чунин ба адабиёт ҳеч суде нахоҳад буд. Шеъри устод Лоиқ Шералӣ шеъри маърифат, адаб, ишқ, иршод, муҳаббат, эътиқод ва боварҳои рӯшан аст ва шеъри шоир аз тарафи аҳли нақд дар ин фазо бояд таҳқиқ шавад. Дар фуроварди ин пешгуфтор мехоҳам ба азизон Асадуллоҳи Раҳмон райиси кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Талбаков Абдулқодир роҳбари шабакаи аввали радиои Тоҷикистон самимона сипос ва ташаккур бигӯям, чун заминаи аввал ва номи китоб «Гулдони Ҳафтранг» маҳз дар ҳамкорӣ бо шабакаҳои аввали радио ва телевизион сурат гирифтааст ва китоб ҳосили ҳамон ҳамкориҳои судманд аст.

*Муҳаммаддалии Аҷамӣ*

## ҲАМА РОҲ РОҲИ ДИЛ НЕСТ

*Зи ҳар осори мо дар дил асар нест*
*Ниҳоли умр доим пурсамар нест.*
*Раҳи кайҳон шавад наздик, аммо*
*Раҳе аз роҳи дил наздиктар нест.*

Осор бар маънии нишонаҳост ва он чи аз як нависанда, шоир ва ё ҳунарманд бимонад. Асар ҳамон осор бошад ва маънии дигар аз ин вожа таъсир аст. Маънӣ ин гуна аст, ҳар он чи офарида мешавад, онро намешавад осори асил гуфт. Ва на ҳар осор, ки офарида мешавад, ҳунари адабӣ аст, аз нигоҳи устод ҳар офарида дар воҳаи ҳунар қурби маънавиро доро нест. Дар мисраъ ҷилвае аз таъкид, ҷилвае аз огоҳ кардан ва ҷилвае аз эътикод рух нишон медиҳад. Ҷилваи таъкид: Устод таъкид медорад ҳунар ба хусус ҳунари адабӣ бояд саршор аз балоғатӣ маънавӣ бошад. Агар чунин нест, ниёзе ҳам нест, ҳар навишта ҳунари адабӣ ном бигирад. Зеро ҳунар тарбият аст ва бояд бар дилҳо нури маърифатро биборад. Бар ин мабно устод Лоиқ Шералӣ бар он бовар аст, ки ҳунар бояд инсонро тарбият кунад ва дар тарбияти маънавии инсон саҳм бигирад. Ҷилваи огоҳ кардан: Устод дар зимни таъкид аҳли ҳунарро огоҳ месозад ва ҳушдор медиҳад, ки адиб бояд дар кори худ пӯхта ва неруманд бошад.

Осори адиб бояд пуч, беҳуда ва тиҳӣ аз завқ набошад, зеро ҳунари адиб барои дил аст ва адиб ҳақ надорад, ки асари безавқ бинависад. Ва дар ин хат устод худро низ ҳушдор медиҳад ва барои ин маънӣ аз таркиби «осори мо» кор мегирад. Устод дар қаламрави ҳунар барои худ мақому мартабаи

хос ҷудо намекунад, балки худро низ дар кори ҳунар чун дигарон медонад. Худро низ дар халқи осори адабӣ чун як адиб муваззаф медонад, ки хуб ва шоиста асар бинависад. Ҷилвае аз эътиқод: Лоиқ Шералӣ дар ин хат ҳолати эътиқоду боварро низ ташхис медиҳад ва аз нигоҳи устод эътиқод дар ҳунар рукни бисёр муҳим аст ва агар ҳунарманд бидуни эътиқод бинависад аз навиштае чунин ҳеч суде нест. Ва устод Лоиқ Шералӣ ин манзури хешро наср намекунад, балки бо ишороти зариф онро сифат мекунад ва хонандаи ҳушёр манзури устодро аз ҳамин ишороти зариф дармеёбад. Дар ҷилваи севум ин матлаб мастур аст, яъне ҳунар фарзанди дил аст ва он дар воҳаи дил бояд, ки садо дар диҳад. Манзур ҳунари асил бошад ва осоре ки дар дилҳо ишқу муҳабатро бедор кунад. Ва ҳар он асар ки аз он бар дил асар нест, онро наметавон осори ҳунарӣ номид ва осоре чунин дар расолати маънавӣ ҳеҷ аст.

Дар як калом шоир мефармояд танҳо асари асил мондагор аст ва дилҳоро асарҳое чунин тасхир созад. Дар мисраи дувум устод Лоиқ Шералӣ зиндагии инсонро ба як ниҳол ташбеҳ мекунад ва ин ташбеҳ бар чанд маънӣ аст. Аввал: Зиндагии инсон мисли як ниҳол аст ва инсон бояд ҳамеша дар фикри ниҳол бошад. Ва ниҳол бар маънии нозук бошад, яъне зиндагии инсон чун ниҳол нозук аст ва ниҳол ниёз ба парвариш дорад. Устод метавонист аз калимаи «дарахт» дар ин дубайтӣ кор бигирад ва бигуяд «дарахти умр», аммо устод Лоиқ Шералӣ аз ин калима кор нагирифт. Зеро бо истифода аз ин вожа матлаби лозим ба даст намеомад, дарахт бузург аст ва дар қиёс бо калимаи «ниҳол», ниёз ба нигоҳубинро надорад. Дарахт тановар аст ва решаҳои қавӣ дар хок дорад, вале ниҳол нозук аст ва ҳамвора аз он бояд муроқибат кард. Агар аз ниҳол муроқибат нашавад бахусус ниҳоли зиндагӣ, он аз баргу бори маънавӣ бимонад. Ниҳоли умр доим пурсамар нест, мегӯяд устод ва дар ин мисраъ ҳолати зиндагӣ ва ҳолати умрро ба тасвир мегирад.

Манзури шоир он бошад, ки ниҳоли зиндагӣ бисёр нозук

аст ва ҳамеша шодоб нест. Инсони растагор ва инсони комил бояд ҳамвора бикушад, то ниҳоли умри хешро шодоб нигоҳ бидорад. Зеро ғафлат боис шавад, ки ниҳоли умр бесамар гардад, яъне зиндагии инсон тиҳӣ аз маъно шавад. Шоир умрро чун ниҳол медонад ва самарии он амал бошад амали хайр ва хуб. Инсон вақте аз амали хуб фаромӯш мекунад, ниҳоли умр аз самари маънавӣ тиҳӣ гардад. Самар аз зиндагӣ асли зиндагӣ аст ва манзур аз самар, самари маънавӣ аст, вагарна аз умри бесамар ба дарозо ҳам агар он бошад ҳеч суде нест. Инсон бояд ончунон умр ба сар бибарад, то аз зиндагӣ меваи маънавиро чашида бошад, зеро ширинтарин мева дар зиндагии ҳар инсони соҳибдил меваи маърифат ва маънавиёт аст. Инсон ҳамеша фурсати лозимро дар ихтиёр надорад, яъне вақт дар ихтиёри инсон нест ва бояд аз ҳар лаҳзаи умри хеш бо самар истифода кунад то ба муроди маънавӣ ва маърифати ҳастӣ бирасад.

Шоир дар мисраи севум мегӯяд илм ва фановарӣ комилтар мешавад ва инсон фосилаҳои бузургро дар муддати андак пушти сар мекунад. Калимаи «кайҳон» дар байт нимоди илму дониш аст ва бо истифода аз ин калима шоир ҳаракати тунди зиндагиро мехоҳад дар замон нишон бидиҳад. Аз нигоҳи шоир инсони муосир дар илми вақт бисёр пешдаст аст ва мехоҳад аз аршу фарш огоҳ бошад. Кайҳон дар луғот бар маънии гетӣ, дунё ва ҷаҳон бошад, манзури устод аз кайҳон дар дубайтии фавқ олами боло аст. Инсони муосир имрӯз роҳи кайҳонро ба худ наздик месозад ва ин ҳолат дигар касеро ба шигифт намеорад, аммо шигифт чизи дигар аст. Ва он роҳи сайёраи дил аст ва роҳи ҳеҷ сайёрае дуртар аз роҳи сайёраи дил нест инсони имрӯз дуртарин сайёраҳоро кашф мекунад ва аммо роҳи сайёраи дил ҳамонгуна дур аст. Ва ҳар кас натвонад роҳи ин сайёраро биспарад, зеро роҳи сайёраи дил маърифат ва мушоҳида мехоҳад. Агарчӣ фосилаи миёни башар ва сайёраҳо наздиктар мешавад, роҳи сайёраи дил ҳамоно дар фосилаҳои дур қарор дорад.

Устод Лоиқ Шералӣ бо лутфи бисёр ширин ва матлуб мехоҳад мақому мартабаи дилро хубтар ва беҳтар нишон бидиҳад. Ва ӯ дар ин нийят муваффақ низ шудааст. Маънӣ он бошад, ки агар инсон кайҳонро тасарруф кунад, боз ҳам суъуд ба кайҳони дил сахт ва душвор аст. Кайҳони дил ҳамчунон пурасрор аст ва ҳолати зиндагии инсон вобаста аст ба ҳолати дил. Манзури устод он аст, фаразан, агар инсон битавонад ба кайҳон ҳам ҳукумат бикунад, аммо агар аз кайҳони дил фаромӯш кунад ва аз суъуд ба сайёраи дил бипарҳезад, ҳукумати кайҳонии ӯ ҳубут хоҳад кард. Яъне инсон дар ҳама ҳолат мақом ва мартабаи дилро бояд ки бишиносад ва ҳаргиз фаромӯш насозад, ки дар ҷамъи роҳҳо чӣ замин ва чӣ кайҳон роҳи дил ҳамеша роҳи аввал бошад. Ва роҳи дил роҳи наҷот ва роҳи хушбахтӣ аст барои башар ва инсон дар сулуки роҳи дил худро беҳтар мешиносад ва ба хушбахтии ҷовид мерасад. Ва зиндагии инсон дар шинохти ҷаҳони дил маъно мегирад ва таркиби «дуртар» дар дубайтии фавқ бар маънии сахт ва душвор низ бошад, яъне дил шинохтан низ ҳунар бошад ва ҳар касе ҳам дар ин ҳунар фозил нест.

## ДИЛЕ КИ ЛАБРЕЗИ СУРУД АСТ

*Диле дорам, ки лабрези суруд даст,*
*Саропо ларзаи амвоҷи рӯд аст.*
*Ниёзу нози ӯ бар дӯши умрам*
*Ба ҳар роҳе равам, ноозмудаст.*

Устод Лоиқ Шералӣ бо нигоҳе аҷиб ва наҷиб дар кори дубайтӣ аз дил сифат мекунад ва дар олами дил ҳақиқати зистан ва ҳақиқати зиндагиро ба мушаҳида менишинад. Шоир дилро барои худ ҳамдам ва ёр медонад ва аз зовияи ишқу муҳаббат бо ин дӯстӣ бетамаъ роз мегӯяд. Дар ҳама ҳолат ин дӯст шоирро мешунавад ва ба шоир гӯш фаро медиҳад, дар ин замони пур аз сару садо, ки касе намехоҳад садои каси дигарро бишнавад дил ягона дӯсти бовафо ба шумор меояд. Шоир масири зиндагиро даст ба дасти дил бо ҳам мепаймоянд ва шоир ҳам ҳамеша дӯстро мешунавад ва ҳар ду ба ҳам ниёз доранд. Устод ба зиндагӣ ва ҳастӣ бо чашми ҳамин дӯсти бовафо ва меҳрубон менигарад ва бо мардум ва иҷтимоъ аз бракати ин дӯст беҳтар унс мегирад. Устод Лоиқ Шералӣ дар дубайтии фавқ аз ҳузури дил ҳарф мезанад ва изҳори шодмонӣ мекунад, ки метавонад бо ин дӯст унс бигирад ва унс ҳамон ҳузури дил аст. Дар мисраъи аввал аз дубайтӣ устод мужда медиҳад аз он ки чӣ диле дорад ва бисёр шод аст, ки диле чунин дорад. Устод мегӯяд, диле дорам, лабрез аз суруд аст ва дил дар ин дубайтӣ нимоди дӯст аст дӯсти бовафо ва содиқ. Ва баёни «дорам» аз он гӯяд, ки соҳиби ин дили содиқ кист? Манзури устод аз ин таркиб он аст, ки ҳамаи дилҳо ба ҳам монанд ва мутобиқ набошанд.

Дили ҳар фард ҳолати равонӣ, ирфони ва рӯҳонии худро

дорад аз ин ҷост, ки ҳар фард дар зиндагӣ табиати хоси худро дорад. Дили ҳар инсон дар ҳамин фазо маърифат касб мекунад ва ҳолати рӯҳонӣ ва ирфонии хешро нишон медиҳад. Балоғат маърифат ва ҷалоли дили инсон дар кадом марҳалае, ки ҳаст аз он таҷаллии ҳамон ҳолат ба назар меояд ва қурби дил дар олами маърифат ба ҳамон ҳад бошад. Устод Лоиқ Шералӣ аз ҳамин зовия ба ҷаҳони дил менигарад ва ҷаҳони дилро тасвир мекунад ҷаҳони маънавии дили хешро. Диле, ки дар касби маърифат, шинохт ва шуҳуд ба ҳастӣ ва ҷаҳон ба чашми ишқ менигарад ба чашми ошиқ то ба зиндагӣ ва маърифат хубтару беҳтар шинос шавад.

Ва шоир аз ҳолати маънавии дил ва маърифати дил шод аст ва ин ҳолати равонии худро дар истифода аз калимаи «шодоб» изҳор медорад. Ва шоир диле дорад шодоб аз маърифат ва шинохтанро, зиндагиро дар ин мадраса таҷруба мекунад, таҷрубаи ӯ таҷрубаи сатҳӣ нест, балки умқ ва вусъати маънавӣ дорад. Яъне устод ҷаҳони маънавии зиндагиро дар зоҳир ба таҷруба намегирад, балки дар ботин онро мехоҳад касб кунад, зеро зоҳир танҳо як ҷилва аст ва ботин ҳақиқати мастур аст ва касби он ҳунар бошад.

Устод арз медорад, ки диле дорад дар зиндагӣ саршор аз суруд, яъне мамлу ва лабрез аз шодобӣ. Ва суруд бар маънии шодобӣ, шавқ, тараб, хураммӣ ва нишот аст ва маънии дигар аз ин калима шеъри дорои оҳанг аст, ки ҷанбаи миллӣ, ҳамосӣ ва ватанӣ дошта бошад. Ва акнун барои ошноии бештар ва бардошти бештар аз ин назар мисраро дубора бихонем: Диле дорам, ки лабрези суруд аст. Бетардид осори устод Лоиқ Шералӣ саршор аз ҳамоса, ифтихор, маърифат ва шукӯҳу шаҳомати миллӣ ва ватандорист. Ва ин маъниро бо нигоҳи жарф мешавад аз ин мисраъ воковӣ кард, аммо фикр мекунам, манзури устод аз ин калима аввал шодобӣ аст ва баъд шеър. Маънӣ чунин мешавад, диле дорам мамлу ва оканда аз шавқу тараб ва лабрез аз маърифати ҳамешагии шеър. Устод табиате дошт риндона ва саршор аз шодиву су-

рур ва аҳли риндӣ худро аз қавонин ва қуюди иҷтимоъ озод медонад, илло қавонини ишқ ва муҳабат. Дили ринд дур аз васвасаҳои дунё ва ҳавасҳоҳи бебор аст, вале масту махмур аз маърифати ишқ.

Устод Лоиқ мегӯяд, дили ман дили як шоир аст, диле шодоб аз маърифати шеър аз маърифти шинохтан ва шавқи шинохтан. Дар мисраъи дувум аз дубайтӣ устод мегӯяд, дили лабрез аз суруд ва шоди ман шабеҳ ва монанд аст ба амвоҷ дар рӯдхона:

*Диле дорам, ки лабрези суруд аст,*
*Саропо ларзаи амвоҷи рӯд аст.*

Устод Лоиқ аз вожаҳе чун дарё, рӯд, амвоҷ, соҳил суруд, ишқ, ватан, модар, муҳаббат фаровон кор гирифтааст. Бар ин мабно шеъри устодро бидуни ин вожаҳо наметавон тавзеҳ кард. Мурод шоир аз корбурди ин калимот дар шеър таҷрубаи тароват, балоғат, малоҳат, ҷалолу камоли ростӣ аст. Ва аммо устод дар ин калимот ҳастӣ ва шеърро барои ҳамоиши зоҳир ба кор намегирад, балки ҳақиқати ин калимотро мехоҳад таҷруба кунад. Ва муҳаққиқе агар бихоҳад шеъри ин шоирро баррасӣ бикунад, наметавонад аз ин вожаҳо чашм бибандад, рӯҳи шеъри шоир дар ҳамин калимот мавҷ мезанад. Дар мисраъи дувум мантиқ, маъно, балоғати нигоҳ, андеша ва ҳунар дар шигарди ҳунари бадеъ аст, Дар мисраи дувум устод Лоиқ Шералӣ муҳтавои мисраи аввалро умқ медиҳад ва дар ин равиш маъно, андеша нигоҳ ва ҳолати хаёли худро беҳтар ва хубтар ба ҳамоиш мегузорад. Забони латиф ва мавзуни устод Лоиқ Шералӣ саршор аст аз латофати хаёл, бахусус дар кори дубайтӣ ва ғазал шоъир дар кори забон шигардҳои хосеро метавонад аз худ нишон бидиҳад.

Хоҷаи Шероз мегӯяд: Сухан бигӯ, ки каломат латифу мавзун аст. Устод Лоиқ дар кори дубайтӣ ин гуна сухан мегӯяд бисёр латиф ва бисёр мавзун ва дар кори дубайтӣ шигардҳои

аҷиб аз ҳунарро нишон медиҳад. Ва ҷилваи дигар дар кори шоир дар ҳавзаи дубайтӣ забони нарм ва шевои ўст, ки зуд ба хотир менишинад ва дилро ба шавқ меоварад ва ин ҷилваи ҳунар дар устод фитрӣ аст, ў забони шеъри худро ба сахтӣ намесозад, балки забони шеъри ў мисли об нарм ҷорӣ мешавад ва шавқро ангеза мебахшад. Чуноне дар ҳамин дубайтӣ, ки аз он сўҳбат мешавад, шоир ҳамеша мекушад балоғати хаёл ва балоғати бадеъро дар калимот ҳак бизанад. Мисраъи аввал ва дувум аз дубайтӣ мисли як такбайти зебо аст, ки ин ду мисраъ ба танҳоӣ низ метавонад мисли нигине дар ангуштари маънӣ ва ҳунари шеър худро ҷилва бидиҳад:

*Диле дорам, ки лабрези суруд аст,*
*Саропо ларзаи амвоҷи рўд аст.*

Амвоҷ дар синаи дарё ҳамвора мавҷ мезанад ва дарё аз ҳаракоти мавҷ зинда аст, дарё саршор аз шавқу шодӣ аст ва дарё нимоди ҳастӣ ва шукўҳу шаҳомат аст. Ва ин шодиву тараб ва шодобӣ дар дили дарёи шоир мавҷ мезанад, дарёи дили шоъир аз шавқи муҳаббат ва шинохтан ин гуна ғарқи амвоҷи зиндагӣ аст. Мисраъи севум аз дубайтӣ ҳақиқати дигар аз дилро нишон медиҳад ва он ҳақиқати эътиқод ва боварҳои шоир аст ба ҷаҳони дил:

*Диле дорам, ки лабрези суруд аст,*
*Саропо ларзаи амвоҷи рўд аст,*
*Ниёзу нози ў бар дўши умрам,*
*Ба ҳар роҳе равам, ноозиудаст.*

Ноз, яъне лутф, ишвагарӣ, истиғнои маъшуқ аст ба ошиқ ва ошиқ бояд, ки ҳамеша бори нози маъшуқро бар душ бигирад ва нози маъшукро поёне нест ва ҳар ошиқ наметавонад ин бори сангинро бар дўш ҳамвора бибардорад. Ниёз бар маънии ҳоҷат, эҳтиёҷ ва хоҳиш аст, Хоҷаи Шероз гўяд:

*Мурувват гарчи номе бенишон аст,*
*Ниёзе арза кун бар нозанине*

Ва маънӣ дар дубайтии фавқ ин гуна аст, дили ман оканда аз шодиву тараб аст ва мисли рӯд дар сина аз тарабу шодӣ мавҷҳо дорад ва дили ман ҳам на камтар аз як дарё аст. Дили ман ҳам чун дарё ҳамеша дар талотум аст ва чун дарё хешро дар масири зиндагӣ меполояд, то софу зулол бошад. Устод мегӯяд, нозу ниёзҳои дилро ҳамеша бо худ дорам ва калимаи умр бар маънии зиндагӣ аст ва дар ин зиндагӣ, мегӯяд устод, нозу ниёзҳои дилро ҳамвора бар дӯш хоҳам дошт. Ва дар мисраъи чаҳорум устод Лоиқ ҷилваи дигар аз дилро ба тасвир мекашад ва аз ҳақиқат ва воқеъияти дил ҳарф мезанад. Лоиқ Шералӣ мегӯяд агарчӣ нозу ниёзи дилро ҳамеша бар дӯш дорам ва боз ҳамин дил аст, ки ҳабиб, ҳамроз ва ёри ман аст.

Дар хилват ва танҳоӣ мо бо ҳам ҳастем бо ин вуҷуд боз ҳам ҷаҳони ин ҳабиб барои ман ноошно аст ӯ маро беҳтар аз ман бидонад ва аммо барои ман ҳанӯз ба тамом нашинохтааст. Агар ҳам ҳамеша нози ӯро қабул дорам, ӯ мисли як муаммо аст ва дар ҳар лаҳза бояд ӯро биомӯзам, то аз ҷаҳони ӯ бехабар намонам. Дил ҳабиби ман аст, азизи ман аст, беҳтар аз ӯ кассе маро намедонад, аммо бо ин ҳама аз шарҳи ӯ оҷизам. Устод мегӯяд ҳақиқати дилро, ирфони дилро ба ҳар шева ва ҳар навъ таҷруба кардам, аммо боз ҳам ҷаҳони ӯ барои ман шигифтҳо дорад. Манзур он аст, ки ҷаҳони дил ҳаргиз ба тамом кушуда намешавад ва ҷаҳони дил ҳамеша печида ва саршор аз фарозу фурӯд аст ба қавли Мавлоно дил махзани асрори Ҳақ аст.

## АЗ БАҲОРИ ДИЛ ТО ХАЗОНИ ДИЛ

*Замину осмони ман, дили ман,*
*Баҳори ман, хазони ман, дили ман.*
*Туро ҳам донаму ҳам менадонам,*
*Аёну ноъаёни ман, дили ман.*

Устод Лоиқ Шералӣ дар ҳавзаи дубайтӣ аз равишҳои ҷолиб ва зебо истифида мекунад ва дар ин қолаб аз шоъирони бисёр муваффақ дар кори дубайтӣ аст. Баъд аз ӯ шоирон бисёр ба кори дубайтӣ рӯй оварданд, вале ҳеҷ кадом натавонист чун устод Лоиқ Шералӣ дар халқи дубайтӣ маҳорат ва шигарди ҳунар аз худ нишон бидиҳад. Дар ҳавзаи шеъри устод дубайтӣ ба масал гулгашти пурбор ва сабзе аст, ки дил намехоҳад бо вуруд аз он зуд хориҷ шавад. Тамошои ин чамани зебо, гулгашти дубайтиҳои устод дилро шодоб ва рӯҳи хастаро муъаттар месозад ва хазонрези хотирро пур аз шукуфаҳои шавқ месозад. Агарчи дубайтӣ дар чаҳор мисраъ аст ва дар чаҳор мисраъ он ба хулосаи маъноӣ мерасад, аммо балоғати андеша ва ҳузури андеша дар ин чаҳор мисраъ хулоса намешавад.

Ҳолати завқ, андеша, нигоҳ ва риволи хаёл дар дубайтиҳои устод мутанавеъ, бисёрпаҳлӯ ва бикр аст ва аз ин ҷост, ки кори дубайтӣ дар кори устод лаззатбахш аст. Дар дубайтии ҳозир сабки баён ва ҳинҷори забон сода ба назар меояд, аммо дар ин содагӣ ранги маъно ва шукуфтан ва ранги ҳунар бисёр маҷзуб аст ва ба ҳар шоир ин саъодат ёр нест. Ирфони маънӣ ва андешаи шоир дар ин дубайтӣ ба ваҷҳи аҳсан аст ва аз ин чаҳор мисраъ метавон ҷаҳоне аз маърифати андешаро ламс

кард. Мисараи авалро бихонем: Замину осмони ман дили ман ва манзури шоир дар зоҳири калимот дар ин мисраъ нест, дар зоҳир танҳо мусиқии зебои дубайтро мешавад дар калимот ташхис кард.

Замин маконе аст, ки дар он башар зиндагӣ макунад, аз неъматҳои он истифода мебарад ва дар он худро ҷустуҷу мекунад ва инсон ҳамеша эҳсос мекунад дар ин макон муваққат аст. Ва дар ниҳоят ба ватани аслии хеш баргардад, инсон ин иттифокро ҳамеша дар зеҳн дорад ва хоҳад дошт. Мавлоно дар ин маънӣ гуфтааст:

*Ҳар нафас овози ишқ мерасад аз чапу рост,*
*Мо ба фалак меравем, азми тамошо кирост?*
*Мо ба фалак будаем, ёри малак будаем,*
*Боз ҳамон ҷо равем ҷумла, ки он шаҳри мост.*
*Худ зи фалак бартарем в – аз малак афзунтарем,*
*З-ин ду чаро нагзарем, манзили мо кибриёст.*

Ва ирфони суъуд ба сӯи ватани аслӣ дар шеъри шоъирони ориф ҳамеша аз мавзуоти аввал будааст, устод Лоиқ дар дубайтии фавқ ҳамин ирфони суъудро дар корбурди ду калима, замин ва осмон ба тасвир гирифтааст. Шоир дар зимни ин ду калима маърифати шинохтанро ва маърифати суъудро дар сурати худ сифат мекунад ва мухотабро ба қаламрави андеша даъват мекунад. Устод мегӯяд дар замин зиндагӣ мекунам ва дар он ҳузур дорам ва ин ҳузури ман ҳузури ҷисм аст, вале маърифати осмонии хешро гум накардаам ва аз фикри осмон фориғ нестам. Дар замин агарчи зиндагӣ дорам, дилам осмонӣ аст ва дил ҳамеша ҳавои парвозро дар сар дорад, аз ин нигоҳ дилам осмонӣ аст ва аз нигоҳи дагар он замин аст ва дар он донаи меҳр ва муҳаббатро кишт мекунам.

Ман аз дил нашъати суъудро омӯхтам ва ҳақиқати зистанро ва шинохтанро ва дар ирфони ҳастӣ аз ӯ сабру таҳаммулро

ва агар ӯро надоштам намедонистам нашъати парвози маънавӣ чист. Ва ин дили ман аст, ки ҳамеша дар фикри парвоз аст ва аз ин шавқ ҳаргиз даст бар намедорад, зеро ӯ хуб донад, ки аз куҷо аст ва ба куҷо бояд, ки баргардад. Дар мисраъи дувум аз дубайтӣ устод Лоиқ Шералӣ аз ҳолати равонии дил башорат медиҳад ва таъкид медорад, ки дил ба монанди замин пур аз фарозу фуруд аст ва ба вусъати осмон бузург. Шоъир дар мисраи дувум мехоҳад ҷилваи дигар аз дилро тасвир кунад ва ин равишро дар ду фасл ба тасвир мегирад ва он ду фасли шоир баҳор ва хазон аст.

Баҳор фасли шукуфтан, фасли шодобӣ, фасли растохези боварҳост ва хазон фасли ҳузн ва фасли натиҷа аст, ду фасл дар дунёи дили шоир баҳор ва хазон ҳукумат мекунад. Баҳор нимоди шодобӣ, шукуфтан, сарсабзӣ ва фасли хазон нимоди дарду ғам ва ҳузну андӯҳ ва шоир аз ду калима тавониста мутобиқ ба ҳолоти лозим дубайтиро шакл бидиҳад ва нимоди дигар аз калимаи хазон дар дубайтии фавқ фироқ, ҳаҷр, ғурбат ва ҷудоӣ аст. Баҳор фасле аст, ки замини хушк шикофта шавад ва сабзаву зебоӣ аз он сар бурун кунад ва дар ирфон баҳор мақоми илм аст ва гоҳ баҳорро мақоми ваҷду ҳол низ гуфтаанд. Мавлавӣ гӯяд:

*Маро дар ханда меорад баҳоре,*
*Маро саргашта медорад хуморе.*

Хазон ҳамон фасли тирамоҳ бошад (пойиз) дар ин фасл барги дарахтон фурӯ мерезад ва ҳарчӣ сабз аст зард мешавад ва ҳамин ҳолати фурӯ боридани баргҳои зардро хазонрез гӯянд. Устод Лоиқ Шералӣ аз вожаи хазонрез дар дубайтии ҳозир бисёр зебо истифода кардааст ва ин вожа дар шеъри шоирони дигар ин қадар зебо истифода нашудааст. Аҳли завқ ҳанӯз ҳам ин байти устодро гарм истиқбол дорад ва он ба як байти мардумӣ табдил шудааст, бихонем:

*Хазонрезу хазонрезу хазонрез,*
*Чаро умри ҷавонӣ бигзарад тез?*
*Чаро одам надонад қимати умр.*
*Чаро ночиз гардад аз паи чиз?!*

Хазон ҳамон гуна ки арз шуд, дар шеъри шуаро нимоди дарду ғам ва андӯҳу фироқ аст Ҳофиз фармуда:

*Боғбоно, зи хазон бехабарат мебинам,*
*Оҳ аз он рӯз, ки бодат гули раъно бибарад.*

Соиб:

*Пайдост зи доман ба миён барзадани гул,*
*К-омодаи парвози хазон аст дар ин боғ.*

Ва устод Лоиқ Шералӣ дар мисраи дувум аз дубайтӣ аз ҳамин зовия ба ҷаҳони дил менигарад:

*Замину осмони ман, дили ман*
*Баҳори ман, хазони ман, дили ман.*

Шоир дар мисраи аввал он гуна, ки мушоҳида мешавад, фохир аст аз дили хеш ва мақоми дили шоир бисёр баланд аст, чун замин пурбор ва чун осмон баланд. Устод дар мисраи дувум аз дубайтӣ мегӯяд, дили ман аст, ки дар як ҳолат қарор надорад. Калимаи «баҳор» дар дубайтии устод ба маънии шукуфтан аст ва манзури шоъир аз он ҳолати сарсабзӣ, шодобӣ ва ҷавонӣ аст. Аз нигоҳи дигар устод мегӯяд, ҳолати равонии дил дар ихтиёри ман нест, то ӯро ҳамеша дар ҳолати шукуфоӣ ва шодобӣ нигоҳ бидорам. Чора чист, гоҳ ӯ баҳор дорад ва гоҳ хазон ва гоҳе шукуфо мешавад ва гоҳе дар ғаму андӯҳ менишинад ва ман дар ихтиёри дил қарор дорам на ӯ дар ихтиёри ман. Бар ин мабно устод мегӯяд: Баҳори ман, ха-

зони ман, дили ман ва бетардид ҳолати дил ҳамеша бад-ин гуна аст, гоҳе чун баҳор саршор аст аз шукуфтан ва гоҳе чун хазон нишаста дар яъс.

Мисраи севумро бихонем:

*Туро ҳам донаму ҳам менадонам...*

Маърифати дил ҳамеша печида аст ва ҳар касе ба шинохтани он қодир нест ва ҳар касеро бар он ҷаҳон роҳ набошад. Орифон ва аҳли маърифат аз тариқати дил ба кашфи шуҳуд ва шинохти ишқ расидаанд, ҷаҳони дил бекарон аст ва асрори дилро касе натавониста ба тамом аз бар бикунад. Мақоми дил пеши аҳли тариқат ва маърифат бисёр баланд аст ва ҳар он ки дар ин мақом ба камол расида, ба ӯ аҳли дил гуфтаанд ва хушо касе, агар аҳли дил аст. Ва дар ин фишурда наметавон аз мавзӯъи дил ва ҷаҳони дил он гуна, ки мебояд, сӯҳбат дошт. Танҳо барои ранг додан бар ин навишта аз Мавлоно байте бихонем дар сифати дил:

*Дил масали равзан аст, хона ба д-ӯ равшан аст,*
*Тан ба фано меравад, дил ба бақо меравад.*
*Фитна барангехт дил, хуни шаҳон рехт дил,*
*Бо ҳама омехт дил, гарчи ҷудо меравад.*

Ва ҳоло метавон манзури устодро саҳеҳтар ва дақиқтар воковӣ кард ва дарёфт, ки чаро чунин гуфта, яъне, эй дил, туро ҳам бидонам ва ҳам надонам. Калимаи «бидонам» бар маънии шинохтан, дарк кардан ва ҳам фаҳм кардан аст ва калимаи «менадонам» бар маънии дарк накардан бошад. Устод Лоиқ Шералӣ мегӯяд, эй дил туро чӣ асрор ва чӣ розест, ки туро ҳам мешиносам ва ҳам намешиносам, ҳам маро ошно ҳастӣ ва ҳам маро ноошно. Ҳар бор туро мешиносам ва мастуртар мешавӣ аз қабл ва чун як гиреҳи шинохтанро боз мекунам, гиреҳи дигар рух нишон медиҳад ва ин сулукро поёне

нест. Барои шоир дил як узв нест, балки ҷаҳоне аст ва шоир дар он ҷаҳон ҳузури маънавии хешро эҳсос мекунад ва он ҷаҳони андеша ва маърифат аст. Устод Лоиқ танҳо шоири шавқ ва ангеза набуд, балки ҷаҳоне дигаре ҳам дошт ва он ҷаҳони маърифат ва ирфони ӯ бошад, иктифо танҳо дар хати завқ дар шеъри ин шоири орифмашраб нодида гирифтани ҷаҳони маънавии ӯст.

Шоир дар мисраъи чаҳорум аз дубайтӣ ҳарфи хешро ин гуна хулоса мекунад: Аёну ноаёни ман дили ман ва ин мисраъ аз нигоҳи маъноӣ идомаи мисраи севум бошад. Аммо шеваи баён ва ҷилваи нигоҳ дар мисраи чаҳорум ба навъи дигар бошад. Дар ин ду мисраъ калом ва баён ба ваҷҳи мутафовит аст. Ин ду мисраъ дар зоҳир агар ҳам фарқ мекунад, вале дар ботин барои таъйиди як мафҳум омадааст ва манзури шоир башорат аст аз ҷаҳони печидаи дил, аз ҷаҳони бекаронаи дил. Шоир бо ин равиш мехоҳад бигӯяд, агар инсон аз мафҳуми дил фаромӯш кунад, зиндагии инсоне чунин аз маърифат ва ҳақиқати ҳастӣ тиҳӣ аст, яъне зиндагии инсоне чунин дар зоҳир ба зиндагӣ монад, вале дар асл аз асолати зиндагӣ дур аст. Асл ва асолати зиндагӣ барои як инсон шинохтани маърифат ва ирфони дил аст, вагарна ҷуз инсон вуҳуш низ дар ин замин зиндагӣ мекунад ва вуҳуш ҳам ба номи дил узве дар синаи худ дорад.

Мисраи чаҳорум ҳамон гуна, ки арз шуд мисраи севумро аз лиҳози маънӣ тақвият медиҳад ва таркиби «аёну ноаён» бар маънии ошкор ва пинҳон яъне маҳшур ва мастур аст. Манзур чунин аст: эй дил, туро ҳар бор пайдо мекунам ва ҳар бор аз дигар гум месозам, гоҳе бо ту маҳшурам ва гоҳ мастур ва эй дил ту чӣ ҷаҳоне ҳастӣ? Бо ту чӣ гуна канор биёям? Бо ин вуҷуд замину осмони ман ту ҳастӣ, эй дил.

## ҲУЗУРИ ДИЛ ДАР МАҲФИЛИ УНС

*Набошӣ як нафас осуда, эй дил,*
*Нахоҳӣ як дами беҳуда, эй дил.*
*Ҳар он роҳе, ки напаймудаам ман,*
*Ту онро сарбасар паймуда, эй дил.*

Инсон дар зиндагӣ ҳамеша дар талаби камоли маънавӣ аст ва инсонҳои комил ҳаргиз аз масири маърифат берун нарафтаанд ва пайваста дар сайру сулук будаанд. Ва ҳар кӣ ин талабро дар зиндагӣ фаромӯш карда ва ё аз хотир зудуд танҳо дар сурат зиндагӣ кардааст ва ба қавли Саноӣ нақше буда, мутаҳаррик ва дигар ҳеҷ:

*Хар киро ин дам аст, Одам ӯст,*
*В-он киро нест, нақши олам ӯст.*

Маънӣ чунин аст, ҳар фарде барои шинохти ҳастӣ мекӯшад ва талош мекунад, фарде чунинро мешавад Одам гуфт ва агар ӯро ин дам нест тасвире ҳаст мутаҳаррик. Ва дар дубайтии фавқ ҳамин ҳикматро устод Лоиқ ба кор гирифтааст. Вақте инсон осуда аст ва дар фикри маърифат нест, мисли дархти бебаргу бор аст. Дар чунин ҳолат инсон аз асли зиндагӣ ғафлат меварзад ва зиндагии хешро ба як тасвири беранг табдил медиҳад ва инсоне чунин дар зиндагӣ ҳеч нақши маънавӣ наметавонад, ки дошта бошад. Шоир дар ин дубайтӣ менишинад дар ҳузури дил ва бо дил сӯҳбат меороад, сӯҳбат аз ҳолати дил ва ҳолати дил барои шоир бисёр муҳим аст.

Дили шоир ноором аст ва осудагиро намедонад ва ин ишорат аст ба сулуки дил дар масири маърифат ва масири талаби камол. Устод мегӯяд, набошӣ як нафас осуда, эй дил ва дар ин мисраъ аз сайру сулуки дил хабар медиҳад ва шоир лабрез аз ҳузури дил аст аз ҳузури маънавии дил ва дар сурати ҷисм зиндагӣ намекунад. Ҳар фарде ду зиндагӣ дорад, зиндагии зоҳир ва зиндагии ботин, зиндагии зоҳир зиндагии моддӣ аст ва зиндагии ботин зиндагии маънавӣ аст ва асли зиндагӣ ҳамон зиндагии маънавӣ бошад.

Агар инсон аз зиндагии маънавии хеш фаромӯш кунад, дили хешро асири ҳавасҳои дунё месозад ва ба тадриҷ дили инсоне чунин занг мебандад ӯ ва наметавонад лаззати маънавӣ бибарад. Инсони фозил ҳамвора дар фикри тарбияти дил аст, тарбияти маънавии дил ва шукӯҳу шаҳомати инсон ҳам дар ҳамин хат маъно мегирад ва саодати башар дар маърифат аст. Ҳамон гуна, ки арз шуд дили инсон махзани асрори Худованд аст ва бузургтарин неъмате аст, ки Худованд барои инсон онро бахшидааст ва ҳарки аз ин неъмат мункир шавад куфрони неъмат кардааст.

Устод Лоиқ бар ин мабно аст, ки мегӯяд дили ман ҳамеша дар такопӯ аст ва ҳаргиз ором нест. Таркиби як нафас дар дубайтӣ бар маънии пайваста ва ҳамеша омада аст. Нафас он гуна, ки маълум аст, оромишро намедонад ва оромиш бар маънии бетафовутӣ аст, яъне дил дар муносибат ба шинохтан ва дарк кардани маърифати ҳастӣ берабт нест. Дили шоир ҳамвора дар такопӯ аст ва оромишро намедонад ва пайваста дар ҷустуҷӯи хеш аст. Шинохтани худ марҳалаи аввал аст дар маърифат ва дар шариату дар тариқат ва ҳар ки худро нашинохта наметавонад дар маърифат ва ирфон садо баланд намеунад. Нафас дар дубайтӣ нимоди сулук ва ҷустуҷӯ аст, сафар дар маърифат ва ирфон аст ва нимоди шинохтан низ бошад ва нафас дар инсон то вақте ҳаракат мекунад, инсон дар зиндагӣ қароре надорад.

Ва чун нафас дар инсон аз ҳаракат боз монад зиндагии ӯ

ҳам ба поён мерасад ва нафас дар зиндагии инсон нақши аввалро дорад. Бар ин мабно шоъир барои беҳтар ва рӯшантар нишон додани манзури хеш аз калимаи «нафас» истифода мекунад ва ин калима мутобиқ ба фазои маъно аст дар ин дубайтӣ. Ин калима ҳолати маъно ва ҳолати андешаи шоъирро дар ҷилваи бисёр рӯшан тасвир мекунад.

Осуда бар маънии оромиш ва рифоҳ омадааст шоъир ин калимаро дар раъси калимаи нафас истифода мекунад ва ин ду калимаро дар қиёс мегузорад. Шоир мегӯяд, дили ман ҳатто барои як лаҳза оромишро намедонад, зеро ҳамин як лаҳзаи оромиш инсонро аз маърифат ва ирфон ба солҳо дур месозад. Дили шоир оканда аст аз маърифт аз ирфони шинохтан ва ин файзро шоир аз такопӯи дил медонад ва зиндагии маънавии шоир ва дил дар ҳамин хат маъно мешавад. Агар дил дар рифоҳ ба сар барад, аз ин ҳама файзи маънавӣ бархӯрдор набуд ва дар ғафлату ҷаҳл ба сар мебурд. Воқеъан вақте дил худро дар воҳаи маърифат ва ирфон эҳсос мекунад ва ба ҳастӣ ба чашми маърифат менигарад, лаззат ва нашъати буданро он гуна, ки мебояд, ламс мекунад. Оромиш, осудагӣ, рифоҳ инсонро ба гумроҳӣ мекашад, диле инчунин оқибат дар партгоҳи ғафлат қурбон мешавад. Бояд арз шавад, ки дил нимоди шоир аст ва шоир дар калимаи «дил» мехоҳад аз ҷаҳони даруни хеш ҳарф бизанад ва шоир накӯ донад, ки ирфон ва маърифат беҳтарин дороии инсон аст.

Башар танҳо дар ҳамин масир ба саодат мерасад ва агар ин роҳро гум кунад, худро гум хоҳад кард ва шоир ҳамин маъниро бо истифода аз калимаи «дил» бисёр зебо ва шево ба тасвир мегирад. Дар мисраи дувум шоир сулуки дилро дар масири маърифат тавзеҳ медиҳад ва дили шоир он гуна, ки арз шуд, ҳамеша дар такопӯ аст ва оромишро намедонад. «Беҳуда» ба маънии бидуни мақсуд, беқурб ва беарзиш бошад, яъне бесамар ва бесуд ва дили шоир аз ин сифот ба дур аст. Аз нигоҳи шоир ҳар лаҳза аз зиндагӣ барои инсон ғанимат аст ва агар инсон ғафлат биварзад, дар олами ҳастӣ

нақши лозим наметавонад, ки дошта бошад. Калимаи «дам» дар ин дубайтӣ ба маънии фурсат аст ва манзур аз ин калима зиндагӣ низ ҳаст, дар мардум масале чунин ҳаст, мисли «инсонро ҳар дам ғанимат аст». Ва ин калима ба маънии нафас ва овоз низ истифода мешавад, манзури устод аз корбурди ин калима фурсат ва лаҳзаҳои умр аст.

Дар асл ин калима нимоди зинагии шоир низ ҳаст ва дил асли зиндагии шоир бошад ва шоир намехоҳад як дам аз зиндагии хешро бесамар бубинад. Қимат ва арзиши зиндагиро шоир дар ҳар нафас ва ҳар дам мебинад ва дар ин хат суъуди маънавии зиндагии хешро муайян мекунад, ҳар нафас ва ҳар дам барои шоир ҷаҳони худогоҳӣ ва ҷаҳони худшиносӣ аст. Устод медонад, ки инсони фарҳехта ва хирадманд дар ҳар нафас ва ҳар дам, ки дар ихтиёр дорад метавонад дар суъуди маънавӣ ҷаҳонро тағйир диҳад.

Манзури устод Лоиқ аз мисраъ қабл аз ҳар чӣ ҳамин аст, на чизи дигар, яъне қадам задан дар маърифат ва ирфон ва инсон танҳо дар ин ҷода ба кашфи шуҳуд ва мушоҳида мерасад. Дар мисраи севум аз дубайтӣ шоъир манзури хешро ба тамом пеши рӯи хонанда мисли ойинаи қаднамо мегузорад ва хонанда дар мисраи чаҳорум бештар ба ҳақиқати ин дубайтӣ ворид мешавад. Дар мисраи чаҳорум манзур аз «роҳ» сафар дар зиндагӣ аст ва аммо ин сафар сафари ҷисм нест, балки сафари маънавӣ аст ба фаросӯи ирфон. Ва шоир дар ин сафари маънавӣ ҳабибе бо худ дорад бо номи дил ва ӯ бо чашми басират ба сарманзили ҳамин ҳабиб ба ҳастӣ ва замон менигарад.

Инсон дар давоми зиндагии хеш дар роҳҳо бисёр қадам мегузорад ва ҳар ҷода инсонро ба сарманзиле хоҳад бурд ва ҷуз ин ҷода барои инсон ҷодаи дигаре низ ҳаст ва ҷодаи маърифат ва шинохт аст. Дар ҷодаи маърифат ва дил сафар бо пои дил сурат мегирад, яъне дар ҷодаи шинохт ва шуҳуд инсон қадам бо пои дил бармедорад. Манзур, маърифат роҳнамои инсон аст дар ҷодаи шуҳуд ва касби камол сафар

кардан бо пой сафари гашт, сафари ҷаҳон дидан бошад ва аммо сафари дил сафари маърифат аст ва ҳар касро ин иқбол муяссар нашавад. Устод Лоиқ Шералӣ дар ҳавзаи шеър бешак сафарҳое маънавӣ фаровон дошта ва дар ин росто таҷрубаи лозимро доштааст ва силсилае аз дубайтиҳои ин шоир ҳарфи моро собит месозад.

Дар ин хат ошноӣ ба ҳикояти зер ба ин нигошта ҳусни маънӣ медиҳад. Марде ба хонаи Худо зиёрат меравад. Чун ба Каъба мерасад, ба он мегӯяд: Эй Каъба, омадам барои зиёрати ту ва аммо мехоҳам бигӯям, ман аз хок ҳастам ва мартабаи ман баланд аз ту аст ва ту низ аз хок ҳастӣ. Пас, чаро ман туро тавоф кунам, балки ман ба тавоф шоистатарам. Ва аз Каъба садо меояд: Эй мард, ту бар ин сафар бо по омадаӣ ва бояд, ки бигардӣ ва агар бо дил меомадӣ, туро тавоф мекардам. Байт:

*Ту бо по омадӣ, бояд бигардӣ,*
*Бирав, бо дил биё, гирди ту гардам.*

Ва манзури устод Лоиқ аз паймудани роҳ дар дубайтии ҳозир ҳузури дил бошад ва инсон агар аз дил фосила бигирад ва кайфияти ҳузури дилро ламс накунад дар зиндагӣ ҳеч нақше надорад. Шоири ин сӯҳбат бидуни ҳузури дил шеър нагуфтааст. Чунин буда, ки дубайтиҳои ӯ саршор аст аз ҳузури маънавии дил ва маърифати дил.

## ЧАРОҒИ РӮШАНИ МАЪРИФАТ

*Якеро қасру боғу маҳмиле ҳаст,*
*Чароғи ақл неву манзиле ҳаст.*
*Якеро махзани пур аз тилое,*
*Маро дар махзани сина диле ҳаст.*

Устод Лоиқ дар дубайтии фавқ ба зиндагии инсон ва ҷаҳон аз зовияи дигар нигоҳ мекунад. Аз зовияи таҳқиқ ва мушоҳида ва дар асл кори шоир дар ҳамин қаламрав сурат мегирад ва агар шоир чашми мушоҳида ва таҳқик боз накунад, наметавонад дар кори сухан як шори муваффақ бошад. Ва агар рӯшантар бигӯям каломи шоир бидуни мушоҳида ва таҳқиқ муассир нест ва дар ҳавзаи ҳунар хеҷ ҷилва надорад ва ҳақ надорад худро чун ҳунари бадеъ ҳамоиш бидиҳад. Мушоҳида он бошад, ки ба ҳунари ҳунарманд ранги бадеъ ва маънӣ медиҳад ва он чи як ҳунарманд метавонад, онро бубинад ғайри ҳунар аз дидани он оҷиз аст. Мушоҳида дар ҳунари ҳунарманд оростан ва озин бастан бошад ва ба хусус шоир аз тариқи мушоҳида ба шеъри худ ҳусн медиҳад ва бикр сухан гуфтан аз мушоҳида маншаъ мегирад.

Яъне як шоири хуб ва ҳунарманд ҳамеша дар мушоҳида аст ва таҳқиқ ва аз ду маншаъ шеърро кашф мекунад ва дар ҳинҷори забон ҳам аз ин обишхӯр кор мегирад. Мушоҳида ҳамон тоза дидан ва тоза сухан гуфтан аст, шоири тавоно ва ҳушманд пайваста дар ин фазо шеър мегӯяд, каломи хешро дар зевари табъ меорояд. Мушоҳида фитрӣ аст ва он дар сиришти ҳунарманд моя мегирад, ҳунарманд мувazзaф ҳаст, ки ин сириштро дар худ тарбият кунад, камол диҳад вагарна он бо мурур аз вақт дар сиришти ҳунарманд маҳв мешавад.

Таҳқиқ яъне ба мушоҳида чеҳра додан аст, дар мушоҳида ҳунарманд ҳолати маънoро кашф мекунад ва онро дар калом

таҳқиқ, дар ин ҳавза шоир маъноро дар калимот ба тасвир мегирад. Устод Лоиқ дар дубайтии ҳозир аз равиши мушоҳида ва таҳқиқ бисёр хуб истифода кардааст аз ин ҷост, ки дубайтии ҳозир бисёр зебо ва шево шакл гирифтааст, ҳам аз лиҳози мушоҳида ва ҳам аз лиҳози таҳқиқ. Ҳолати мушоҳида ва ҳолати таҳқиқ дар ин дубайти пеши рӯ ҷаҳони зиндагии башарро қарор медиҳад ва шоир дар чанд калима муваффақ шуда саҳнаи бузурги ҷаҳонро дар пеши хонанда бигзорад. Ва хонанда дар тасвири ин саҳна метавонад, ҳақиқати зиндагии башарро таҳқик кунад ва дарси маънавӣ бигирад, зиндагиро дар рангҳои мухталиф мушоҳида кунад ва дар ин зимн хақиқати инсон буданро андеша кунад.

Устод Лоиқ бо нигоҳи шигарф ва таҳқиқ ба саҳанаи ҷаҳон менигарад ва дар ин саҳна тазоди зиндагиро ба тасвир мегирад ва ҷилваҳои мутанаввеъро дар калимот тарҳ мерезад. Мисраи аввалро барои идомаи сӯҳбат бихонем: якеро қасру боғу маҳмиле ҳаст, шурӯъ дар дубайтӣ ҳикоят аз дунёи моддӣ дорад ва мушоҳидаи шоир аз ин нигоҳ ба саҳнаи зиндагӣ оғоз мешавад. Ва тасвир дар ин саҳна мушоҳидаи зиндагии башар бошад, яъне инсон дар ин ҷаҳон чи гуна ба сар мебарад ва дар ин ҷаҳон чи ҷаҳоне дар худ дорад ва он бо ҷаҳони зоҳир дар чӣ тафовутҳо қарор дорад. Шоир аз тариқи мушоҳида ва таҳқиқ чанд ҳолат аз зиндагии инсонро дар ин саҳнаи бузург ба хонанда нишон медиҳад ва манзур танҳо ҳамоиши ҳолатҳо аз зиндагии башар нест, балки бардоштани ҳикмат аст аз ин саҳнаҳо ва ҷавҳари дубайтӣ андеша аст ва шоир барои як лаҳзае шеър намегӯяд ва шеър барои як лаҳзаи завқ агар ҳаст он мондагор набошад.

Ва шоир дар ин мисраъ низ бо нишон додани зиндагии башар мехоҳад ҳарфи тафаккурро ба дасти хонанда бидиҳад, яке дар зиндагӣ доро аст ва дар зиндагӣ ниёз гӯиё бар чизе надорад. Дар мисраъ калимоти «қаср», «боғ», «маҳмил» бар маънии доройӣ ва сарват бошад ва манзури шоир аз ин калимот нишон додани зиндагии башар дар зоҳир аст. Шоир мегӯяд зиндагӣ барои башар ҳаргиз дар як ранг набудааст ва ҳар инсон дар ин саҳна барои худ накше дорад ва дар ҳамон

нақш зиндагии хешро иҷро мекунад ва дар ин саҳна бархе дар неъмат аст.

Яъне боғ, қаср, сарвату ганҷ ва маҳмилҳо дорад ва дар ҳамин фазо зиндагии хешро ба сар мебарад ва аммо ин ҷамъ оё дар дунёи ботини худ чӣ ҷаҳоне дорад. Ва оё дунёи ботини ин мардум низ ороста аз кохи маърифат ва чун боғҳо шукуфта аз ирфону шинохтанҳост, дар як калом ин ҷамъ дар ботин низ чун дар зоҳир ороста ва доро мебошанд?. Ва оё ин қавм бо ин ҳама дороии худ аз ҳақиқати зистан чизе медонанд ва ё танҳо дар сурат ба сар мебаранд ва фоҷиаи башар аз ҳамин хат оғоз мешавад.

Маҳмил дар луғат бар маънии каҷова ва ҳавдаҷ аст ва каҷова бастан дар маҳмил аз ин ҷост, Саъдӣ мегӯяд:

*Маҳмил бидор, эй сорбон, тундӣ макун бо корвон*
*К-аз ишқи он сарви равон гӯйи равонам меравад.*

Ва ин калима бар маънии иборот ва ҷумла низ ба кор меравад ва манзури шоир аз ин калима ҷамъе бошад, ки дар зиндагии маънавӣ нақше надоранд, саргашта, саргардон ва сардаргум ҳастанд. Устод бо корбурд аз калимаи «маҳмил» ҷаҳони ин тоифаро нишон медиҳад, ин тоифа агар ҳам дар зиндагии моддӣ ба ҷое расидаанд, аммо дар зиндагии маънавӣ пой дар гил ҳастанд. Дар мисраи дувум аз дубайтӣ шоир ҳарфи хешро ҷилваи ирфонӣ медиҳад, бихонем: Чароғи ақл неву манзиле ҳаст. Калимаи «чароғ» дар шеъри ниёгон ва имрӯз фаровон истифода мешавад ва ин калима нимоди таҷаллӣ ва рӯшанӣ аст. Ва ин калима дар шеър аз лиҳози маъно ҷилваҳои зиёд дорад ва аммо дар кори аҳли ирфон ин калима нимоди сулук ва мартабаву мақом аст. Саъдӣ гуфтааст:

*Чу беҳ гаштӣ, табиб аз худ маёзор,*
*Чароғ аз баҳри торикӣ нигаҳ дор.*

Дар ирфон ин калима ҳамон гуна, ки арз шуд нури маърифат аст, таркиби чароғи дил аз ин маъно гирифта шуда ва

чароғи ҳар дил агар рӯшан аст пас дар он нури маърифат афрӯхтааст. Дар ирфон манзур аз таркиби «чароғи мурда» дилҳои мурда аст, ки нури маърифат дар он натобида бошад. Дар ин маънӣ Мавлоно гӯяд:

*Дӣ шайх бо чароғ ҳамегашт гирди шаҳр,*
*К-аз деву дад малуламу инсонам орзуст*
* * *
*Он мард, ки меҷустам ман дӣ ба чароғ ӯро*
*Имрӯз чу танги гул дар раҳгузарам омад.*

Хоҷаи Шероз гӯяд:

*Дарунҳо тира шуд шояд, ки аз ғайб*
*Чароғе бар кунад хилватнишине.*

Ва манзури устод Лоиқ дар дубайтии ҳозир дар аввал чароғи маърифат бошад ва баъд аз он маънии зоҳир, яъне рӯшании хокдон, ки дар он фард зиндагӣ мекунад. Барои тасаввури бештар аз фазои муҳтавои ин дубайтӣ бори дигар онро бихонем:

*Якеро қасру боғу маҳмиле ҳаст,*
*Чарғи ақл неву манзиле ҳаст.*
*Якеро махзани пур аз тилое,*
*Маро дар махзани сина диле ҳаст.*

Таркиби чароғи ақл дар дубайтии ҳозир бар маънии чароғи маърифат омадааст ва шоир мегӯяд, вой бар он ки дар зиндагӣ ҳама чизро дорад, амсоли кох, вилло, сарват ва ганҷ ва аммо аз маърифат холӣ аст. Манзил дар ин калима ба маънии дороӣ ва сарват бошад, вале чӣ суд аз ин ҳама сарват ва кох, ки дар он чароғи меҳр, ишқ, маърифат ва муҳаббат рӯшан набошад. Ва дар он манзил, ки чароғи меҳр рӯшан нест агар ҳам дар он ҳазор-ҳазор қандил рӯшан кунанд, боз он манзил аз нигоҳи ботин торик аст ва дар он манзил ҷаҳл ва ҷаҳолат ҳукумат мекунад. Ва устод Лоиқ дар дубайтии ҳозир

ҳамин маъноро ба кор гирифтааст ва шоир афсӯс аз он дорад, ки инсон дар зиндагии хеш дундболи сарват меравад ва аз сарвати воқеӣ, ки маънии зиндагӣ дар он аст, фаромӯш мекунад.

Инсони сардаргум барои худ кох месозад, қаср месозад ва онро дар беҳтарин сурат озин мебандад ва аз беҳтарин қандил барои рӯшании он истифода мекунад. Ва аммо аз ёд мебарад, ки манзили хешро бо чароғи маърифат рӯшан бояд кард ва асли зиндагии инсон дар ин раъс маъно мешавад. Инсон дар зиндагии зоҳир наметавонад ҳақиқати худро бишносад зиндагии зоҳир далел бар бузургии инсон нест, зоҳир сурат аст, ранг аст аммо тасвир ва маъно нест. Таркиби «чароғи ақл» нимоди хирад низ ҳаст ва хирад дар зиндагии маънавии инсон нақши аввалро дорад ва хирад инсонро ба сарманзили мурод мебарад. Ба қавли ҳаким Фирдавсӣ:

*Хирад раҳнамову хирад дилкушой,*
*Хирад даст гирад ба ҳарду сарой.*

* * *

*Набошад хирад, ҷон набошад, равост,*
*Хирад ҷони ҷон асту Эзад гувост.*

Шоир дар дубайтии хеш хирадро ба инсон тавсия медиҳад, инсон чароғи хирадро дар хеш рӯшан кунад, он гаҳ манзили хешро метавонад дар ботин ва дар зоҳир обод бисозад. Устод ба инсон дастур медиҳад, ки бояд он дар зиндагӣ аввал чароғи хирадро дар худ рӯшан бисозад, зеро дар фарозу фуруди ин ҷаҳон хештанро бидуни чароғе чунин гум хоҳад кард. Дар мисраи севум устод Лоиқ маъниро дар хатти дороӣ ва сарват чун дар мисраи аввал ва дувум идома медиҳад ва дар ин мисраъ аз калимаи махзан кор мегирад.

Ин калима дар дубайтӣ барои шарҳ додани манзури ниҳоӣ чун замима омадааст ва панҷарае аст, ки бояд онро боз кард ва ба тамомӣ ба фаросӯи хаёли шоир нигоҳ кард. Ва ҳоло барои ҳамин фаросӯ мисраи савумро бихонем: Якеро махзани пур аз тилое. Ва шоир дар баёни ин матлаб бисёр озод аст ва

чунин ба назар меояд, ки ба ҳама хазинаҳои зар пӯзханд мезанад. Барои шоири ошиқ махзани симу зар ва сарвати ҷаҳон беарзиш аст, зеро махзани дигаре дорад ва онро болотар аз ҳама сарватҳои ҷаҳон ва махзани тило медонад дар пеши ин махзан махзанҳои дигар ҳеч арзиш ва қурбе надорад.

Беҳтарин хазина барои башар хазинаи маънавӣ аст. Агар башар ин хазинаро намедошт, чӣ зиндагии бемантиқе ӯро насиб буд ва устод Лоиқ ошиқи чунин хазина аст, хазинаи маърифат, ирфон ва худогоҳӣ. Ҳама хазинаҳоро поёне аст, илло хазинаи маърифат ва башар дар ҳавои хазинаҳое чунин яъне сарват чӣ қадар худро аз ҳақиқати зиндагӣ дур карда ва худро дар ин партгоҳ фурӯ афканадааст. Ва дубора хазинаи маърифат ва ирфонро ҷустуҷӯ кардааст, то худро аз партгоҳи бадбахтӣ наҷот бидиҳад.

Дар таърих башар худро боре ҳам агар хушбахт дида, он аз файзи хазинаи маънавӣ будааст ва чун аз ин масир бурун рафта худро дубора бадбахт кардааст. Устод Лоиқ дар мисраи севум дар ҳошияи калимоти «хазина» ва «махзан» ва «тило» ба ҳолати моддии башар ишора мекунад ва аммо онро худ қабул надрад ва дар ин фазо танҳо мушоҳидагари ҳолат аст, ҳолати модии башар. Ва худро дар он шарик намедонад ва барои он, ки бигӯяд ҳеч иртиботе ба кох, қаср ва хазинаи талло надорад аз калимаи «яке» истифода мекунад, яъне мехоҳад бигӯяд аз сарватхоҳон нест ва бо он ҳама сард аст.

Дар дубайтии ҳозир калимаи «яке» дар ду маврид истифода шудааст, дар мисраи аввал ва мисраи дувум ва манзур аз ин калима тасвири ҷилваҳои зиндагии инсон аст ва инсон ҳамеша дар кайди симу зар мебошад ва агар ҳам дар ниҳоят аз ин ҷаҳон бо дасти тиҳӣ меравад.

Калимаи «пур» бар маънии бисёр, фаровон аст ва ин калима ба хусус дар шеъри Бедил фаровон мушоҳида мешавад ва ҳанӯз дар забони мардуми тоҷик ин калима дар маънии асл ба кор меравад. Аз Бедил бихонем:

*Бисӯзу маҳв шав, то ишқ гардад фориғ аз ранҷат,*
*Шарори санги бут пур интизори барҳаман дорад.*

Устод дар мисраи чаҳорум вориди саҳна мешавад ва дар ин мисраъ дигар дар ҳоли мушоҳида нест, балки аз худ ҳарф мезанад, хабар медиҳад, ӯро чӣ махзане аст: маро дар махзани сина диле ҳаст. Устод дар мисраи чаҳорум дар ниҳоят бартарии маърифатро дар қиёс бо дороии моддӣ нишон медиҳад. Дил дар хулосаи дубайтии фавқ нимоди маърифат, ирфон, сармояи маънавӣ бошад. Манзур он аст, ки инсон агар дили огоҳ дорад он ба маротиб беҳтар аз махзани тило аст ва сармояи як инсон, як миллат худогоҳӣ ва худшиносӣ аст.

Агар инсон сармояи ҷаҳонро дошта бошад, вале дили огоҳ надорад, дар ниҳоят аз он ҳама сармоя ҷудо мешавад ва дар зиндагӣ аз худ ҳеҷ нақше бар ҷой намегузорад. Мақоми дил дар назди аҳли ирфон бисёр баланд аст ва иззати дил, қурби дил болотар аз ҳаргуна хазина ва махзани симу зар бошад, барои аҳли тариқат дил маҳалли тафсили маъонӣ ва бар маънии махзани асрори Ҳақ аст. Дар рӯзи ҳашр ҳам хитобу итоб бо дил аст ва аз дил суолу ҷавоб шавад, дар ин маънӣ шоъирони ориф бисёр гуфтаанд. Бобо Тоҳир:

*Зи дасти дидаву дил ҳарду фарёд,*
*Ки ҳарчӣ дида бинад, дил кунад ёд.*
*Бисозам ханҷари тезе зи фулод,*
*Занам бар дида, то дил гардад озод.*

Мавлоно:

*Меъдаи тан сӯи каҳдон мекашад,*
*Меъдаи дил сӯи райҳон мекашад.*

* * *

*Гуфт Ҳақ: Моро назармон бар дил аст*
*Нест бар зоҳир, ки он обу гил аст.*

* * *

*Дил чӣ бошад, махзани асрори Ҳақ*
*Хилвати ҷон бар сари бозори Ҳақ.*

Дар пеши аҳли тариқат дилро чаҳор парда бошад. Пардаи аввалро садр гӯянд, ки мустақарри илҳом аст, пардаи дувумро ном қалб аст ва маҳалли нури имон аст. Пардаи севумро ном фуод аст ва он саропардаи мушоҳидоти Ҳақ бошад, пардаи чаҳрумро шағоф гӯянд ва он маҳалли раҳли ишқ аст. Ҳар як аз ин чаҳор пардаро хосияте аст ва аз Ҳақ бар ҳар як аз он назаре. Ҳамон гуна, ки арз шуд дил маҳалли идроки ҳақоиқ ва асрори маъориф аст ва Худованд сармояи ишқ, раҳмат ва мушоҳидаро дар дили инсон, ҷой додаст, дигар бар ӯст, ки чӣ тавр аз ин ҳама сармояи маъориф ва мушоҳида истифода мекунад.

Устод Лоиқ аз ҳамин зовия мехоҳад ҳақиқати дилро тасвир кунад ва инсонро ба мушоҳида даъват кунад ва дар сулуки асрори ишқ аз раҳмат ва басирати дил файз барад. Шоир дар ин роҳ худро ҳамсафари дил медонад. Ва арз медорад, ки дар ин ҷаҳон ҳаргиз дунболи сарват набудааст ва махзани симу зар наҷустааст ва диле дорад саршор ва пур аз маърифат ва рӯшан аз мушоҳида. Садои шоир дар ин дубайтӣ, садои як инсони масрур ва шод аст на маҳзун ва дилшикаста, шоир ҳарфи худро бепарда мегӯяд, дар зоҳир ва ботин якрӯ аст бовар ва эътимод дар калимаҳо ҷорӣ аст. Дубайтиро бо ин нигоҳ бихонем:

*Якеро қасру боғу маҳмиле ҳаст,*
*Чароғи ақл неву манзиле ҳаст.*
*Якеро махзани пур аз тилое*
*Маро дар махзани сина диле аст.*

Зиндагии устод Лоиқ дар воқеият ҳам мутобиқ ба ин дубайтӣ буда ва он гуна, ки худ мегӯяд дар сина диле дошт саршор аз маърифат аз мушоҳида ва аз ганҷи маънавӣ ва дороии ҷаҳонро дар баробари дил ва як лабханди дил ҳеҷ медонист.

## ДИЛАМ ДАРЁСТ, СОҲИЛҲО, КУҶОЕД?

*Дилам дарёст, соҳилҳо, куҷоед,*
*Дилам раҳҷӯст, манзилҳо, куҷоед?*
*Русуми дилбарӣ омӯхтам ман,*
*Шуморо ҷӯям, эй дилҳо, куҷоед?*

Шоир барои ҳусн ва ранг додани андеша дар шеър аз санъти бадеъ дар ҳадди ҳунар ва завқи хеш кор мегирад ва дар ин раъс шоири ҳунарманд ҳаққи тафаккур ва андешаро низ фаромӯш намкунад, зеро шеър бидуни андеша холӣ аз рӯҳ аст. Агарчи шоир дар кори тасвир мумтоз бошад ва шеърро дар беҳтарин сурат озин бибандад, боз ҳам хаққи шеър нотамом бимонад ва шеъре аз ин даст дар тарбияти маънавии башар нақши боризе надорад. Шеър барои завқи як лаҳза нест ва аслан расолати шоир дар ҳадди завқ хулоса намешавад, балки расолати шоир бештар аз кори завқ бошад. Шоири бедордил ҳамеша барои мардуми огоҳ шеър мегӯяд ва расолти худро дар ҳамин медонад.

Шеър бо ҳама тасовир агар ҳам он мумтоз ва тамошоӣ бошад, танҳо барои тамошо аз зовияи хаёл ба дард мехӯрад, аммо барои вусъати тафаккур ва умқи андеша ба кор наояд. Яъне шоир бояд дар баробари истифода аз саноеъи бадеъ, чун тасвирсозӣ барои муассир гаштани шеър ва барои тарбияти маънавии башар бояд, ки аз муҳтавои пурбор ва маърифати андеша хуб кор бигирад. Танҳо дар ҳамин хат, яъне хатти маърифат шукӯҳи андеша ва тафаккур шеър метавонад дар тарбияти маънавии башар саҳм бигирад, дар ғайри он шеър аз расолати худ фосила гирифтааст.

Ва ҳар он шеър, ки дар ин фазо навишта мешавад, яъне шоир аз саноии бадеъ аз маънӣ ва шеваи андешаву тафаккур ҳунармандона метавонад истифода кунад, пас шеъри шоире

чунин дар ҷомиа ва замон метавонад таъсир бигзорад. Шоир дар равиши кори худ аз саноеъи бадеъ ва аз ҷилваҳои андеша бояд ҷаззоб истифода кунад, вагарна тасвири тиҳӣ аз муҳтаво ва шукӯҳи андеша дар шеър қолаби зоҳир аст пӯшида дар ранг. Устод Лоиқ дар ҳавзаи шеър ҳамеша аз ин ду рукн мутобиқ ба мазӯъ ва тасвир истифода кардааст, вале дар шеъри ин шоир ангезаи андеша бештар мавҷ мезанад, яъне шеъри ин шоир шеъри андеша аст, на шеъри тасвир. Бо ин вуҷуд устод аз саноеъи бадеъ бисёр ҳунармандона дар кори шеър истифода кардааст, шеъри устод Лоиқ саршор аз ранги тасваир аст, ӯ дар кори тасвир бештар ба маъно ҳақ медиҳад.

Яъне шоир дар халқи шеър ҳам аз саноеъи бадеъ ва ҳам аз андешаву тафаккур баробар кор гирифтаст, аммо дар ҳама ҳолат дар шеъри шоир маъно ва андеша аввал аст. Ва шоири ин сӯҳбат дар халқи шеър ба хусус дар халқи дубайтӣ аз беҳтарин равиш ва аз беҳтарин шеваи тасвир кор мегирад ва аммо шеъри устод бар мабнои маъно шакл мегирад. Қаламрави шеъри устод Лоиқ саршор аз таровати тасвир ва балоғати маъност, ӯ дар кори дубайтӣ ҳам аз фасоҳати забон ва ҳам аз камоли андеша тавониста ҳушмандона каломи худро ба хонанда ироа кунад, шеъри ӯ нарм, латиф ва пурбор аст. Устод Лоиқ дар ҳавзаи дубайтӣ бе тардид аз шоирони аввал аст ва мактаби дубайтиҳои ӯ ҳанӯз он гуна ки мебояд, мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Дубайтии фавқ аз лиҳози ҳунари бадеъ ва андеша дар дебочаи ин сӯҳбат ҳарфи мавриди назари моро собит месозад. Барои бардошти бештар дубора дубайтиро бихонем:

*Дилам дарёст, соҳилҳо, куҷоед?*
*Дилам раҳҷӯст, манзилҳо, куҷоед?*
*Русуми дилбарӣ омӯхтам ман,*
*Шуморо ҷӯям, эй дилҳо, куҷоед?*

Устод дар мисраи аввал аз санъати ташбеҳ кор мегирад ва дили хешро ба дарё монанд месозад ва ин ташбеҳ дар шеъри ниёгон низ ба чашм мехӯрад, Мавлоно аз ин калима ва ин ташбеҳ беш аз ҳар шоири дигар истифода кардаст. Дарё дар ирфон ба маънии инсони комил аст ва ҳастии мутлақро низ

гӯянд, бад-ин эътибор, ки ҷаҳон амвоҷи ӯст ва ин дубайтии устод оканда аз таровати ирфон ва маърифат аст. Ман ба ҳеҷ ваҷҳ бар он нестам, ки собит бисозам устод Лоиқ батамом як шоири ирфонӣ аст ва маҳз дар ин фазо масоили ирфониро дар ғазал ва дубайтиҳои худ ба тасвир гирифтааст.

Аммо ҳарф ин аст, ки ангезаи ирфонгароӣ дар сиришти шоирони воқеӣ нуҳуфта аст ва дар калом ва шеъри шоироне аз ин даст ирфонгарӣ нохудогоҳ буруз мекунад ва дубайтии ҳозир низ дар ҳамин ҳолу ҳаво иншо шудааст. Зеро дарки маъорифи ҳастӣ ва ирфони худшиносӣ, сулуки маънавӣ дар масири шинохт ва талаби камол дар ниҳоди инсон аз ҳамон азал сиришта шудааст ва аҳли дил мутобиқ ба ҳолат ва замон бар он андеша ва тафаккур карданд. Ва раггаҳое аз ирфон дар шеъри устод Лоиқ аз ҳамин ҷост ва устод аз ҳамон шоирони воқеӣ ва асил аст, ки дар шеъри муосири тоҷик бештар ва хубтар аз ҳар шоири дигар шеъри худро рӯҳи ирфонӣ додааст. Масоил ва ҷилваҳои ирфонӣ дар осори устод камранг нест, бахусус дар дубайтӣ, ғазал ва рубоиҳои Лоиқ Шералӣ аз ин ҳолу ҳаво бештар аст ва аҳли таҳқиқ бояд аз ин ҷилваҳои шеъри устод низ бигӯянд.

Дар ҳар сурат дубайтии ҳозир он гуна, ки арз гардид, дар зоҳир ва ботин, фазое дорад, гирфта ва сохта аз ҷаҳони ирфон мисраи аввалро бо ҳамин нигоҳ боз мехонем: Дилам дарёст, соҳилҳо, куҷоед? Ва ирфони дарё он гуна, ки арз гардид дар шеъри шоирони ориф зиёд ба кор рафтааст ва Мавлоно дар ин миён бештар дар корбурди ин калима таваҷҷуҳ доштааст. Бихонем:

*Дарёи дил аз мадҳат меғурраду меҷӯшад,*
*Лекин лаби худ бастам аз шавқи мақоми ту.*

* * *

*Балки ба дарё дарем, ҷумла дар ӯ ҳозирем,*
*Варна зи дарёи дил мавҷи паёпай чарост?*

* * *

*Дарёи ду чашм ӯро меҷусту тиҳӣ мешуд,*
*Огоҳ набуд, он дурр дарёи дигар дорад.*

Устод Лоиқ аз осори ниёгон хуб огоҳ буд ва дар ин замина иттилооти фаровоне ҳам дошт ва гувоҳ дафтари ғазал ва дубайтиҳои шоир аст ва дар ин ривол ба ҷаҳони андешаи шорини клоссик низ амиқ ошно буд. Дар дубайтии ҳозир шӯру шавқ ва талотуми ҷаҳони шеъри Мавлоно рӯшан ба чашм мехӯрад, шоир дар мисраи аввал дили худро ба дарё монанд мекунад ва аз ин баён чанд манзур дорад ва он ҳама манзури хешро дар як калима ишора кардааст. Нахуст мехоҳад бигӯяд, дили ман чун дарё ҳамеша худро меполояд ва чун дарё барои мардум рӯшанӣ мебарад , хушкҳоро обёрӣ мекунад ва ташнагони каломро шодоб.

Дигар манзур аз дарё ҳолати маънавӣ ва ирфон аст, яъне шоир ҳамеша дар сулук ва ишроқ аст ва чун дарёи ишқ шодоб аз файзи талаби маънавӣ аст. Ва ӯ дар зимни баён ва арзи ҳоли маънавии худ суол мегузорад ва мухотабро ба андеша вомедорад ва ҳаққи посух ба ин суолро ба мухотаб медиҳад. Вақте дили инсон мисли дарё саршор аз файз ва раҳмат аст, дар ирфони ҳастӣ ва маърифати зиндагӣ хушбахтии башарро асли зиндагии худ медонад ва ҳаргиз аз ҳолати маънавӣ ва рӯҳонии башар худро ҷудо намедонад. Устод худро, дили худро чун дарё медонад ва дар ҷустӯи мардум аст ва калимаи «соҳил» дар дубайтӣ ҳамин маъниро шарҳ медиҳад, дарё бидуни соҳил дарё нест ва дар перошонии беҳадаф худро гум мекунад.

Ва манзури устод аз ин калима мардум аст ва дар ин маъно мегӯяд дилам чун дарёст ва, эй соҳилҳо, яъне мардум, шумо куҷо ҳастед ман шуморо мехоҳам агар дилам дарёст барои шумо аст. Аммо бидуни шумо ин дили дарё ба чӣ кор ояд, дилам дарёст соҳилҳо куҷоед? Ва устод дар ҷустуҷӯи соҳили шавқ ва соҳили розҳост, то дили дарёи худро дар пои шавқу шодӣ нисори ёрон кунад. Суоли «куҷоед?» барои пурсиш низ ба кор рафтааст ва инсони огоҳ дар зиндагии худ ҳамеша дар ҷустуҷӯ аст, то худро дар ин ҷустуҷӯҳо комил бисозад ва башар аз ҳамон оғоз худро дар роҳи ҷустан шинохтааст.

Агар ин масир набуд, башар дар рукуди маънавӣ қарор мегирифт ва талаби камол ва талаби маърифатро ҳаргиз намедонист, башар вақте рӯй ба ҷустуҷӯ овард худро дар ҷаҳони

дигар дид, ҷаҳони бедорӣ ва ҷаҳони худогоҳиву худшиносӣ дид. Устод Лоиқ дубайтии ҳозирро дар ҳамин фазо гуфтааст ва мехоҳад дар хушксолии меҳру муҳаббат ба мардум паёми меҳру муҳаббат бибарад, табиати дарё такопӯ аст ва туфонҳо низ дорад вале ҳарҷой биравад саломи шукуфтанро бибарад ва манзури устод Лоиқ аз дарё ҳамин паём аст.

Шоир мегӯяд: Чун дарё саломи шукуфтан дорам ва шуморо мехоҳам ва агар шумо нестед, ман ин ҳама тарабу шодобиро куҷо нисор бисозам? Ва агар чун дарё метапам, ин ҳама тапидан ва шодобӣ барои шумост чун дарё омадам ва шумо, эй аҳли шавқ куҷо ҳастед? Дар мисраи дувум аз дубайтӣ устод Лоиқ изҳор медорад; Дилам раҳҷӯст, манзилҳо, куҷоед?. Шоир дар мисраи ҳозир манзури хешро рӯшан месозад ва маънӣ дар сурати асл рух нишон медиҳад. Ва дар мисраи дувум устод Лоиқ аз калимаи «раҳҷӯст» кор мегирад ва ин таркиб аз ду калима мураттаб гардидааст, аз калимаи «роҳ» ва «ҷӯст» ва аз ин ду калима таркиби «раҳҷӯст» шакл мегирад ва маъно ҳамон ҷустуҷӯ аст ва устод ин таркибро барои баёни манзури хеш истифода кардааст. Корбурди ин калима дар дубайтӣ барои зоҳир ва сохтори бурун нест, балки асолат ин таркиб дар шукӯҳи тафаккур ва андеша шаҳомат мегирад ва мақсудро дар фазои дубайтӣ шакл медиҳад.

Дар ин хат тамоми маънии дубайтӣ пеши назар ҷилва мекунад ва ҳаққи таркиби раҳҷӯст дар мисраи дувум бисёр чашмгир аст, шоир бо истифода аз ин таркиб фазои ботинро дар калимот нерӯ медиҳад. Ва ҳузури тамоми калимот дар ин дубайтӣ барои маънои ботин аст ва дар ин дубайтӣ асл ва манзури шоир маърифати ботин аст дар калимот ва манзури шоир дар зеҳни калимот дар ин дубайтӣ ҷорист. Ва фазои маъно дар ин дубайтӣ саршор ва рӯшан аз нури хирад аст ва оканда аз атри хаёл, дубайтӣ дар ин ду хат ҳам дар зоҳир ва ҳам дар ботин аз лиҳози сохтор маҳкам ва устувор аст. Яъне дар кори ин дубайтӣ устод аз ҳунар ва балоғати хаёлу андеша бисёр ҷолиб ва зебо кор гирифтааст, шоир дар ин дубайтии шево аз зарб ва мусиқии калимот ва таносуби маъно аз шигардҳои ноз истифода кардааст.

На ҳар шоир дар кори дубайтӣ битавонад ин гуна ширин

ва шевову нарм ва латиф маъноро дар рангҳои зебоӣ ва маъноро дар зоҳир ва ботин ба тасвир бигирад ва аз ин ҷост, ки дубайтиҳои устод дар зеҳн ва дил зуд менишинад ва хотиру дилро хаста намекунад. Фитрати ҳушёри устод дар кори шеър худро нишон додааст ва аз файзи он шоир дар шеъри муосир рӯҳи зангхӯрдаи ғазал ва дубайтиву рубоиро полоид ва бо иксири хаёл миси калимотро ба зар табдил дод, зари маънавӣ, ки дилҳоро аз файзи калимот шодоб месозад. Барои ғановати бештар аз фазои маънавии дубайтӣ хуб аст агар аз дигар онро бихонем:

*Дилам дарёст, соҳилҳо, куҷоед?*
*Дилам раҳҷуст, манзилҳо, куҷоед?*
*Русуми дилбарӣ омухтам ман,*
*Шумор ҷӯям, эй дилҳо, куҷоед*?

Устод Лоиқ дар мисраи дувум он гуна ки мушоҳида шуд, барои дили солики хеш манзили маърифат ҷустуҷӯ дорад ва ишорат мекунад, дар ин ҷустуҷӯ хастагиро намедонад. Манзил дар ин дубайтӣ нимоди аҳли дил аст ва муроди шоир аз ин калима аҳли дил бошад ва мехоҳад бигӯяд, ман аз табори аҳли дил ҳастам ва барои худ ҳамдиле мехоҳам. Ҳамон тавр ки Мавлоно чароғ бигрифт ва дар шаҳр гашт , то ҳамдилу ҳамрози хешро пайдо кунад ва устод Лоиқ низ чун Мавлоно дар ҷустуҷӯи ёрони ҳамдил ва унс аст. Ва манзил он ҷо аст, ки ёрон даври ҳам меоянд ва номи он маҳфили унс аст ва дар маҳфиле чунин ёрони ҳамдил чун бо ҳам менишинанд, аз ҷаҳони ишқ ва маънӣ ва ирфон сӯҳбат мерояанд. Аз мисраъ чунин бармеояд, ки устод сахт муштоқи ёрони ҳамдил ва ҳамроз аст ва бар ин маънӣ мегӯяд дилам дар ҷусуҷӯи манзил аст, манзили унс. Дар мисраи севум мегӯяд, русуми дилбарӣ омӯхтам ман ва ин худ санад бар он аст, ки шоир аз тариқат ва расму ойини ирфони дил огоҳ аст.

Ҳузури дил дар ҷаҳони зиндагии инсон ҷаҳони дигаре аст ва бар он ишороти фишурда доштем, яъне шоир ба ирфони дил эътимод ва бовар дорад ва дар ин мадраса дарси дил омӯхтааст. Ва ин худ аз он гӯяд, ки устод Лоиқ дар масири

ирфон гомҳое бардоштааст ва дар нигоштаҳои худ аз он таҷруба истифода кардааст, қабл аз он ки шоир дар ин масир қадам бигзорад, расму ойини тариқат меомӯзад. Ва ҳуҷҷат бар ин иддаои мо ҳарфи худи устод аст, ки мефармояд, русуми дилбарӣ омӯхтам ман ва ин мисраъ аз он башорат медиҳад, ки шоир дар ин сулук пири маънавӣ низ доштааст ва ман тахмин мезанам, ки пири маънавии устод Мавлоност ва ин ҳарфро худ шеърҳои устод таъйид мекунад.

Устод дар яке аз ғазалҳои хеш мегӯяд: Ало, девони Мавлоно, маро ту зинда хоҳӣ дошт. Ва манзур аз девони Мавлоно ҷаҳони каломи шоири ориф аст ва ҷаҳони Мавлоно ишқ ва ирфон аст. Устод Лоиқ бешак аз ирфони шеъри шоири ориф огоҳ будааст. Устод Лоиқ дар шеъри муосир нақши боризе дорад ва ин нақш бисёрпаҳлӯ аст ва яке аз ин паҳлӯҳо ҷилваҳои ирфонии шеъри устод аст ва таҳқиқу пажӯҳиши ин мавзуъ барои аҳли калом ва адаб аз ҳар нигоҳе муфид аст. Таркиби «дилбарӣ» бар маънии равиши ишқбозӣ, сулук, ирфон ва шинохтан ва дарси маърифат бошад, Хоҷаи Шероз гуфтааст:

*Ба май саҷҷода рангин кун, гарат пири муғон гӯяд,*
*Ки солик бехабар набвад зи роҳу расми манзилҳо.*

Вожаҳои расм, ҷода, манзил, дил, омузиш дар мактаби ирфон аз вожаҳои муҳим аст ва устод Лоиқ фикр намекунам аз ин вожаҳо танҳо барои ороиш хаёл ва фароғати завқ истифода кардааст. Ӯ шоири завқ буд ва аммо ҳаргиз дар ин калима шеъри худро хулоса намекард. Ӯ барои завқ шеър намегуфт, балки сулуки маърифат ва тарбият аз шеърро дар кори суханварӣ аввал медонист. Яъне, шеър барои устод тарбият ва худогоҳӣ буд ва аз ин зовия шеър мегуфт ва калимоте чун тарбият ва худогоҳӣ аз калимоти муассир дар ирфон аст ва аз инҷост, ки мегӯям дар осори устод Лоиқ раггаҳои ирфонӣ кам нест ва наметавон ин раггаҳоро нодида гирифт.

Дилбарӣ дар луғат бар маънии он корҳо аст, ки дилбар мекунад ва низ роҳу равиш дил бурдан низ бошад Хоҷа Ҳофиз гуфта:

*Шоҳидон гар дилбарӣ з-ин сон кунанд,*
*Зоҳидонро рахна дар имон кунанд.*

Устод Лоиқ агар ҳам мустақим эълом накардааст, ки шоири ориф аст, аммо он чи нигоштааст, моро ба он вомедорад, ки шеъри ӯ дар ин фазо ҳам бояд, ки баррасӣ гардад. Дар мисраи чаҳорум аз ин дубайтӣ устод парда аз манзури хеш бармедорад ва мегӯяд: Шуморо ҷӯям, эй дилҳо, куҷоед?. Ва маънӣ аз нигоҳи устод он аст, ки инсон дар зиндагӣ бояд аз дил фаромӯш накунад, дил барои инсон аз ҷаҳони дигар расидааст ва инсон дар зиндагии худ онро бояд, ки биомӯзад ва бишносад.

Устод дар ҷустуҷӯи дил аст ва барои расидан бар ин орзу русуми дилбарӣ меомӯзад ва омӯхтани ҷаҳони дил дар як фурсати андак корест ғайриимкон ва аз ин ҷост, ки шоир мегӯяд омӯхтам. Ва омӯхтани ҳар ҳунар замон мехоҳад ва аммо ҳунари дилбарӣ замонҳо. Аз ин нигоҳ шоир арз медорад ва мегӯяд: Ман инак дар он мақоме ҳастам, ки бояд ворид шавам ба ҷаҳони дил ва ҳам аз ҳақиқати дил бидонам ба ин манзур дар ҷустуҷӯи дил ҳастам, ин бардошт аз он бигӯяд, ки шоир дар тариқати дил ба камоли лозим расидааст.

Ва шоир дар маънои асл дили бедор, огоҳ, саошор аз дилбариро талаб дорад, вагарна ҳар кас дар сина чизе ба номи дил дорад, вале устод дар ҷустуҷӯи дили воқеӣ аст ва ҳама бузургон дар ин масир будаанд. Лоиқ Шералӣ мисли он ҳама шоирони бузург мехоҳад аз ҷаҳони мастури дил розеро кашф кунад ва маҳз дар ҳавои ин орзу қадам дар марзи ирфон ниҳодааст ва дигар чӣ фарқ мекунад, то ин сарзамин чӣ тавр расидааст, дар ҳар сурат бидуни таҷруба метавон гуфт, наомадааст.

## ҲАМА СӮЗАНД АНДАР ОТАШЕ, ЛЕК…

*Дили ошиқ зи ҳаҷри маҳваше сӯхт*
*Дили шоир пайи байти хуше сӯхт.*
*Ҳама сӯзанд андар оташе, лек*
*Дили ман дар ғами беоташӣ сӯхт.*

Ҳар як аз дубайтии утод Лоиқ Шералӣ аз нигоҳи ҳунари адабӣ дар беҳтарин сурат халқ шудааст ва дар ҳар як аз дубайтиҳои шоир ҷаҳоне аз меҳру муҳаббат ва шукӯҳи андешаро метавон ба тамошо нишаст. Он тавр ки як нафар дар тамошои як тасвир хуб эҳсоси ризоят мекунад ва дар умқи рангҳои тасвир фурӯ меравад, то ҷаҳони маъниро дар он кашф кунад ва дарёбад. Дубайтиҳои устод Лоиқ Шералӣ дар ин қиёс ҳар кадом мисли як наққошии зебо ва ҷолибе аст ва бояд дубайтиҳои устодро ҳам ба тамошо нишаст ва ҳам бояд амиқ мутоила кард.

Дар ин ду ҳолат зебоӣ, шевоӣ, балоғати ҳунар ва зарфияти ҳунари устодро метавон хубтару беҳтар шинохт, зеро дубайтиҳои устод Лоиқ дар ин хат ва ин фазо мисли як тасвири зебоест, печида дар андӯҳ ва лабхандҳои зиндагӣ. Дар лобалои дубайтиҳои шоир ҳамеша як ҳузни нарме ҷорӣ аст ва ин ҳузни ширин дубайтиҳои шоирро таровати аҷибе додааст ва агар ин ҳузнро аз дубайтиҳои устод берун биёварем, он ширинии қабл ва таровати ниҷиб дар дубайтиҳо гум мешавад. Рӯд то ҷорӣ аст, садои нарми об дар синаи рӯд мавҷ мезанад ва шунидани он садо чӣ қадар хуш аст, тасаввур фармоед об бидуни садо ҷорӣ аст ва ин ҳолат чӣ қадар дилгир аст. Дар рӯд садои мавҷ садои мусиқӣ аст ва он ҳам ҳамон ҳузни ширин аст, ки шунидани он дилро менавозад ва тасаллӣ медиҳад.

Хоҷа Ҳофиз дар ҳамин зимн гуфтааст:

*Бинишин бар лаби ҷӯву гузари умр бубин,*
*К-ин ишорат зи ҷаҳони гузарон моро бас.*

Ин байт саршор аз мусиқӣ аст ва саршор аз балоғати ҳунар мусиқӣ дар ин байт ишорати дарё аст, ки он ҷорӣ аст ва ишорат мекунад, ки умр низ мисли об дар ҷӯи вақт ҳар лаҳза мегузарад ва Хоҷа садои ин мусиқиро мешунавад ва мебинад дар таҳти ин мусиқӣ чӣ тавр умр дар гузар аст. Дар дубайтиҳои устод Лоиқ мусиқии ҳузн чунин нақше дорад ва шунидани он аз лобалои калимот дилро ҳам таскин медиҳад ва ҳам менавозад ва дар ин раъс андеша ва маънӣ аст, ки дар калимот ҷон мегирад ва дар рангҳои тасвир хулоса мешавад.

Дар ин хат мешавад гуфт, ки аксар аз дубайтиҳои шоир аз зарб ва лаҳни мусиқие чунин дур нест ва маҳз ҳолу ҳавои ҳамин мусиқии гарм ва нарм сабки устодро дар кори дубайтӣ ҷолиб кардааст. Ҳолати маъно, ҳалоти нигоҳ, ҳинҷорҳи забонӣ ва бадеияти хаёл дар сохтори дубайтиҳои устод Лоиқ Шералӣ саршор аз ҳамин равиши мусиқӣ аст ва дар ин ҳошия каломи шоир дар халқи дубайтӣ нобтар аст. Бе ҳеч шакке фазои нигоҳ, тафаккур, забон, баён ва мавзӯъ дар дубайтиҳои шоир дигартар аст ва аз ин ҷост, ки вақте бо дубайтиҳои шоир маҳшур мешавӣ, дил намехоҳад аз он ҷудо шавад. Шоир, мешавад гуфт, дар кори дубайтӣ бештар ҳолоти ваҷдро доштааст ва садои шоир аз дубайтиҳои ӯ бисёр рӯшан шунида мешавад ва ин аз он гӯяд, ки устод дар халқи дубайтӣ бештар ҳузури дил дошта ва камтар ҳузури хаёл.

Манзур он бошад, ки шоир дар халқи дубайтӣ аз ҳузури дил файз гирифтааст, яъне аввал дубайтӣ дасти шоирро гирифтааст, агар рӯшантар бигӯям, дубайтӣ омада дунболи ӯ, ҳузни ширини дубайтӣ аввал дар дили шоир боридааст ва дар сурати калима хулоса шудааст. Ҳузни ширин ва гарми фазои мусиқӣ дар ҳавзаи дубайтиҳои шоир аз ҳамин ҷо маншаъ мегирад ва ин ҳолат ҳамон ҳолати ваҷд аст, дар каломи шоироне чун Мавлоно, Ҳофиз ин фазо рӯшан ба чашм мехӯрад. Дубайтии ҳозир аз он бигӯяд, ки шоири ин сӯҳбат

дар халқи шеър, бахусус дубайтӣ, истеъдоди фавқулодаро соҳиб аст ва дар ин ҳавза аз шоирони устувор ва аввал бошад. Шоир дар мисраи аввал аз ин дубайтӣ мегӯяд: Дили ошиқ зи ҳаҷри маҳваше сӯхт ва он чи дар ин мисраъ аз нигоҳи калом ва шеър муҳим ба назар меояд таркиби «дили ошиқ» аст ва калимоти дигар дар фазои ҳамин таркиб ҳолати шеър мегирад.

Агар аз ин калима дар мисраъ бигзарем, фазои маъно ва шеърият дар ин мисраъ тира мешавад ва таркиби мазкур мисли як равзане аст, ботини каломоти боқӣ аз он рӯшан мешавад дар мисраъ ин равзанро фаразан барои як лаҳза ҳам агар бубандем, зебоӣ ва балоғат дар мисраъ бебор мешавад. Мисраъ дар гарави ин таркиб бадеияти шеърӣ мегирад ва ба ҳусни маънӣ мерасад, агарчи калимот сода ба назар меояд, аммо аз лиҳози баёну мусиқӣ ва хаёл халқ кардан дар ин сабк кори сахте аст. Шоир бояд бисёр ҳассос ва ҳушманд бошад, то битовонад дар фазои дар зоҳир сода ҳунар ва заковати баланди андешаро тарҳ бирезад чун дар ин дубайтӣ ва ин мисраъ, ки шоир аз калимот ба таври шигард кор гирфтааст.

Таркиби «дили ошиқ» дар ин дубайтӣ нимоди ишқ, муҳаббат ва дӯст доштан аст ва на ҳар дил донад, ки ишқ чист ва дили ошиқ чӣ нашъате дорад ва шоир мегӯяд дили ошиқ аст, ки дар ишқи маҳбуб месӯзад ва сӯхтан хоси дили ошиқ бошад. Дар ин ривол, мегӯяд, дили ошиқ дар фироқи маъшуқ месӯзад ва ин сӯхтан на сӯхтани ҷоҳу ҷалол ва сарвату дороӣ бошад, балки он сӯхтани дили ошиқ аст ва ҳеҷ сӯхтан ба он баробар нест. Ҳаҷр бар маънии фироқ ва дурӣ аз маҳбуб бошад ва дили ошиқ, вақте дар ҳаҷр бошад дар оташи он бисӯзад ва ин сӯхтанро ошиқ барои худ неъмат бидонад ва ҳатто ҳаҷри маъшуқ дӯст доштанӣ аст ва ошиқ аз файзи он ба камоли ишқ мерасад ва сӯхтан аз ин рӯ барои ошиқ лаззатбахш аст.

Калимаи «маҳваш» нимоди маъшуқ ва маҳбуб бошад ва дар ин хат ба зебоии маъшуқ низ ишора аст ва ин калима бозгӯи ҳусни маҳбуб аст. Ин калима киноя аст аз ҷамоли маҳбуб ва зебоии маъшуқ дар корбурди ин калима шоир ҳусни маҳбубро сифат мекунад ва моҳ дар адаби порсӣ ни-

моди зебоӣ ва нимоди маъшуқ аст. Устод дар дубайтии ҳозир калимаи маҳвашро барои ҳамоиши зебоии маъшуқ истифода кардааст ва маънии дигар низ дар ин мисраъ ниҳон аст ва бо истифода аз ин калима мехоҳад бигӯяд, инсон ҳам чун парвардигори худ зебоиро дӯст дорад. Ва инсон ҳамеша ошиқи зебоӣ хоҳад буд ва агар зебоиро фаромӯш кунад ишқро фаромӯш хоҳад кард, то вақте зебоӣ ҳузур дорад, инсон ишқро таҷруба хоҳад кард, зебоӣ ва инсон ин ду ҳаргиз аз ҳам ҷудо набудааст ва шоир дар дубайтӣ аз ин зовия бо калимот бархӯрд кардааст.

Агар дил ишқро фаромӯш кунад, зебоиро гум хоҳад кард ва аз ин рӯ зебоӣ ҳам нимоде аз ишқ бошад, дили ошиқ аст, ки медонад арзиши зебоӣ, баҳои зебоӣ чист, ва агар ишқ набуд ангезаи зебогароӣ низ набуд ва моҳ низ моҳ набуд ва танҳо сайёрае буд сар дар фалак, аммо аз баракати ишқ он зебо шуд ва таҷаллии ҷамоли маъшуқро ба худ гирифт. Дар мисраи дувум аз дубайтӣ шоир ба дили шоир ишорат мекунад ва мегӯяд; дили шоир, пайи байти хуше (х-ваше) сӯхт, ва манзур дар мисраи дувум аз дубайтӣ ҳамоиши дунёи дили шоир аст. Чаро шоир сӯхтани дили шоирро дар пайи як байти хуш медонад?

Ва бо истифода аз ин таъбир устод Лоиқ чӣ мехоҳад? Байти хуш нимоди ганҷи маънавӣ ҳаст ва хар ки онро дорад аз ишқ ва зебоӣ низ бархурдор аст ва ҳар кӣ ин ганҷ надорад, зебоиро намешиносад ва беҳтар он аст, агар бигӯем зебоиро ҳис намекунад. Зеро ин ду калима дар баён аз нигоҳи маъно тафовут дорад ва шинохтан дигар башад ва ҳис кардан дигар бошад. Бархе зебоиро мешиносад ва чун ба ҷамол ва зебоӣ нигоҳ бикунанд, медонанд он ҷамол зебо аст, аммо аз шинохти зебоии ботин оҷиз ҳастанд. Масалан фарде ба тасвире нигоҳ мекунад ва ба тамошои он менишинад ва рангҳоро дар зебоӣ дармеёбад ва аз ӯ агар бипурсанд, ки тасвир зебо аст бигӯяд, оре зебо аст ва аммо агар бипурсанд ин зебоиро шарҳ бидеҳ, гӯяд, натавонам. Ва ин ҷо ҳамон ҳис аст, ки дар ишон он ҳузур надорад ва ҳар он ки аз ин басират бархурдор нест, ӯро аз нигоҳи равонӣ нуқс бошад, дар ин мавзӯъ шайх Саъдӣ чӣ хуб гуфта:

*Чашми кӯтаҳназарон дар варақи сурати хубон*
*Хат ҳамебинаду ошиқ қалами сунъи Худоро.*

Устод Лоиқ дар ин дубайтӣ аз ҳамин зовия сухан мегӯяд ва таъкид медорад, ки шоир ҳамеша ошиқ аст ва дар ин ривол барои шоир зебоӣ ва шинохти зебоӣ воҷиб аст, агар шоир аз ирфони зебоӣ ва дарки зебоӣ огоҳ нест, ӯ наметавонад бидонад лаззати як байти хуш чист ва шоир дар як байти хуш чӣ ҷаҳонеро мебинад. Ва шоири ин дубайтӣ низ дар фарози як байт ҷаҳоне аз зебоиро пайдо кардааст, дар ин хат ӯ нишон медиҳад, ки дили шоир ҳамон дили ошиқ аст, ки аз ҳаҷри маҳваше месӯзад. Яъне шоир худ ҳамон ошиқ аст ва дар шинохти зебоӣ як байти хушро чун рӯи маҳбуб дӯст дорад ва аз ҳаҷри маҳбуб ва сӯзи дили ошиқро хуб мефаҳмад ва дар ин ривол мехоҳад бо як байти зебо дили ошиқро шод кунад.

Мисраъро аз дигар бихонем; дили шоир пайи байти хуше сӯхт ва калимаи хуш дар ин мисраъ ҳамон шинохтани зебоӣ аст дар равиши дигар ва калимаи маҳвашро бо ин калима иртиботи маъноӣ бошад. Ҳаркӣ бар рӯи зебо ва чеҳраи маҳваш бингарад, агар хотире гирифта дорад, хуш мешавад ва аз ин нигоҳ аст, ки мисраи аввал ва дувумро аз лиҳози мантиқ ба ҳам наздик месозад, аз тамошои зебоӣ дил ҳоли дигар мегирад ва шоир мехоҳад бо истифода аз ин ду калима ҷаҳони дили ошиқро тасвир кунад. Ҳоло ин ду мисраъро дар канори ҳам бихонем:

*Дили ошиқ зи ҳаҷри маҳваше сӯхт*
*Дили шоир пайи байти хуше сӯхт.*

Устод Лоиқ дар ин фазо нигоҳро он тавр ки арз гашт ба сӯи зебоӣ хира месозад ва дар ин хат ҳолати хешро тасвир мекунад ва дар ин қаламрав арзиши маънавии зебоӣ ва шинохтани онро ба таҳқиқ мегирад ва хонанда ба ҷаҳони зебои шоир бо дили гарм ворид мешавад.

Дар мисраи севум устод Лоиқ аз калимаи ҳама кор мегирад ва дар фазои ин калима иттифоқи сӯхтан дар оташро ба тасвир мегирад ва дар ин хат равишҳои дар оташ сӯхтанро

нишон медиҳад. Ҳалқабандии маъно дар дубайтӣ мисраъ дар мисраъ шакл гирифтааст ва ҳар мисраъ дар ин дубайтӣ ҳолате аз маъноро ҷилва медиҳад ва ҳар мисраъ як такбайти зебо ва аз лиҳози маъно ва тасвир аст.

Ва танҳо шоири нозукбин ва борикбин метавонад дар халқи дубайтӣ, ки жанри бисёр душвор аст, маъно, тасвир, забон ва сабки баёнро дар ҳадди матлуб бигӯяд. Устод Лоиқ Шералӣ воқеан дар кори дубайтӣ шоирест истисноӣ, яъне шоире, ки дар халқи дубайтӣ камназир аст ва ҳузури шоироне чунин шеърро ва каломро қадру мақом медиҳад. Ҳузури устод Лоиқ дар шеъри муосири тоҷикӣ неъмате буд ва аз ин неъмат қарнҳо машавад файзи маънавӣ гирифт. Каломи Лоиқ мисли оби зулол ташнагии ҷонро мешиканад ва чун мусиқӣ хотирҳоро менавозад ва чун хуршед ҷонҳои сардро гарм медорад. Устод дар мисраи севум он гуна ки арз гардид, ҳолати сӯхтанро дар калимот ранг мебахшад. Шоир мегӯяд, ҳар кас дар ин зиндагӣ дар оташе гирифтор аст ва дар он месӯзад.

Башар худогоҳ ва нохудогоҳ дар оташе аст ва дар он месӯзаду месозад ва агар дар ин миён оташи ишқ, оташи муҳаббат ва оташи сидқ набуд, башар дар фарозу фурудҳои зиндагӣ нашъати зистанро, нашъати инсон буданро дарк намекард. Шоир дар мисраи севум арз медорад, ҳар инсон дар умқи оташе ҳаст ва инсонҳо худ барои худ оташе афрӯхта кунанд ва дар ин миён оташи ҷаҳл ва оташи ғафлат инсонро аз масири худогоҳӣ ва бедорӣ берун созад. Шоир дар дубайтии ҳозир ҳамин маъноро баён мекунад ва мехоҳад бигӯяд дар ҷаҳон ҳар касе дар оташе гирифтор аст ва дар он месӯзад, бархе дар оташи қаҳр, бархе дар оташи ҷаҳл ва бархе дар оташи ишқу муҳаббат.

Устод Лоиқ дар ҳамин фазо ҷилваҳои сӯхтан дар оташро тарҷеҳ медиҳад. Барои ифодаи ин матлаб шоир шеваи баёнро дар мисраи севум ин гуна тасвир мекунад; ҳама сӯзанд дар оташе ва баёни оташе ишорат аст ба навъи сӯхтан яъне ҳар касро оташе бошад барои сӯхтан. Шоир дар мисраи чаҳор ҳарфи худро бар мабнои мисраи севум шарҳ медиҳад ва боз ҳам аз калимаи «оташ» истифода мекунад, вале дар фазои дигар ин калимаро тавзеҳ медиҳад. Шоир дар зимни мисраи се-

вум мегӯяд: Дили ман дар ғами беоташӣ сӯхт. Ва ин мисраъ аз ҳолати дигар ва ҷаҳони дигари инсон ҳарф мезанад, шоир дар мисраи севум он тавр ки ишора рафт, мегӯяд ҳар кас дар ин ҷаҳон дар оташе месӯзад ва онро инсон худ барои худ меафрӯзад. Ва дар мисраи охир шоир маъноро дар мизони андеша мавзун месозад ва манзур аз мавзун, санҷида гуфтани маъно аст ва онро устод дар таркиби беоташи тарҳ мебандад.

Оташ яке аз аносири чаҳоргона аст, дар шумори об, бод ва хок, оташ дар адаб ва шеъри шуаро аз зовияи мутанаввеъ истифода шудааст, вале манзур дар аксар мавридҳо аз ин калима шӯъла, сӯз ва фурӯғи ишқи илоҳӣ аст. Шайх Аттор мегӯяд:

*Ҳамон оташ, ки дар Ҳаллоҷ афтод,*
*Ҳамон дар рӯзгорам уфтодаст.*

Хоҷа Ҳофиз:

*Оташ он нест, ки бар шӯълаи ӯ хандад шамъ,*
*Оташ он аст, ки бар хирмани парвона заданд.*

Устод Лоиқ бо истифода аз ин калима мехоҳад таъсири сӯхтанро дар зиндагии маънавии инсон нишон бидиҳад ва маъниии дигар аз ин калима талошу ғайрат низ бошад, оташи шавқ, ғайрат дар зиндагии башар бисёр муассир аст. Агар инсон дар дил оташи ишқ ва оташи ғайратро надорад, дар зиндагӣ наметавонад муваффақ бошад аз ин нигоҳ шоир мегӯяд дили ман дар ғами беоташӣ месӯзад, яъне беоташӣ барои инсон бисёр сахт аст ва инсонро шоиста нест, ин гуна ба сар барад. Устод Лоиқ бо ин нигоҳ моро ҳушдор медиҳад, то дар зиндагӣ аз сӯхтан дар ишқ фаромӯш насозем ва ҳар он ки дар зиндагӣ аз сӯхтан фармӯш карда, аз сӯзу сози ҳастӣ ӯро хабар нест.

## СОАТЕ ЧАНД ДАР МАҲФИЛИ ДИЛ

*Замоне роҳу манзил доштам ман,*
*Ба мисли рӯд соҳил доштам ман.*
*Дили ман об шуд байни ду соҳил,*
*Дареғо, як замон дил доштам ман.*

Кори дубайтӣ дар зоҳир сода ба назар меояд ва аммо ба ҳеҷ ваҷҳ ин гуна нест. Дубайтӣ аз душвортарин ва сангинтарин жанрҳост ва халқи дубайтӣ он тавр ки ба назар меояд, сода нест. Шоир дар халқи дубайтӣ бояд аз калимот ва маъно дар сохтори зоҳир кор нагирад яъне дар кори дубайтӣ шоир бояд, ки заргари калимот бошад ва шоир дар маъно дар забон ин равишро риоят кунад. Дигар ҷилва, ки дар кори дубайтӣ бисёр муҳим ба назар меояд ва он муҳим низ ҳаст ҳузури маъно дар ҳар мисраъ ва хулосаи ниҳоӣ, аст дар кори дубайтӣ ва шоир онро мисраъ дар мисраъ гиреҳ бояд бизанад ва дар мисраи чаҳор ин гиреҳро боз бикшояд. Ва ҳар шоирро ин ҳунар дар кори дубайтӣ набошад ва аммо шоири ин сӯҳбат дар кори дубайтӣ нигоҳи рӯшану гарм ва хаёли рангборе дошта ва аз ин ҷост ки дубайтиҳои ӯ дар шеъри муосир нотакрор аст ва саршор аз дарси маърифат.

Устод Лоиқ дар қаламрави дубайтӣ калимотро дар қолаб ва шакл чун заргари чирадаст нақш мерезад ва ҳар нақш дар муҳтаво дар саноии бадеъ шукуфо мешавад ва ҳамин ҷавҳари андеша аст, ки дубайтиҳои ӯ ҳамеша зебову хонданӣ аст. Андешаи шоир дар ботини калимот шакл мегирад ва дар зоҳири калимот рух нишон медиҳад, яъне устод Лоиқ дубайтиро танҳо дар сохтори зоҳир халқ намекунад, балки барои шоир дар халқи дубайтӣ муҳим фазои ботин ва маънавии дубайтӣ аст. Дар ин хат шоир дубайтӣ мегӯяд ва балоғати андеша, балоғати маъно, балоғати тасвир дар

ҳавзаи дубайтиҳои ӯ дар ҳадди камол аст ва ин ҳолатро шоир талош кардааст дар халқи ҳама дубайтиҳои хеш истифода кунад, фазои дубайтиҳои ӯ аз ин назар равишҳои махсуси худро дорад.

Таҳқиқ ва баррасии ин хусусиёти адабӣ ва ҳунарии дубайтиҳои устод Лоиқ ҷилваҳои тоза ва рангҳои тозаеро аз шевои кори ӯ барои аҳли завқ ва ҳаводорони каломи шоир тақдим медорад. Шоир дар дубайтии ҳозир низ чун дубайтиҳиои дигар аз худ дар ду бахш ҳарфи лозимро баён меунад, аввал ҳамон сохтори зоҳир аст дар калимот ва дар аркони ҳар мисраъ, дубайтӣ аз нигоҳи зоҳир ҳам бисёр зебо ва шево аст. Хондани он мисли як мусиқии ноб дар рӯҳ ва дил ҷорӣ мешавад ва лаззати мусиқии калимот хотирро ширин мекунад, мисли он ки дил дигар намехоҳад худро аз он фазои ҷодуӣ дур кунад, ҳузур дар онро барои хеш ғанимат медонад. Мусиқии калимот ва мусиқии ботин дар калимот фазои дубайтиро тамошоӣ ва шуниданӣ кардааст ва аз ин дубайтӣ мешавад аз ҳар калимот ҳолатеро ламс кард ва дар онҳо пайваст шуд ва дар замоне қадам зад ва дар соҳили хаёлҳо нишаст ва аз ёди гузаштаҳо қатра-қатра аз дарун об гашт ва дили ошиқи хешро ба хотир овард. Дар ин фазо дубайтиро дубора бихонем:

*Замоне роҳу манзил доштам ман,*
*Ба мисли рӯд соҳил доштам ман.*
*Дили ман об шуд байни ду соҳил,*
*Дарего, як замон дил доштам ман.*

Дар мисраи аввал аз ин дубайтӣ шоир аз калимаи замон кор гирифтааст ва ин калима дар кори дубайтӣ заминаҳои дигарро барои баёни андеша ва манзури лозим омода кардааст. Ҳаққи ин калима дар сохтори ин дубайтӣ аз калимоти дигар бештар агар ҳаст, мешавад гуфт, ки камтар нест, калимоти дигар аз ҳузури ин калима шеърият ва бадеият гирифтаанд ва зеботару шевотар худро ҷилва низ медиҳанд. Манзур аз ин калима дар дубайтӣ аввал рӯзгор аст ва баъд вақт, ҳангом дар ҳамин ҳолу ҳаво Хоҷаи Шероз фармудааст:

*Дар ин хаёл ба сар шуд замони умру ҳанӯз*
*Балои зулфи дарозат ба сар намеояд.*

Ва манзури утод Лоиқ аз ин калима гузашти умр аст дар фарозу фуруди вақт ва ҳамин як калима фазои дубайтиро нурбор аз андеша ва шеър кардааст ва ҳеҷ кас бо ин дубайтӣ эҳсоси бегонагӣ намекунад. Зеро маънову андеша дар ин дубайтӣ бо ҳисси ҳар касе ошно аст ва ҳар кас гузаштае дорад ва аз он ҷудо нест ва дар ҳар лаҳзаи мувофиқ аз рӯзгори гузаштаи хеш ёд меоварад. Ҳар шоир дар кори худ дӯст дорад аз калимоте истифода кунад ва дар ҳавзаи андешаи ҳар шоир аз ин даст калимотро мешавад пайдо кард ва маҷмуи ин калимот махсуси он шоир аст ва дар осори шоир он калимот нимоди ҷаҳони андеша ва афкори шоир аст.

Масалан, дар осори Ҳаким Фирдавсӣ бештар ирфони хирадгарой васф мешавад, агарчи ба ӯ шоири ҳамосаҳо гуфтаанд, вале дар кори худ Ҳаким Фирдавсӣ ҳамон шоири хирадгарост. Ва ӯ ҳатто дар ҳангоми истифода аз калимоти ҷанг, набард рӯҳи хирадгароии худро канор намегузорад:

*Ҳама ҷомаи разм берун кунед,*
*Ҳама хубкорӣ ба афзун кунед.*

Дар шеъри Ҳофиз бештар калимаи май, соқӣ, ринд, харобот, ишқ, хирқа, пир, зоҳид ва шайх мушоҳида мешавад ва навъе аз ин калимотро дар шеъри Хоҷа машавад вожаҳои калидии шеъри шоир гуфт. Мирзо Бедил аз калимоте чун ойина, ҳайрат, тамошо… фаровон кор гирифтааст ва шоири ин сӯҳбат низ дар калимоти дӯстдошаи худро дошта ва дар осори худ аз он калимот истифода кардааст. Дар осори устод Лоиқ калимоти дарё, манзил, роҳ, дил, Ватан, модар, дӯст, ҷом ва ишқ аз калимоти нимодӣ аст ва фазои шеъри шоир аз атри ин калимот муаттар ва шодоб аст.

Шоир дар ин дубайтӣ аз гузашти умр мегӯяд ва ҳар калима ба ҳолати замон, ки дар он шоир хузур дошта, ишорат мекунад ва шоир аз дарикаи замони ҳозир ба он замон, ки вақте дар он ҳузур дошта, назар меафканад ва аз он замон хабар

медиҳад. Дар мисраи аввал шоир тарҷеҳ медиҳад, он чи имрӯз маро дар ихтиёр ҳаст асли ман нест ва асли ман дар гузашта аст, замоне ки марди сафар будам. Калимоти «роҳ» ва «манзил» дар мисраи аввал аз он бигӯяд, ки шоир дар дил аз гузашта ҳасратҳое дорад ва бо ёди он айём дилро хуш медорад ва роҳ доштан бар маънии мақом ва мартабаву ҳабиб доштан аст. Манзил нимоди макон ва ҷой аст ва шоир ин дуро дар дубайтӣ сифат мекунад ва манзури асл дар он фарози маънавӣ ва ҳамдилӣ аст ва на шиква аз бехонумонӣ, роҳ аз он гӯяд, ки шоир дар сафари маънавӣ ҳабибу муштоқе дошта ва ҳар вақт чун дилтанг мегардид, мерафт пеши ҳамдили хеш. Ва ин ду калима бар он ишорат мекунад, ки ӯ аҳли инзиво набудааст ва ҳамвора дар маҳфили ёрон тарабҳо доштааст. Дар ин хат шоир мегӯяд, ки замоне роҳе буд маро барои рафтан ва маҳфиле буд барои нишастан.

Шоир ба ёди он замон хуморӣ мешавад ва калима дар калима аз он замон ҳасрат мекунад ва дар ҳавои ҳамин ҳасратҳо хумор мешиканад ва чӣ шево манзури хешро дар калимот маъно медиҳад ва дубайтие ба ин зебоиро мегӯяд. Зебоии хаёл, калом ва баён аз мисраи нахуст шурӯъ мешавад ва ин фазо дар тамоми дубайтӣ ҳузур мегирад ва ҳасрати ширин, вале печида дар ҳузн калима дар калима ҷорӣ мешавад. Устод он гуна ки арз шуд, аз мисраи аввал тасвири зебои баёнро дар калимот шакл медиҳад ва дар ин фазо замони гумшуда аз умри худро ба тасвир мегирад ва ин тасвир дар калимоти замон, роҳ ва ман рух нишон медиҳад.

Дар мисраи дувум шоир равиши баёнро тағйир медиҳад ва аз калимоти рӯд ва соҳил кор мегирад ва ин ду калима низ ҳолати равонии шоирро тарҷеҳ медиҳад ва агар дақиқ бар ин ду калима назар шавад фазои муҳтаво дар ин ду калима ҳам маҳдуд нест. Дар зимн мешавад равобити мантиқии ду мисраъро дар ин дубайтӣ хубтар мушоҳида кард, рӯд низ чун замон пайваста дар ҳаракат аст ва он лаҳза, ки ҷорӣ мешавад он дигар бар нагардад, миёни нигоҳ, рӯд ва замон иртиботеро метавон ташхис дод. Соҳил дар мисраи дувум нимоди манзил ва шодобӣ аст ва рӯд нимоди гузашти умр ва рӯзгор бошад шоир дар ин ривол ду ҳолат аз

зиндагии хешро низ тасвир кардааст, дар тасвири аввал гузашти умр аст ва дар тасвири дувум тарабу шодии рӯзгори мозӣ. Ҳол дигарбор ин ду мисраъро бихонем:

*Замоне роҳу манзил доштам ман,*
*Ба мисли рӯд соҳил доштам ман.*

Шоир дар мисраи дувум аз дубайтӣ зиндагии гузаштаи худро ба рӯди равон монанд месозад ва умри гузаштаи худро саршору файзбахш аз тарабу шодӣ медонад ва бар он аст, замоне буд шодоб ва файзбахш ба манонанди рӯд ва барои ёрон шавқу шодӣ нисор мекард. Ва ин ҳама дар замоне буд, ки мисли рӯд саршор буд аз шавқи зиндагӣ ва аммо дигар аз он рӯзгор танҳо дар хотир хотираҳое дорад ва он замон чӣ хуш замоне буд ва ҳоло дигар чун рӯд нестам ва аз дарун хушк мешавам. Ин дубайтӣ дар осори устод Лоиқ бетардид аз шумори дубайтиҳои беҳтарин аст ва дубайтиҳое аз ин дастро намешавад аз қабл тарҳ рехт, зеро милоди ин навъ аз дубайтиҳо мисли фаввораи ногаҳон аст, ки аз умқҳо берун мешавад.

Ва аммо қабл аз берун гардидан солҳо дар дили хок ҷӯш дидааст ва пухтааст, танҳо дар як фурсати дилхоҳ он аз дили хок берун меояд ва ҷорӣ мешавад, дубайтиҳои устод Лоиқ дар ҳамин ҳолу ҳаво иншо шудааст, мисли дубайтии ҳозир. Аз ин даст дубайтиҳои устод шабоҳати ҳамон чашмаро дорад, солҳо пас аз ҷӯшидан ва пухта гардидан аз дили шоир берун омадаанд ва аз ин ҷост ки дубайтиҳои шоир нарму гарм ва ширину бадеъ аст ва дилро намегирад. Дар шеъри муосир дубайтиҳое аз ин даст бисёр нест ва дар ин миён дубайтиҳои устод Лоиқ Шералӣ аз ҳар нигоҳ аз кори шоирони дигар дар ин қолаб фарқ мекунад.

Он тавр ки ишора рафт, дар дубайтиҳои ин шоир бештар андешаи дил мушоҳида мешавад, яъне ӯ дубайтиро ба ночор ба хотири қолаб нагуфтааст, балки ба хотири маъно ва маърифат ва хёлу тасвир аз ин қолаб истифода кардааст. Устод Лоиқ дар халқи дубайтӣ танҳо аз ин равиш истифода кардааст, яъне ба қолаби дубайтӣ ҷабр накардааст ва дар ко-

ри ин қолаб ихтиёри аввалро ба дил додааст, яъне аввал овози дилро шунидааст ва баъд аз он калимотро дар қолаби дубайтӣ ба кор гирифтааст. Манзур он бошад, ки аввал дил ба шоир амр кардааст, ки бигӯ ва шоир дар фазои амри дил калимоти омода аз қаблро дар қолаби дубайтӣ шеър кардааст ва устод бо силсилаи ғазал, рубоӣ ва дафтари дубайтиҳои худ дар шеъри муосири тоҷикӣ агар дар қаволиби дигар ҳам шеър намегуфт, чун шоири бузург шинохта мешуд.

Зеро устод Лоиқ танҳо шоире аст, ки баъд аз солҳо рӯҳи зангорхурдаи қолабҳои суннатиро полойид ва аз баракати ҳузури ӯ шеъри суннатӣ худро навтар кард ва нигоҳи шоирон дар ин фазо тоза гардид. Ва агар имрӯз шеъри тоҷик ҳолу ҳавои дигар дорад, он аз баракати шоироне чунин аст ва устод Лоиқ як тан аз он шумор бошад, ба хусус дубайтиҳои шоир аз нигоҳи сохтор, шигардҳои ҳунарӣ, корбурди санъатҳои бадеъ, ҳинҷорҳои забонӣ, тасвир ва мавзӯъ нотакрор аст. Дар дубайтии ҳозир низ ҳунари дубайтӣ сурудани шоир рӯшан худро нишон медиҳад ва гувоҳ аз завқи баланд ва хаёлу андешаи шоир аст дар ин жанр. Дар мисраи аввал ва дувум ҳамон тавр ки арз гардид, шоир бо корбурди калимоти «замон», «рӯд» ва «соҳил» ба замоне аз рӯзгори худ ишорат мекунад ва ин ишорат дар ҳар фард ҳисси ёд аз гузаштани умрро бедор месозад ва фард хоҳ-нохоҳ ба фарози умри хеш менигарад ва аз даричои хотираҳо рӯзгори пешини худро ба ёд меоварад.

Инсони огоҳ дар ин фазо ҳолати зиндагии худро аз ҳар лиҳоз баррасӣ месозад ва аз бурду бохти худ дар зиндагӣ тафаккур мекунад ва дар ислоҳи зиндагии хеш талош меварзад ва ҳар лаҳза аз умрро ғанимат медонад. Оё ин ду мисраъ инсонро ба андеша во намедорад ва дар дил ҳасрати рафтан аз умрро бедор намесозад?. . Чаро?. . ин ҳисро бедор месозад ва ҳоло ҳузнеро, ки дар сукути нигоҳ бесодо мешиканад, бихонем:

*Замоне роҳу манзил доштам ман,*
*Ба мисли рӯд соҳил доштам ман.*

Ин ду мисраъ як байти фарёд даст, як байти андӯҳ аст, як байти ҳузур аст дар фарози хотираҳо ва фаросӯи замонҳо ва шоир дар он худро тамошо мекунад ва гузашти умри хешро мебинад, дубора аз он роҳ мегузарад ва дар манзили дил худро бозмеёбад. Ва оё ин ҳасрат нест ва оё мешавад эҳсоси ҳасрат накард, вақте чун рӯд саршор буд аз шодиву тараб ва сар дар бистари меҳри рӯзгор мениҳод ва акнун он ҳама шодобӣ ва меҳри рӯгорро гум кардааст ва боз бояд, ки ҳаҷри он айёмро таҳаммул кард, захме чунинро табобат натавон кард.

Устод Лоиқ дар ин чаҳор мисраъ бисёр амиқ фазо ва ҳолу ҳавои он замонро тасвир кардааст ва калимотро дар ин хат рӯҳи маъно ва шеър додааст ва нубуғи андеша ва тафаккури шоир низ дар ин хат беҳтару хубтар ба назар мерасад. Барои идомаи сӯҳбат дубайтии ҳозирро аз дигар бихонем:

*Замоне роҳу манзил доштам ман,*
*Ба мисли рӯд соҳил доштам ман.*
*Дили ман об шуд байни ду соҳил,*
*Дарего, як замон дил доштам ман.*

Дар ду мисраи охир ҳасрати шоир дар дил бештар реша мегирад ва андак-андак он бузург мешавад ва соясори ҳузн вуҷудро мебалъад ва аҷаб он аст, дил намехоҳад аз он худро канор бигирад, балки он соясорро бештар мехоҳад. Эъҷози каломи шоир аст, ки хонандаро ҷазб ба худ месозад ва ҳузни шоирро дар дил мегирад ва бо шоир ва каломи ӯ эҳсоси бегонагӣ намекунад, бояд гуфт, на ҳар шоирро ин саодат насиб шавад. Дар мисраи савум шоир мегӯяд дилам дар миёни ду соҳил об гашт ва сабки баён дар ин мисраъ печида нест ва ба забони мардум бисёр наздик аст, бояд гуфт ағлаби дубайтиҳои шоир дар шеваи баён забони равон ва ширинии он дубайтиҳои мардумиро ба хотир меоварад.

Аммо дар сатҳи баланди нигоҳ, дар ин сабк ва ин фазо шеър гуфтан на корест осон хеле аз шоирон ин сабкро таҷруба кардаанд, аммо бидуни натиҷа, агар бархе дар забон муваффақ шудаанд, вале дар мавзӯъ, дар тасвир, дар бадеия-

ти шеър муваффақ набуданд. Устод Лоиқ аз ҷумла фарқ мекард, ӯ дар халқи шеър аз беҳтарин равиш ва беҳтарин андеша истифода мекард ва аз ин лиҳоз каломи устод аз дигар шоирон тафовут дорад ва он тафовути бартар аст. Дар мисраи севум аз дубайтӣ шоир ҳолати ботини худро шарҳ медиҳад ва ин ҳолат баъд аз гузашти даврае аз умри шоир аст ва шоир онро дар мисраи аввал ва дувум тасвир кардааст ва дар мисраи севум ҳолати феълии худро тасвир мекунад ва тасвир дар мисраи севум бо истифода аз калимоти «дил», «об» ва «соҳил» сурат мегирад.

Фазои тасвир бисёр рӯшан аст ва онро мешавад дар пардаи об тамошо кард. Тасвир, об гаштани дили шоир аст дар миёни ду соҳил шоир тасвирро дар ду калима бисёр тамошоӣ тарҳ рехтааст ва онро аз нигоҳи адабӣ метавон тасвири пӯё гуфт, тасвир дар пардаи об ҳамвора дар ҳаракат аст ва онро интиҳое нест. Шоир аз ин шигарди ҳунарӣ тавониста барои тарҷеҳи ҳолати ҳозири хеш истифода кунад, тасвири пӯё дар об ҳолати феълии шоирро ҷаззобтар ва бадетар нишон медиҳад. Соҳил ҳамон канораи дарё аст ва он аз ду тарафи дарё қарор мегирад ва дар васат дарё ҷорӣ мешавад Хоҷаи Шероз гӯяд:

*Эй сабо, гар бигзарӣ бар соҳили рӯди Арас,*
*Бӯса зан бар хоки он водиву мушкин кун нафас.*

Ва устод Лоиқ аз ин калима дар тасвири ҳоли худ ва барои баёни матлаб ҳунармандона кор гирифтааст ва низ истифода аз калимаи «об» барои шарҳи ҳолати ботин аз хилқати фавқулодаи шоир дар халқи шеър мегӯяд. Шоир зимни истифода аз калимаи «об» ҳолати равонии худро дар ҳамин як калима метавонад диданӣ ва тамошоӣ тасвир кунад ва аммо ин тасвир, тасвири об гардидани дил аст ва дили инсон дар кадом ҳолат об мешавад, дар ҳолати таҳоҷуми дарду ғам. Яъне дили инсон аз ғам, аз дарду андӯҳ об мешавад ва об шудани дил дар чанд маънӣ таъбир шавад, аз ҷамоли зебои маҳбуб ва аз ишқ низ ва аммо манзури шоир дар ин мисраъ аз об гаштани дил чизи дигар аст. Таркиби

«дилам об шуд» дар муколамаи мардум маънии «дилам тамом шуд»-ро низ дорад, дигар дилро ҳавову ҳавас умеде намонда ва ин ибора дар умқи маънӣ бисёр амиқ аст.

Устод дар дубайтии ҳозир ҷилваи маъноии ин таркибро дар камоли завқ ва ҳузур истифода кардааст ва аз риволи истифода таркиби манзурро дар байт тавониста возеҳ нишон бидиҳад аз ин нигоҳ ҷилваи маънии мираъ болиғ аст ва дар хонанда таъсир мегузорад. Ва аммо ҳоло ба калимаи «соҳил» рӯ биёварем, шоир бо истифода аз ин калима чӣ мехоҳад бигӯяд ва чаро аз таркиби « ду соҳил» кор гирифтааст ва дили хешро дар миёни ду соҳил тасвир мекунад? Ҳарф ин ҷост, ки муроди шоир аз ин калима тасвир ва сифати ҷаҳони гузашта аст ва дар ин хат соҳил дар дубайтии ҳозир бар ду маъно аст, аз ин ду соҳил яке соҳили дарду ғам бошад ва дигар соҳили шодӣ ва шодобӣ аст. Ва манзури устод аз таркиби «ду соҳил» дар мисраи севум аз дубайтӣ ҷуз ин набошад, дар воқеъ дарёи умри инсон дар огӯши ин ду соҳил ҷорӣ аст, то он рӯз, ки дарёи умр дар оғӯши ин ду соҳил хушк шавад.

Устод ҳамин маъноро бо нигоҳи жарф ва коркарди бадеъ дар дубайти ҳозир шоирона тасвир кардааст ва кори устод дар фазои ин дубайтӣ бетардид ба ваҷҳи аҳсан бошад ва ҷуз маризод ба шоире чунин чӣ метавон гуфт. Дили шоир дар васати ду соҳили зиндагӣ қарор дорад, соҳили шодиву тараб ва соҳили дарду андӯҳ ва дар ин васат дили шоир об мешавад ва дар ҳамин об шуданҳо умр мегузарад. Яъне дил об мешавад ва дарёи умр печида дар ғаму шодӣ ғаму шодии дунё ба сар меравад, бояд тавзеҳ дод, ки дили шоир солҳост об мешавад ва дар ғаму шодӣ он сабур аст ва бояд зикр кард, ки таҳаммули об шудани дил осон нест диле чун Лоиқ бояд, то аз ин ҳама вуқуъ даст бар дасти зиндагӣ аз туфонҳо бигзарад. Ва устод Лоиқ дарду ғамро аз дарун мегирист ва садои гиристан аз дарунро худ медонист, ки чист ва аммо шодиву тараброро бо дӯстон тақсим мекард ва дар ҳолати танҳои бо шеър ҳамроз мешуд ва дар хилват ғаму дардҳои хешро дар шеър мегирист. Ва ин гиристанҳо чӣ қадар зебо аст ва хонанда онро дар сурати шеър мехонад ва

завқ мебарад аз ҳунари баланди шоир ва дар фазои зебоии ҳунар аз канори дарду ғамҳои шоир дар аксар маврид ғофил мегузарад.

Ҳамчунон дар дубайтии фавқ, ки аз он сӯҳбат мешавад, дар мисраи чаҳрум шоир мегӯяд, афсӯс замоне маро ҳам дил буд ва ин баён барои нишон додани шукӯҳу шаҳомати дил аст. Манзур вақте дил об мешавад, худро дигар аз ёд мебарад ва ба ҳолати қабл боз намегардад ва шоир ҳамин маъниро бадеъ ва балиғ дар қолаби дубайтӣ тарҳ басатаст ва баёни маънӣ биёр зебо аст ва ин вазъ ғаму дарди шоирро дар худ пинҳон медорад ва дарку фаҳми ҷаҳони ботини шоир фаросати шинохтан мехоҳад. Яъне дубайтии ҳозир гарчи аз нигоҳи завқ маҷзуб аст ва расолати шеър дар завқ ва зоҳири калимот тамом намешавад ва маънои аслро бо нигоҳи дигар бояд, ки ҷустуҷӯ кар ва он ҳамон нигоҳи фаросат ва таҳқиқ бошад.

Танҳо бо ин нигоҳ метавон матлаби шоирро пай бурд ва дарк кард, ки дар корбурди шевои калимот ва фазои саршор аз завқ чӣ ҳарфҳои нуҳуфта ҷуз ин дорад. Устод Лоиқ дар дубайтии фавқ дар ҳамин равиш манзури хешро шакл додааст ва дар фазои бисёр ноб, зебо, бадеъ ва саршор аз таровиши ҳунар бо калимот канор омадааст, завқи ҳунар калима дар калима дар дубайтӣ мавҷ мезанад.

## ТО ҶАҲОНИ БЕКАРОНИ ДИЛ…

*Дили мо доимо байни ду санг аст,*
*Дили мо доимо бо мо ба ҷанг аст.*
*Даруни сина муште бештар нест,*
*Агар шӯрад, ҳама дунёш танг аст.*

Шева ва равиши канор омадан бо калимот дар ҳавзаи кори шоир ба ҳар тариқе аст ва фурмули хаёл ва ҷаҳони андешаи шоир аз он оғоз мешавад ва худро дар ҳунар шакл медиҳад, дар ин фазо қурби ҳунари адибро мешавад муайян кард. Ҳар он шоир дар фазои кори худ аз равишҳои печида мутобиқ ба завқи худ истифода мекунад ва дар ин қаламрав табъ нақши аввалро дорад ва агар табъ ба қавли Хоҷаи Шероз худодод аст, пас шоир дар асл шоир аст. Ва имрӯз басе сустназм даъвои шеър мекунад, аммо чӣ қадар аз шеър дуранд ва ҷуз чидани калимот ононро табъи дигар нест. Шеър табъ аст ва тафаккур ва агар ин ду аз кори сухан ҳазф шавад, пас ҳама шоир аст, аммо кори сухан ба ҳеҷ ваҷҳ ин тавр нест дар кори сухан, бахусус шеър табъи худодод ва ҳисси амиқ ва вусъати андеша ва шеваи нигоҳ бисёр муассир аст.

Шеъри шоироне, ки аз табъ ва дил аст дар тарбияти маънавии башар, тарбияти зеҳнии ҷомиа ва худогоҳиву бедории инсонҳо саҳм лозимро доранд ва шеъри шоироне чунин мондагор аст. Вале шеъри он ҷамъ, ки тиҳӣ аз табъ ва андеша аст ниёзи маънавии башарро бароварда насозад ва шеъри онон, танҳо барои худхоҳӣ ва равнақ додан аст ба бозори безавқӣ ва барои дур кардани зеҳнҳо аз шеъри асил аст. Ин ҳолат мутаассифона дар шеъри муосири тоҷик мушоҳида мешавад, имрӯз шеърҳое чунин бисёр ба нашр мерасад ва ин ҳолат боис шуда, шеъри шоироне чун Лоиқ аз чашмҳо то ҳадде дур бимонад. Ва ҳол он ки шеъри устод дар зиндагии

маънавии мо ҳамарӯза садо бояд, ки бидиҳад он гуна ки шеъри Сӯҳроби Сипеҳрӣ, Шомлу, Ахавони Солис, Фурӯғ ҳамарӯза дар зиндагии маънавии мардуми Эрон садо дар медиҳад ва онон зиндагии маънавии хешро бо садои ин шоирон ранг медиҳанд. Дар ин фазо шеъри бедард ва бебор бар зеҳнҳо таҳвил намешавад ва хонанда танҳо ба шеъри беҳтарин ошно мешавад ва завқи хешро низ дар ин ривол тарбият медиҳад.

Ҷойи афсӯс ва дард аст, ки имрӯз дар шеъри муосир безавқӣ ба шиддат ривоҷ мегирад ва дар он саҳми шоирони беҳунар бузург аст ва андак-андак безавқӣ дар ҳавзаи калом ҳукумати худро шакл медиҳад. Дар ин ҳолат бояд аҳли таҳқиқ ҳар чӣ бештар шеъри шоирони воқеиро ба пажӯҳиш бигиранд ва шеъри шоирони асил ба хонанда ва ҷомеа бештар муаррифӣ шавад ва дар ин миён баррасии шеъри устод Лоиқ ба нафъи адабиёт хоҳад буд. Устод Лоиқ бетардид дар кори сухан аз шоирони тирози аввал аст ва шеъри ӯ дар тарбияти маънавии мардум ва завқи мардум нақши муҳимме дошта ва хоҳад дошт ва аҳли назар бояд ҷилваҳои адабӣ ва ҳунарии ин шоири фарҳехтаро шоиста мавриди таҳқиқи хеш қарор бидиҳад. Завқи фитрии устод Лоиқ дар шеъру шоирӣ аз он гӯяд, ки ин шоир дар кори сухан сабк ва мактаби ҳунари хешро тавониста ба ҳамоиш бигзорад ва кори шоир, ҳунари адабии ӯ бахусус дар кори дубайтӣ ба ҳақ ба ҳар ситоиш меарзад.

Завқ ва ҳунари шоир дар кори дубайтӣ бисёр ҷаззоб аст ва каломи ӯ дар ин жанр дар камоли балоғати маънавӣ ва камоли завқ худро нишон медиҳад ва дар бархе маворид ба эъҷоз мерасад ва ин ҳолат дар дубайтиҳои шоир кам нест. Ва дубайтии ҳозир ҳам аз шумори он дубайтиҳои шигард аст, ки маъно, андеша, нигоҳ балоғати ҳунар таҷаллиёти завқ дар он саршор аст. Шоир дар дубайтии ҳозир чун дар дубайтиҳои қабл ба ҷаҳони маънавии башар ва маърифати он андеша мекунад ва аз беҳтарин сабки баён кор мегирад ва дар ин хат шукӯҳу шаҳомати андешаи худро дар ҷилди калимот ҳак мезанад. Отифаи завқи шоир калима дар калима ва дар абёт ҷӯш мезанад ва дар соясори калимот аз завқ ва андеша ҷаҳонеро

тарҳ меразад ва дар он ҷаҳон танҳо ишқу отифа аст, ки дар ҷонҳо фурӯ меборад ва дар ин бориш хаёлҳои хушк ва завқҳои бебор ба шукуфтан мерасад. Яъне инсон дар фазои дубайтиҳои шоир шукуфтанро таҷруба мекунад, ишқро ва меҳрро тамошо, чун дубайтиҳои шоир аз таҷаллии ин отифа бениёз аст. Дарси ишқ, дарси отифа, дарси меҳру шафқат дар дубайтиҳои устод Лоиқ бисёр гарм аст ва дарси ӯ ҳаргиз дилро нагирад ва ин равишро шоир дар тамоми дубайтиҳои хеш риоят кардааст. Устод Лоиқ дар қаламрави дубайтиҳои худ аз як тараф ҷаҳони инсонро ва аз тарафи дигар ҷаҳони дилро дар баробари инсон сифат мекунад ва дар ниҳоят инсон дар ҷаҳони дил худро таҳқиқ мекунад барои шинохти бештар.

Шоир дар кори дубайтӣ маъниро метавонад густариш бидиҳад ва агар ҳам тасвирро аз умури ҷузъӣ оғоз кунад, вале дар амри кул онро метавонад бипайвандад ва дар ин хат танҳо як шоири ҳунарманд ва тавоно қодир аст фазое инчунинро дар кори хеш сурати амалӣ бидиҳад. Он гуна, ки дар шеърҳои шоир мушоҳида мешавад, ҳурмати калима дар ҳавзаи андешаи ӯ бисёр ҷиддӣ аст ва ин шеваи муносибатро дар ҳар жанр нигоҳ доштааст ва ин равиш дар дубайтиҳои устод бештар эҳсос мешавад. Яъне шоир ба жанри дубайтӣ барои саргармӣ ва рафъи хасатагӣ руй наёвардааст ва дар ин жанр шеър таҷруба накардааст, балки барои баён ва тафсири ҷаҳони маънавии худ ин жанро созгор донистааст.

Инсон дар соҳати дубайтиҳои шоир ҳузури гарм ва намоён дорад, худро дар ҷилваҳои зоҳир ва ботин мушоҳида мекунад ва дар ин мушоҳида ҷаҳони маънавии худро бо ҷаҳони дил пайванд мезанад. Шоир бо нигоҳи ошиқона ва гоҳе бо нигоҳи орифона ирфони ҳастӣ ва нестиро дар сурати дид таҳқиқ ва баррасӣ мекунад ва дилро аз сукут ва рукут хаёлу андешаҳои бебор наҷот медиҳад ва ба ирфони суъуд ошно мекунад. Дар осори шоир пойгоҳи инсон устувор аст ва устод бахусус дар дубайтиҳои худ барои инсон ва ҷаҳони маънавии инсон бештар ба андеша ва тафаккур нишастааст ва садои ин набз аз дубайтиҳои ӯ ҳамеша шунида мешавад.

Бар ин мабно мешавад гуфт устод Лоиқ баъд аз таҷориби ирфон, таҷориби сухан, касби камол дар калом ва ошноии

амиқ ба расолати инсон дар зиндагӣ ба жанри дубайтӣ рӯй овардааст. Ин ҳарфро дубайтиҳои шоир собит мекунад, дар қаларави дубайтиҳои устод он чи бештар аз ҳар чизи дигар худро ҷилва медиҳад ҳузури инсон аст ва шоир ҳузури маънавӣ ва ирфонии инсонро дар қолаби дубайтиҳои худ бештар таҷруба ва сифат кардааст. Дубайтии ҳозир низ дар ҳамин фазо ва ҳамин ҳолу ҳаво аст ва ҳолати равонии инсон ва дил дар ин дубайтӣ аз нигоҳи як шоири огоҳ ва бедордил тасвир гардидааст. Дар мисраи аввал мегӯяд; дили инсон ҳамеша дар як ҳолат нест. Барои тасвири ин мафҳум шоир аз калимаи санг кор мегирад ва мегӯяд, дили мо ҳамеша миёни ду санг аст ва шоир барои он ки нишон бидиҳад ҷаҳони дил чӣ гуна аст он тавр ки ишора шуд аз калимаи санг истифода мекунад. Ва чаро шоир аз калимаи санг тистифода кардааст ва манзури шоир аз ин калима чист?

Таркиби ду санг зебо аст ва аммо дар ин баёни зебо чи қадар дард, чи қадар фишори рӯҳӣ ва чи қадар ранҷро мешавад ҳис кард, шоир бо истифода аз як калима ҷаҳони бекарони дилро, ки он чун аст, тасвир месозад. Ин калима дар шеъри шоирони дирӯз ва имрӯз зиёд мавриди истифода қарор гирифта ва мутобиқ ба ҳолати мавзӯъ ва мутобиқ ба зарурати баён дар шеър аз он кор гирифтаанд ва як маъно аз он дар шеър киноя аст аз қадру қимат ва виқор. Саноӣ:

*Зеҳни туву санги ту ба миқдори ҳақиқат*
*Бар сахт ҳама фоидаи рӯҳ ба миъёр.*

Ва манзур аз ин калима дар шеър ранҷу озор, дард, фишор душвориҳову сахтиҳост ва дар дубайтии фавқ низ манзури шоир аз калимаи санг ин аст ва на чизе ғайр аз ин. Таркиби «ду санг» фазои ҳолати маъноро аз ҳар паҳлӯ дар дубайтӣ воқеӣ нишон медиҳад ва ҳолати дил дар миёни ду санг дар чашм худро ба тамом нишон медиҳад. Манзури шоир аз калимаи «санг» нишон додани бераҳмии рӯзгор ва дунё аст, яъне дунё ва рӯзгор ҳеҷ касро раҳм накунад ва раҳм низ накардааст ва дунё ва рӯзгор бо он ҳама ранг ва ҷилваҳо, ки ӯрост, бисёр бераҳм ва чун санг аст. Шоир мегӯяд инсон дар

зиндагӣ то нафас мекашад, то зиндагӣ дорад ӯро оромиш нест ва пайваста дар масоиле гирифтор аст ва ба тариқе ранҷ мекашад, озор мебинад ва манзури шоир аз таркиби «ду санг» дунё ва ҷаҳони орзуҳои инсон аст. Ва инсон дар васати ду санг ба ночор бояд зиндагӣ ба сар барад, дунё мисли санг аст ва инсонро мефиребад ва озор медиҳад ва аз сӯи дигар санги фишори орзуҳо бар сари шоир меборад ва дили инсон дар миёни ин ду санг бояд битавонад, ки зинда бимонад.

Зиндагӣ дар васати ин ду санг, дунё ва ҳастӣ барои як фурсат нест, балки он пайваста аст ва бардавом ва дигар худ бигӯед барои инсон ин тавр зиндагӣ кардан магар осон аст ва он ҳам на барои як фурсати муайян, балки дар давоми зиндагӣ. Устод барои нишон додани ин маънӣ аз баёни доим истифода мекунад ва ин калима ба манзури мо ишорат мекунад ва дил дар миёни ду санг доштан ва таҳаммул кардани он далели арзишу манзалати инсони хокӣ аст. Мисраъро бори дигар дар ин хат бихонем; дили мо доимо байни ду санг аст ва дар ин ҳол ҳамаро гирифтор медонад ва касе аз ин ҳол наметавонад бар канор бошад ва ранҷу озор дар ҳар сурат ба суроғи инсонҳо меояд. Дар қавонини ин рӯзгор боз ҳам дили инсон аст, ки бо он ҳама дардҳову озорҳо ва ранҷҳо ҳамчунон озодаву бурдбор аст зиндагиро ба ҳузури худ маъно мебахшад ва ин барои инсон саодати бузург аст ва инсон дар ин набард худро месозад ва ба мартабаи камол мерасад.

Дар мисраи дувум аз дубайтӣ устод мегӯяд; дили мо доимо бо мо ба ҷанг аст ва ҷанг киноя аст аз хоҳишҳои маънави ва ирфонии дил ва аммо нафси инсон ҳам дар ин моҷаро шарик аст ва дар ин ҷанг инсон бояд бо яке канор биояд. Ё худро дар маърифат тарбият кунад ва ё ба хостаҳои нафс таслим шавад, дар ин ҷост, ки набарди дил бо инсон шурӯъ мешавад ва инсон дар ин набард кадомро ҷонибдорӣ мекунад бар кадом аз ин ду даст медиҳад аз ҳолати равонии дил вобаста аст. Ду мисраъ аз ин дубайтиро дар ин хат бихонем:

*Дили мо доимо байни ду санг аст,*
*Дили мо доимо бо мо ба ҷанг аст.*

Устод дар калимаи «ҷанг» аз мақоми дил мегӯяд ва дил аз дасти инсон ҳамеша нигарон аст ва дил мартабаву мақоми худро хуб донад ва аз ин ҷост, ки намехоҳад ӯро инсон дар баҳои ночиз савдо кунад ва ба дунё бифрӯшад. Ва дил бо инсон ҳамвора дар ҳолати ҷанг қарор дорад ва ҷанги дил бо инсон барои ҳамин мақом аст ва мақому мартабаи дил ин хок нест, балки он осмонӣ аст ва асли дил аз ҷаҳони дигар аст. Чун инсон аз мақоми дил фаромӯш мекунад ва онро дар баҳои андак мефурӯшад дил киём мекунад ва аз ҳузур ва зарурати худ дар зиндагии маънавии инсон хабар медиҳад ва хуш ба ҳоли он ки дар ин набард ҳақиқати дилро мешиносад арзиши дилро он гуна ки мебояд медонад.

Мартаба ва мақоми дил андак нест ва он мартабаи бисёр баланд аст ва сифати он дар калимот ба ин содагӣ нагунҷад. Дар ин маъно Мирзо Бедил мегӯяд, дил кошона, яъне хонаи Ҳақ аст ва нафас гард дар ин хона:

*Ба номи он ки дил кошонаи ӯст,*
*Нафас гарди матои хонаи ӯст.*

Пас, дил бо ин ҳама мақому мартаба чаро инсонро ором бигзорад ва агар ҳам инсон, вақте бихоҳад ӯро дар баҳои дунё, савдо кунад ва дил ногузир ба инсон аз ҳузури худ хабар хоҳад дод ва ин хабар ҳамон набарди дил аст бо инсон. Яъне инсон ҳамвора бар он бошад, ки худро тарбият кунад, то бар он мақом сазовор шавад ва агар инсон аз ин мақоми баланди дил фаромӯш кунад ва дар ҳавои дунё ва ҳавасҳои он бошад, ҳақиқати дилро гум мекунад аз ҷаҳони маънавии дил аз ирфони дил ғофил мешавад.

Дар ҳамин ҳошия аст, ки шоир мегӯяд, дил ҳамеша бо инсон дар ҳоли набард аст ва ин набард ҳушдори дил аст ба инсон, то ӯ аз мақоми болои дил фаромӯш насозад ва агар инсон аз мақоми дил фаромӯш кунад, зиндагии ӯ дар сурат хулоса мешавад, на дар ҷавҳар. Ҷанги дил ба суди инсон аст ва устод Лоиқ ин ҷангро дар зиндагии инсонҳо ҷанги маърифат ва ҷанги маънавии дил медонад ва шоир аз ин маънӣ дар шеърҳои худ зиёд истиқбол кардааст. Дили инсон ҳамеша

ниёз ба меҳру муҳаббат ва ишқ дорад, намехоҳад мақоми волои худро аз даст бидиҳад ва агар аз ин аркон ҷудо шавад, аз мақому мартабаи болои худ маҳрум шавад ва аз ин лиҳоз пайваста ба инсон аз ҳолати худ хабар медиҳад ва риволи иттилоъ ба ҳар тариқ аст. Дар мисраи севум аз дубайтӣ устод Лоиқ вуҷуди дилро дар сурати зоҳир нишон медиҳад ва мегӯяд он дар даруни сина беш аз муште нест.

Ва манзури устод аз ин баён тасвири дил дар сурати зоҳир аст инсони ғофил ва ҷоҳил асли дилро танҳо дар сурат мебинад ва аз ҷаҳони дигари дил, ки он асли дил аст ғафлат меварзад. Устод Лоиқ дар хатти ин тасвир мехоҳад бигӯяд, эй инсон, дилро танҳо дар сурати зоҳир мабин, агарчи он муште беш нест, дар он ҷаҳонҳост ва ирфони дил низ дар ҳамон ҷост ва инсон бояд аз асли дил бехабар намонад, зеро фарҷоми он бисёр дардовар бошад. Он гуна, ки зикр шуда буд, дар фарҳанги орифон дил ба маънии асрори маърифат аст ва дилро пеши аҳли тариқат чаҳор парда аст. Пардаи аввалро садр гуфтаанд ва он маҳалли илҳом бошад ва пардаи дувумро ном қалб аст.

Пардаи дувум маҳалли нури маърифат ва имон аст ва пардаи севумро фуод гуфтаанд ва он саропардаи мушоҳидаи Ҳақ аст ва пардаи чаҳорумро ном шағоф аст ва он маҳалли ишқ аст ва ин чаҳор пардаро дар ҳар кадом хосияте аст ва аз Ҳақ бар ҳар кадом назаре бошад. Мавлоно дар ин маъно фармудааст:

*Гуфт Ҳақ: моро назармон бар дил аст,*
*Нест бар зоҳир, ки он обу гил аст.*

Ва инсон муваззаф аст, ки дар сайру сулуки дил бошад ва дар ин тариқат аз ҳақиқати дил огоҳ шавад. Агар инсон дар шинохти дил ғафлат биварзад, чӣ гуна метавонад худро бишносад ва агар худро нашносад аз ҳақиқати офариниш ва ҳақиқати ҳастӣ ҳам чизеро надонад. Дар мисраи чаҳорум шоир ҳақиқати дилро пеши рӯи инсон мегузорад ва он қиёми дил аст аз нигоҳи устод, агар дил қиём кунад, ин ҳама дунё бар ӯ тангояд. Дар мисраи севум шоир дилро дар сурати

зоҳир тасвир мекунад ва дар мисраи чаҳорум тасвири худро дар қиём хулоса месозад ва манзури устод он аст, ки инсон набояд чунин биандешад, ки дар сина як мушт узве дорад ба номи «дил». Устод Лоиқ мегӯяд, чунин нест ва дил он тавр ки тасаввур мешавад, намебошад ва дил дар синаи инсон ҷаҳоне дигаре аст ва Худованд ин ҷаҳони дигарро дар синаи инсон ба номи «дил» ҷой додааст ва ҳақиқати зиндагии ҳар инсон ба номи дил маъно шавад.

Набояд пиндошт, ки дил танҳо барои зарурати зиндагии инсон метапад ва дар ин сатҳ кори дил қарор дорад. Устод мегӯяд, ин тавр нест, дил инсонро ба ҷаҳони дигар ошно мекунад ва номи он маърифат, ирфон ва ишқ аст. Яъне расолати дил фаротар аз он аст, ки тасаввур мешавад ва инсон дар ин расолат шарик аст ва бояд ҳузури маънвии дилро дар зиндагии худ шакл бидиҳад ва қиёми дил аз ғафлати инсон аст. Инсони комил ва огоҳ тариқат ва сайру сулук дар ҷаҳони дилро дар зиндагии хеш бисёр воҷиб медонад ва ҳаққи дилро он тавр ки мебояд, бармегардонад ва шоир аз ҳамин равзана дилро сифат мекунад ва зиндагии маънавии башарро бидуни ҳузури дил ҳеҷ медонад ва ҳушдори шоир низ аз ин назар бошад. Инсон танҳо вақте бузург мешавад ва ба камоли маърифат мерасад, ки битавонад ҳаққи дилро бишносад ва дар ин ҷаҳони печида саравваил қадам дар шинохт ва эҳтироми дил бигзорад ва дар ин сулук худро бузургтар бисозад.

## САФАР ТО ТАҶАЛЛИИ НУР

*Ҷаҳони пур зи нурамро ба ман деҳ*
*Зуҳурамро, ҳузурамро ба ман деҳ.*
*Диламро занги ғамҳои ту хӯрдаст*
*Дили поку булурамро ба ман деҳ.*

Устод Лоиқ Шералӣ бо нигоҳи шигарф ва хаёли тоза дар шеъри муосири тоҷик фазои дубайтиро дигар кард ва ин жанр дар миёни шоирон дубора ба авҷ расид, ҳар шоир ба ҳадди тавон ва ҳунари худ дар ин қолаб таъби хешро ба санҷиш гирифт. Бо ин вуҷуд саҳми устод Лоиқ дар нумуи жанри дубайтӣ бештар аз ҳар шоири дигар аст, дубайтиҳои ин шоир ҳамчунон ноб, зебо, латиф ва пурбор дар рушди маънавии мардум аст. Агар аҳли таҳқиқ фазои маънавӣ, ҷилваҳои адабӣ ва хусусиёти ҳунари шоирро дар халқи дубайтӣ мавриди пажӯҳиш қарор бидиҳад, роҳи такомули тафаккур ва рамзҳои ҷаҳони андешаҳои ин шоири фарҳехтаро мешавад кашф кард.

Бояд зикр кард, шеъри устод ногузир бо равиши ҷадид таҳқиқ шавад, танҳо дар ин фазо ҷаҳони шеъри ӯро мешавад ба таври лозим дарк кард. Таҳқиқи шеъри шоир бо шева ва равиши моқабл фазилат, умқ, маърифат ва сулуки зеҳнии шоирро наметавонад он тавар ки мебояд, бикшояд. Устод дар ҳавзаи тафаккур ва андеша калимотро дар зоҳир дар қолаб мерехт ва аммо дар истифодаи ҳар калима маънии ботинро низ тарҳ мебаст ва шинохти онро ба фазлу заковати хонанда марбут медонист. Накд ва баррасии шеъри шоир дар бахши ҳунар бояд, ки дар як самт ва як фазо сурат нагирад. Устод бетардид шоире буд саршор аз завқ ва ҳол, аммо ин ҳама на асли фаъолияти ӯ дар бахши шеър аст. Асолат ва балоғати ҳунари шоир на дар зоҳири қаволиб ва на дар

зоҳири калимот аст. Устод дар шеваи истифода аз калимиот як шоири мумтоз аст. Забони латиф ва мусиқии нарму гуворо дар шеъроҳои ин азиз бисёр намоён аст.

Ҳамин фазо ва сабки шеърҳои шоир омехта бо ҳис, маънӣ ва кайфияти ҳол бештар аҳли таҳқиқ ва аҳли пажӯҳишро ба худ саргарм кардааст ва ин боис гашта ҷилваҳои муҳимтар дар шеърҳои устод аз назарҳо пинҳон бимонад. Яке аз он ҷилваҳои муҳим ва зарур дар шеърҳои устод Лоиқ андеша аст дар умқи калимот ва шоир бо истифода аз лаҳни ширин ҳарфҳои лозимро дар калимот чидааст ва чашми басират мебояд, ки онҳоро дид. Бар ин мабно сӯҳбат аз шеъри шоир, бояд сӯҳбати андеша бошад ва саъй бояд кард, ки ҷаҳони шоирро на дар зоҳири калимот, балки дар умқи калимот ҷуст ва шоирро дар ин фазо мешавад хубтар ва беҳтар кашф кард. Он тавр ки арз шуд, дубайтиҳои устод низ аз тарафи аҳли назар бо шева ва равиши ҷадид ҳанӯз пажӯҳиш ва таҳқиқ нашудааст, ба истисное мақолоте чанд ва он ҳам дар сатҳи ҳунарӣ, на барои ташхиси ҷаҳони тафаккури шоир. Ва он чи шоирро ба хонанда бештар ошно месозад, фазои андеша ва ҷаҳони тафаккури шоир аст ва мутаассифона шеъри устод Лоиқ аз ин нигоҳ ҳанӯз ба хонанда муаррифӣ нагардидааст, ҳол он ки шеъри утод арзиши таҳқиқ дар ин хатро дорад ва аҳаммияти он барои форсизабонони хориҷ аз кишвар низ кам нест.

Маҳз таҳқиқ ва баррасии осори устод бо ин равиш арзиши шеъри ӯро барои мо бештар ошкор месозад ва шеъри устод саршор аст аз маърифати андеша ва тафаккур, ҳайф бошад, шеъри шоире чунин аз нигоҳи маъно ва андеша таҳқиқ нашавад. Ва ман фикр мекунам, қабл аз ҳар чӣ арзиши маънавии шеъри устод дар ҳамин хат аст ва таҳқиқи ҷаҳони маънавии ин шоир ҳисси маърифатгароиро дар хотирҳо тарбият медиҳад. Дар зимн бо ин назар дубайтии ҳозирро аз устод бихонем:

*Ҷаҳони пур зи нурамро ба ман деҳ,*
*Зуҳурамро, ҳузурамро ба ман деҳ.*
*Диламро занги ғамҳои ту хӯрдаст,*
*Дили поку булурамро ба ман деҳ.*

Устод Лоиқ дар ин дубайтӣ аз равзанаи маърифат ва андеша калимотро ба кор гирифтааст. Ҳар калима дар дубайтии фавқ аз ҷаҳони андешаи шоир башорат медиҳад ва ҳарфи шоир дар ҳамин башорат маъно мешавад. Ҳарф ин ҷост, ки шоир дар дубайтии фавқ калимотро ончунон бадеъ ва зариф ба кор гирифтаст, ки дилро ва хотирро шефта ва мафтун ба худ месозад ва ҳис дар ин фазо пару боли шавқ мекушояд, мусиқии калимот нарму ширин чун шакарнам дар чамани хаёл меборад. Ва дар партави ин ҳама зебоӣ ташхиси маъно дар калимот мушкил ба даст меояд, зебоии хаёл ва зарби гарми калимот дар дубайтӣ зеҳнро бидуни ихтиёр ба худ ҷалб месозад ва хонанда аз ҳолати андеша дар калимот фаромӯш мекунад.

Шоир дар мисраи аввали дубайтӣ мегӯяд: Ҷаҳони пур зи нурамро ба ман деҳ. Ва ин баён саршор аз партави зебоии зоҳир аст дар калимот ва ҳиссу кайфияти зебоии баён мисли нур ҷаҳони тираи эҳсосро рӯшан мекунад. Манзури шоир аз калимаи «ҷаҳон» зиндагӣ ва замони зиндагӣ аст, замоне ки шоир дар он ҳузур доштааст ва он ҷаҳони саршор аз таҷаллии зебоӣ ва нур аст ва дил мехоҳад дар он ҷаҳон бошад. Он ҷаҳон кадом ҷаҳон аст ва чаро барои шоир он азиз аст ва ба ёди он ҷаҳони пур аз нур чаро ҳасрат мехӯрад ва дубора мехоҳад он ҷаҳони зъҷозиро ба худ бозгардонад? Оҳанг ва лаҳни баён дар мисраъ хоҳише аст, ки дилро ба дард меорад ва барои шоир дил месӯзад, ҷаҳони пур аз нур дар хотири шоир ҳанӯз ҳам саршор аз малоҳат ва тароват аст ва ӯ чи қадар мехоҳад ба он ҷаҳон дубора баргардад ва дар ҳасрати он ҷаҳон аст. Шоир дил онҷо дорад ва ба лаҳни тавалло он ҷаҳонро дубора мехоҳад ба даст биёварад ва дар ҳар калима аз ин мисраъ ҳузн ва андӯҳи синасӯз овоз дар медиҳад ва овози ҳузну андӯҳи шоир дар ҳавои он ҷаҳони пур аз нур ба дил ханҷол мезанад. Табиати инсон он аст, ки ҳамвора мехоҳад аз ғам ва дард то метавонад худро канор бигирад ва аммо дар шеъри устод инсон аз ин табиати худ мегузарад ва дар ғаму дардҳои шоир худро шарик медонад ва ин ҳолат аз ҷазби каломи шоир аст.

Дар мисраи дубайтии ҳозир низ дард ва ҳасрат ва андӯҳ

фазои дубайтиро ба тамом гирифтааст, зебоиву шевоии баён дар фарои ин ҳама дард ҳузур дорад, вале он дилро сард намекунад, балки шавқ ва ангезаро бештар таҳрик медиҳад. Ва ҳоло биравем ба суроғи он ҷаҳон, ки шоир бисёр мехоҳад дубора дар нурҳои он худро, рӯҳи худро шустушӯ бидиҳад ва он ҷаҳон бетардид ҷаҳони кӯдакии шоир аст ва танҳо он ҷаҳон барои инсон ҳар қадар бузург шавад боз ҳам азиз ва ширин аст. Ҷаҳоне пур аз муъҷиза ва пур аз ростиву покӣ ва сарбасар ҳама нур, инсон бузург мешавад вале аз ҷаҳони кӯдакӣ наметавонад дил барканад ва он ҷаҳони пур аз шавқу шодиҳоро аз хотир бизудояд ва то инсон зинда аст ва нафас мекашад, ёди он ҷаҳони пур аз нур ва пур аз зебоиро дар худ зинда нигоҳ медорад. Ҷаҳони пур аз нур ҳамон ҷаҳони баччагӣ аст ва шоир ин матлаби худро чӣ қадар аз нигоҳи ҳунар ва нигоҳ зариф ва латиф дар калимҳо ба тасвир кашидааст ва шоирон ба ин мавзӯъ бисёр рӯ овадаанд ва ҷаҳони кӯдакиро дар шеърҳои худ тасвир кардаанд.

Аммо ба шеваи устод Лоиқ камтар шоире тавониста дар чаҳор мисраъ ҷаҳони баччагиро ин гуна пурбор ва бадеъ ва зебову шево ба тасвир бигирад. Устод Лоиқ ончунон ин мавзӯъро дар як дубайтӣ тарҳ рехтааст, сараввал асли матлабро наметавон дарк кард. Бояд арз дошт, ки асолати суханварӣ ва ҳунари шоирии устод низ дар ҳамин фазо такомул ёфтааст ва ӯ дар зоҳири калимот матлаби худро шеър намекунад, балки онро дар зеҳни калимот мечинад, ҳамчунон дар дубайтии ҳозир. Дар ин дубайтӣ дар ҳеҷ мисраъ калимаи «кӯдакӣ» мушоҳида намешавад ва шоир аз ин калима барои матлаби хеш истифода накардааст. Аммо дубайтӣ бемуҳобо дар ҳамин мавзӯъ аст ва ин маъниро мешавад аз ҳар мисраъ дар дубайтии ҳозир баррасӣ кард ва собит кард, ки мавзӯи ин дубайтӣ маҳз дар робита бо ҷаҳони кӯдакӣ аст. Зеро танҳо ҷаҳони зебои кӯдакӣ ин гуна беғубору озодааст ва холӣ аз буғзу кина ва риё ва ин ҷаҳони хуш чун аз ихтиёри инсон хориҷ мешавад хори ҳасрати он синаро ҳамеша хуншор мекунад ва ёди он айёми беғамӣ инсонро маҳзун месозад. Устод Лоиқ бар ин мабно мегӯяд: Ҷаҳони пур аз нурамро ба ман деҳ. Ва шоир аз кӣ он

ҷаҳонро талаб дорад, аз дунё ва аз зиндагӣ ва аз қисмат, устод аз зиндагӣ ва замон он ҷаҳони пур аз нурро талаб дорад, агарчи хуб медонад он ҷаҳони бегуноҳиро барои ҳамеша аз даст додааст.

Аммо ҳасрати онро наметавонад фаромӯш кунад ва он замони беғамӣ ва бедардиро дар калимот ба тасвир мегирад ва андак ҳам агар ҳаст дили хешро таскин бидиҳад ва қурси калимот баро шоир беҳтарин васила аст. Дубайтиро бори дигар бо ин нигоҳ бихонем:

*Ҷаҳони пур зи нурамро ба ман деҳ,*
*Зуҳурамро, ҳузурамро ба ман деҳ.*
*Диламро занги ғамҳои ту хӯрдаст,*
*Дили поку булурамро ба ман деҳ.*

Ва фазои дубайтии фавқ оканда аз ишорот аст, зеро шоир мушаххас намегӯяд ҷаҳни пур аз нури ӯ чӣ ҷаҳоне аст ва бояд он чаҳонро дарк кард ва дар калимот ҷустуҷӯ кард ва агар зеҳн даст диҳад ва амиқ дубайтӣ таҳқиқ шавад, ҷаҳони шоирро мешавад дарк кард ва шинохт. Дар мисраи дувум аз дубайтӣ шоир қаламрави ҳоҳиши хешро вусъат медиҳад ва ҳузуру зуҳури худро дар он ҷаҳони пур аз нур таъйид месозад ва мегӯяд; зуҳурамро, ҳузурамро ба ман деҳ. Дар мисраи дигар аз дубайтӣ шоир ба зуҳур ва ҳузури хеш дар он сарзамини ҳама эъҷоз ишорат мекунад ва ҳақ доштани хешро бар он сарзамини аздастрафта бо ду калима мӯҳр мезанад. Ва он ду калима «зуҳур» ва «ҳузур» аст ва дар ин ду калима ҳолати равонии шоир печида дар фаросӯи замон ва хотираҳо тасвир мешавад ва манзури шоир аз ин ду калима нишон додани ҳаққи худ бар он сарзамини аздастрафта аст. Зуҳур дар мисраъ бар маънии он аст, ки шоир дар он сарзамини пур аз нур дар ҳақиқат будааст ва дар ин макон замоне зиндагӣ доштааст ва ҳузур бар маънии унс доштан аст ба он сарзамин.

Ҳузури шоир дар он диёри пур аз нур ҳам ҳузури ҷисм аст ва ҳам ҳузури дил ва бо ин нигоҳ шоир барои матлаб аз ин ду калима истифода кардааст, ҳузур шоир дар он диёри

муъҷизаҳо танҳо дар сурат нест, балки ҳузури унс ҳам бошад. Ҳузур дар шеъри шуарои ориф бар маънии ҳузури ботин ва ҳузури қалб аст ва солик дар ҳузури қалб ба маҳбуб бештар эҳсоси қурб кунад ва дар инчунин маҳфили унс ошиқ бештар аз нашъати ишқ файз мебарад. Ва манзури устод аз калимаи ҳузур дар мисраи фавқ ин бошад, барои матлаби худ ин ду калимаро дар канори ҳам ба кор мегирад ва калимаи «зуҳур» зоҳир аст ва калимаи «ҳузур» ботин аст, унс аст. Шоир бар ин мабно ҳам зуҳур ва ҳам ҳузури хешро талаб дорад ва ин барои шоир азиз аст ва ин ду ҳолатро намешавад аз ҳам ҷудо кард ва асли зиндагии шоир ва ҷаҳони саршор аз нур бо ин ду ҳолат комил аст. Агар аз ин ду ҳолат яке ҳазф шавад, он ҷаҳони пур аз нури шоир зебоии худро аз даст хоҳад дод ва инчунин пурнур нахоҳад буд ва маҳз дар фазои ҳамин ду калима мисраъ балоғати маънӣ гирифтааст ва мӯҷазу бадеъ гардидааст.

Дар мираи севум аз дубайтӣ шоир чеҳраи дигар аз ҳолати рӯҳонии худро ба тасвир мегирад ва шарҳ медиҳад, ки баъд аз ҷудоӣ аз он сарзамини нур чи иттифоқе бар ӯ гузашта ва он иттифоқ ин аст. Шоир баъд аз бозхостани он ҷаҳони худ ва талаби он замон, ки ҳам зуҳур дошта ва ҳам ҳузур, тавзеҳ мадиҳад, ки диламро занги ғамҳои ту хӯрдааст ва дар ин мисраъ нишон медиҳад ҳолати дили хешро. Диле ки дар занги ғамҳо гирифтор аст ва занги ғам дили шоирро ба тадриҷ мехӯрад ва табиати занг инчунин аст ва манзури шоир он аст ки занги ғам бар дил нишастааст ва дил пур аст аз зангори ғам. Агарчи замоне буд ҷаҳоне дошт пур аз нур ва дар он ҷаҳони пур аз нуру тараб аз дарду ғами дунё хабаре надошт, балки намедонист дарду ғами он чист, чун аз он ҷаҳони пур аз нур ҷудо гашт, дарду ғам омад чун зангор ва нишаст бар дили саршор аз тарабу шодии шоир.

Устод дар мисраи севум мегӯяд диламро занги ғамҳои ту хӯрдаст ва ин баён ҳолати шоирро он гуна ки он ҳаст, нишон медиҳад ва калимаҳои занг ва ғам барои тасвири фазои ҷорӣ заминаи лозимро ба вуҷуд овардааст. Ва шоир дар ҳасрати он ҷаҳони пур аз нур аст ва ҳасрати он ҷаҳон чун занг дилашр гирифтааст ва шоир аз он наметавонад худро

наҷот бидиҳад ва дар ёди он рӯзгор ва ёди он ҷаҳони пур аз нур ҳасратбор аст ва ба тамом мехоҳад баргардад ба он ҷаҳони пур аз нишот ва пур аз муъҷизаҳо, дар ин ҳошия дубайтии фавқро аз дигар бихонем:

*Ҷаҳони пур зи нурамро ба ман деҳ,*
*Зуҳурамро ҳузурамро ба ман деҳ.*
*Диламро занги ғамҳои ту хӯрдаст*
*Дили поку булурамро ба ман деҳ.*

Устод Лоиқ дар мисраи чорум аз дубайтӣ ҳолати аввали дилро, ки он чӣ тавр буда, тасвир мекунад ва ҳолати аввали дили худро дар мисраи чаҳорум пеши рӯи хонанда қарор медиҳад. Шоир дар мисраи чаҳорум аз ин дубайтӣ мегӯяд, аз қабл дили озоду шод доштам ва аз зангори ғам тиҳӣ, диле чун булур поку озода. Устод дар мисраи чаҳорум ёд мекунад, ки аз қабл чӣ диле дошта ва онро дубора мехаҳад ва дар ҳасрати дили поки худ аст ва мехоҳад дубора бо дили пок ва дили чун булур ба он ҷаҳони пур аз нур баргардад, ба он ҷаҳоне ки онҷо ғамро ва дардро роҳ нест. Шоир аз ҳамин ҷиҳат он дили чун булури хешро мехоҳад, зеро ба он ҷаҳони поку озода бо дили пур аз дард ва ғам наметавон баргашт ва дар он ҷаҳон он тавр ки арз шуд бар дарду ғам ҷой нест. Шоир дар мисраи севум тасвир мекунад, ки зангори ғам ба дилаш чанг задаст ва дилаш дар чанги ғам леҳ мешавад ва дар мисраи чаҳор ҳолати аввали дилро ба тасвир мегирад.

Ва дар зимни ҳамин тасвир нишон медиҳад, ки дар қабл дилаш чун будааст, барои тасвири он аз калимоти «пок» ва «булур» истифода мекунад ва дар ин баён арзиши дили хешро тавсиф месозад. Манзури шоир аз калимоти «пок» ва «булур» ду чиз аст, аввал ҳолати бегуноҳии дил аст ва дувум қурбу манзалати дил ва ин ду рукн дар ирфони дил аз аркони бисёр муҳим ба шумор ояд. Ва агар ин ду набуд, яъне покӣ ва арзиш, дил ҳам дил набуд ва маҳалли ишқу маърифат намегадид ва худовандро низ бар он назаре набуд, дил дар гарави ин ду рукн қимат ва манзалат ёфтааст. Вақте дил пок аст, он эҳсоси оромиш мекунад ва шоир аз ин рӯ

мегӯяд: Дили поку булурамро ба ман боз бидеҳ. Ва манзури шоир аз калимаи булур чизи дигар низ бошад, булур бисёр нозук аст ва бо андак зарб мешиканад ва шоир бо ин маънӣ дили худро ба булур ташбеҳ кардааст.

Ва дар ниҳоят маънӣ чунин мешавад, шоир дар ҷаҳони баччагӣ аз ғаму дардҳои зиндагӣ фориғ аст ва диле дорад чун булур пок ва ӯро ба касе на кин аст ва на қаҳр, чун дар ҷаҳони пур аз нури кӯдакии хеш аст. Ва ҳақиқат низ ҷуз ин нест, зеро дар замони кӯдакӣ дил чун булур аст ва он пок аст ва ба зиндагӣ бо ҳамин басирати кӯдакӣ нигоҳ мекунад ва дар чашми кӯдакӣ ҳама чиз зебо аст ва кӯдак ба зиндагӣ ва ҷаҳон ҳаргиз зишт назар накунад. Ҳаргиз дил нахоҳад чунин ҷаҳонеро аз даст бидиҳад ва аз ҷаҳоне чунин бурун афтад, аммо ихтиёр ба дасти инсон нест ва ночор бояд аз он ҷаҳони пур аз муъҷиза ва пок берун шавад. Вақте инсон аз он хат мегузарад ва аз ҷаҳони муъҷизаҳои хуш ҷудо мешавад саргаштагӣ ва саргардониҳои ӯ оғоз мешавад ва дили инсон ҳам дигар он дили поку беғаш чун дар замони кӯдакиҳо нест.

Устод Лоиқ дар чаҳор мисраъ ҳамон замони фирдавсро ба тасвир гирифтааст ва шоир бо тасвири ҷаҳони пур аз нур нишон медиҳад, ки инсон чун аз он ҷаҳон ҷудо шавад хоҳ нохоҳ дар фарозу фуруди зиндагӣ муртакиби гуноҳ мешавад ва устод дар ин дубайтӣ гузаштан аз як ҳолат ба ҳолати дигарро тарҳ рехтааст. Ҳолати убур аз ҷаҳони пур аз нур, яъне аз ҷаҳони поки кӯдакӣ ба ҷаҳони дигар ба чаҳони лағзишҳо ва гунаҳҳост ва дубайтиро бо ин хулоса бихонем:

*Ҷаҳони пур зи нурамро ба ман деҳ,*
*Зуҳурамро, ҳузурамро ба ман деҳ.*
*Диламро занги ғамҳои ту хӯрдаст,*
*Дили поку булурамро ба ман деҳ.*

Шоир аз зиндагӣ ва замон чаҳони кӯдакии хешро талаб мекунад ва ҳолати ишқ низ аз ин дубайтӣ ба назар мерасад ва ҳарчанд шоир аз калимоти ишқ ва кӯдакӣ дар ин дубайтӣ кор нагирифтааст вале ин ҳис дар зеҳн буруз мекунад. Танҳо

ғами ишқ аст, ки дилро мисли зангор мехурад ва ошиқ дар ин вазъ ихтиёр аз даст медиҳад ва дар мисраи чаҳор он тавр ки ишора рафт лаҳзаи тағйири як ҳолат аст ба ҳолати дигар, тағйири як ҷаҳон аст ба чаҳони дигар. Яъне он лаҳзаи кӯдакӣ аст ва лаҳзаи дигар лаҳзаи камол аст ва дар ҳамин лаҳза инсон ҷаҳони кӯдакии худро барои ҳамеша аз дасти хеш медиҳад ва дар зиндагии инсон ҷаҳони дигар бо рангҳои дигар тулӯъ мекунад ва он ҳаргиз ба ҷаҳони кӯдакӣ намонад.

Шоир дар ҳасрати он замон аст, зуҳур ва ҳузури хешро бори дигар дар он сарзамини ноз ва саршор аз муъҷиза мехоҳад ва чи қадар орзу дорад зангори ғамҳои ин рӯзгорро дар чашмасори кӯдакиҳо бишӯяд. Ва хоҳиши шоир орзуе аст, ки он бароварда нахоҳад шуд, вале агар ин орзуи ширин набуд ин дубайтии зебову шево ҳам набуд ва ин дубайтӣ марҳаме ҳаст, ки зангори ғамро аз дилҳои муштоқ меполояд, аз дилҳои муштоқ ба ҷаҳони нур.

## АГАР ДАР ИШҚ БАНДИ ДИЛ НАСӮЗАД…

*Муҳаббат масдари рушду камол аст,*
*Раҳи паймон на роҳи қилу қол аст.*
*Агар дар ишқ банди дил насӯзад,*
*Кушоди банди мушкилҳо муҳол аст.*

Аз дигар мехоҳам таъкид бидорам, ки манзури ман дар ин пажӯҳиш на он аст ки аз устод шоири ориф бисозам ва ин ҳаққи ман нест, зеро шеъри шоир худ беҳтар аз ҳар каси дигар аз ҷаҳони шоир бигӯяд. Агар ҳам шоир дар ин ҳалқа набуда ва шояд ҳам буда ва ин ҳарфро замон таъйид хоҳад кард, вале устод аз табори шоироне буд, ки хуни ирфони ишқ дар рагҳои ӯ меҷӯшид ва ин назарро касе инкор нахоҳад кард. Ва ҳар шоир дар ишқ маърифатро ба ҳар шакле, агар он ҳаст, таҷруба кунад, дар навъе ба ирфони ишқ канор меояд ва он нашъатро дар худ эҳсос месозад, нашъати ирфони ишқро. Ва устод Лоиқ бетардид шоире буд ошиқ ва фарҳехта ва ҷаҳони шеъри ӯро аз маърифат ва ирфони ишқ ҷудо наметавон тасаввур кард ва дар фарозу фурудҳи ишқ билохира таҷаллие аз ирфон бар ӯ боридаст ва ин ҳолат дар шеърҳои шоир кам нест, танҳо хоҳиш мебояд то ин фазоро дар шеърҳои шоир дид.

Шоир дар зоҳир агар ҳам ин завқ ва ин ангезаи худро ба ҳамоиш нагузоштаст, вале дар ботин он ҳолу ҳаворо доштааст ва шоире чун Лоиқ бетардид медонист, ки таҷаллии маърифат ва ирфон чист. Ҳар кӣ дар ишқ рафта дар фазои зиндагии худ ин партавро мушоҳида кардааст ва ишқ барои устод дар шеър ҳамеша партави маърифат буда ва дар он ҳолатҳои ишқро мутобиқ ба замон таҷруба кардааст ва ин мавзӯъ барои аҳли таҳқиқ ҳанӯз нокушудааст. Ишқ ва муҳаббат дар осори устод Лоиқ аз ҳамон замони кӯдакӣ

шурӯъ мешавад ва он ба ҳамроҳи шоир марҳала бар марҳила бузург мешавад, рушд мекунад ва ба ҳадди камол мерасад ва ин мароҳил дар қаламрави шоир вуҷуд дорад ва аҳли назар аз он бояд огоҳ бошад.

Дар мароҳили аввал ишқу муҳаббати шоир ба маҳбуб аст ва ин ҳолат дар зиндагии инсонҳо ҳамеша буда ва ҳамеша хоҳад буд ва инсон дар ин масир ишқро таҷруба мекунад, то ба ишқи воқеӣ бирасад ва ин ҳидоят низ аз тарафи Ҳақ сурат мегирад. Вагарна на ҳама донад, ки ишқ чист ва Мавлонои бузург ишқи як инсон ба инсони дигарро ба монанди пуле медонад ва ошиқ аз он бояд бигзарад, то ба ишқи ҳақиқӣ бирасад ва ишқи як инсон ба инсони дигар амре табиӣ ҳаст. Мавлоно дар ҳамин робита боз мегӯяд ишқи як инсон ба инсони дигар ба масали шамшери чӯбин аст, ки бо он кӯдак бозӣ мекунад ва дар ниҳоят он шамшери чӯбин табдил мешавад ба шамшери ҳақиқӣ, яъне ишқ:

*Ин аз иноятҳо шумар, к-аз кӯи ишқ омад зарар,*
*Ишқи маҷозиро гузар бар ишқи Ҳақ аст интиҳо.*
*Ғозӣ ба дасти пури худ шамшери чӯбин медиҳад,*
*То ӯ дар он усто шавад, шамшер гирад дар ғазо.*
*Ишқе ки бар инсон бувад, шамшери чӯбин он бувад*
*То ишқ бар раҳмон шавад, чун охир ояд ибтило.*

Эътиқод, ишқ, бовар, муҳаббат дар осори устод Лоиқ аз вожаҳое бошад, ки шоирро аз онҳо ҷудо наметавон тасаввур кард ва ин вожаҳо дар шеърҳои шоир танҳо барои зарурат наёмадааст, балки шоир бо ин вожаҳо зиндагӣ кардааст ва ишқро канор гирифтааст. Ва дар дубайтии фавқ аз вожаи ишқ ва муҳаббат шоир барои ҳамоиш истифода накардааст, балки ин ду вожа дар дубайтӣ аз ҷаҳони маънавӣ ва сайру сулуки шоир дар он мегӯяд ва шоир дар ин дубайтӣ ишқро аз нигоҳи ирфон тасвир мекунад.

Дар ин дубатӣ садои устод Лоиқ садои марди ботаҷруба аст ва марде ки аз фарозу фуруди зиндагӣ таҷориби лозимро андӯхта аст ва бори андеша ва тафаккури шоир дар калимот сангин аст. Шоир, мешавад гуфт, дар ин дубайтӣ аз маъри-

фати ишқ ва муҳаббат огоҳ аст ва нигоҳи ӯ ба ишқ ва муҳаббат аз зовияи тариқати аст ва расолати як инсонро дар ишқ медонад, ки он бояд чӣ гуна бошад. Фазои маънои дубайтӣ аз он гӯяд, ки шоир ба вожаи ишқ ва муҳаббат сатҳӣ канор наёмадааст ва аз ин вожаҳо барои барвардани ниёзҳои маънавии худ истифода кардааст ва на барои сару садо сар додан. Ҳарфи шоир дар зеҳн эҳсоси икромро бар ин калимот бедор месозад ва иззати ин калимотро шоир мехоҳад нишон бидиҳад риволи баён тарҳи тафаккури шоир аз ин хат мегузарад.

Наҷобати назари шоир ба калимоти ишқ ва муҳаббат дар дубайтӣ бисёр рӯшан ва бадеъ мушоҳида мешавад ва дигар ҳеҷ тардиде ба эътиқоди фитрии шоир ба маърифат ва ирфони ишқ нест. Устод Лоиқ ҳаргиз дар зиндагӣ ва шеърҳои худ ин вожаҳои муқаддасро ба бозӣ нагирифта буд ва нагирифтааст. Шеъри шоир саршор ва моломол аст аз ҳикмати ишқ ва ҳикмати муҳаббат ва аз ин калимаҳо шоир мутобиқ ба таҷорибит хеш истифода кардааст. Дар дубайтии ҳозир баён, нигоҳ, тарроҳии маъно, ангеза, сулуки андеша ва маърифат ҳама аз кор ва ҳунари як шоири фозил ва маърифатҷӯ дарак медиҳад, шоире ки хуб медонад ишқ ва муҳаббат дар зиндагии башар ва дар бедории ҷон ва рӯҳи инсонҳо то куҷо муассир аст.

Агар чунин аст пас месазад он дубайтиро аз дигар бихонем ва дар қаламрави он ба ҷаҳони маънавии шоир боз ҳам беҳтар ва хубтар ошно бишавем:

*Муҳаббат масдари рушду камол аст,*
*Раҳи паймон на роҳи қилу қол аст.*
*Агар дар ишқ банди дил насӯзад,*
*Кушоди банди мушкилҳо муҳол аст.*

Барои таҳқиқи амиқ нахуст дар мисраи аввал калимаи «масдар»-ро маънӣ мекунем ин калима дар луғот дар чанд маънӣ аст ва яке аз он маонии ин калима маншаъ ва асли чизе бошад. Дар дубайтии ҳозир манзури устод Лоиқ аз калимаи «масдар» ҳамин аст, маншаъ ва асл, бо истифода аз

ин калима устод башорат медиҳад, ки асл ва маншаи рушду камоли башар танҳо ишқ ва муҳаббат аст. Бар ин мабно аст, ки шоир мегӯяд муҳаббат масдари рушди камоли инсон аст ва инсон аз файзи муҳаббат рушд мекунад ва ба камоли маънавӣ мерасад. Муҳаббат дар луғот бар маънии дӯст доштан аст, дӯстӣ ва дӯстдориро муҳаббат гуфтаанд, Мавлоно дар ин маъно фармудааст:

*Ҷуз иноят кӣ кушояд чашмро,*
*Ҷуз муҳаббат кӣ нишонад хашмро.*

Дигар аз маънии муҳаббат иҳсон аст ки инсон аз тариқи он ба дараҷаи камол бирасад ва инсон аз муҳаббат маҳбубро мешиносад ва ҳар қадар муҳаббат афзуда шавад, тоати ошиқ низ бар маҳбуб биафзояд. Устод Лоиқ бетардид медониста, ки муҳаббат дар рушди маънавии инсон нақши аввалро дорад ва медониста, ки инсон танҳо дар ин масир ба ҳақиқати худ ва ҳақиқати офариниш ошно хоҳад гашт ва бар ин мабно муҳаббатро асл ва маънии вуҷуди башар медонад. Аз нигоҳи устод маншаи тараққии маърифат ва ирфони башар муҳаббат аст ва муҳаббатро асли вуҷуди башар медонад ва инсонро шоиста набошад, ки нақш ва таъсири муҳаббатро дар зиндагии моддӣ ва маънавии худ нодида бигирад.

Инсон аз нигоҳи аҳли тариқат бар ин ҷаҳон барои касби камол меояд ва расолати инсон он аст, ки дар касби камол бикушад ва бояд бидонад бар ин ҷаҳон барои чӣ омадааст ва ӯро чи расолат аст. Устод Лоиқ дар ин дубайтии худ инсонро барои касби камол ташвиқ мекунад ва дар зимн нишон медиҳад, ки муҳаббат ба инсон чӣ меоварад ва чӣ медиҳад, муҳаббат аз нигоҳи шоир ба инсон рушд маънавӣ ва камоли маънавӣ медиҳад. Яъне муҳаббат масдари рушду камол аст дар зиндагии башар ва инсон дар ин мадраса тамоми умр бояд ҳузур дошта бошад ва дарси муҳаббат биомӯзад ва ҳар инсоне ки аз дарси муҳаббат фосила мегирад дар зиндагӣ аз файзи камол ба дур аст.

Дар мисраи дувум шоир ҳарфи худро умқ медиҳад ва ба мавзуи камол фарох менигарад ва тавзеҳ медиҳад, ки

муҳаббат дар зиндагии инсон то куҷо муҳим аст ва бояд муҳаббат танҳо дар ҳарф набошад. Мисраъро бихонем; раҳи паймон на роҳи қилу қол аст. Ва ин мисраъ замимаи мисраи аввал бошад ва калимаи «муҳаббат» масдари мисраи дувум низ ҳаст ва ҳузури калимаи «муҳаббат» дар мисраи дувум ба тамом эҳсос мешавад. Шоир дар мисраи дувум мегӯяд муҳаббат дар зиндагии инсон қилу қол нест, балки шарофат ва садоқати инсон аст ва инсон дар роҳи паймон бояд, ҳамеша вафодор бошад дар ҳамин маънӣ мегӯяд муҳаббат сидқ аст ва садоқат. Манзури шоир аз калимаи «паймон» сидқу садоқат ростӣ ва вафодорӣ аст ва маънии «паймон» дар луғот аҳд бастан аст аз тарафи нафарҳо ва гурӯҳҳо Фирдавсӣ мегӯяд:

*Гар эдун, ки бо ман ту паймон кунӣ,*
*Шиносам, ки паймони ман нашканӣ.*

Таркиби «қилу қол» дар шеъри шоирони ориф бисёр истифода шудааст ва манзур аз ин таркиб нишон додани ҳолати зоҳир аст дар қиёс ба ҳол ва ин таркиб дар фарҳнг бар маънии сару садои беҳуда низ бошад. Ва манзур аз ин таркиб дар ирфон ҳамоиши зоҳир аст, ки аз он мурод ҳосил нашавад. Саноӣ:

*Дар олами наҷот хиромиду бозраст*
*Аз нанги нафси нотиқаву қилу қоли ӯ.*

Ҳилолӣ:

*Чун ҳал намешавад ба сухан мушкилоти ишқ,*
*Дар ҳайратам, ки фоидаи қилу қол чист?*

Шоир мегӯяд, роҳи муҳаббат роҳи аҳду паймон аст ва инсон барои расидан ба мартабаи рушд ва камол бояд аввал аҳд бубандад ва чун дар ин роҳ рафт барнагардад, яъне аҳд нашканад, устод аз ин рӯ мегӯяд роҳи муҳаббат роҳи паймон аст, на роҳи қилу қол. Ду мисраи аввалро барои тасаввури бештар аз ин манзур дигарбор бихонем:

*Муҳаббат масдари рушду камол аст.*
*Раҳи паймон на роҳи қилу қол аст.*

Асли матлаби шоир дар ин дубайтӣ талаби камол аст ва инсон бояд дар талаби камол раҳи паймонро биспарад ва аз сару садоҳои баҳуда ҳазар дошта бошад ва талаби камол аз назари шоир барои инсон асли зиндагӣ аст. Камол дар луғот ба маънии оростагии сифат ва маърифат аст ва тараққии маънавии инсон дар он бошад, дар ирфон ба маънии комил шудани солик дар сайру сулук аст. Солик дар сулук комил мешавад ҳам дар зот ва ҳам дар сифот ва ахли ирфон бар он бовар ҳастанд, ки асоси олам бар тараққӣ ва камоли мавҷудот бунёд ёфтааст ва ҳар он чи мавҷуд аст ба тарафи камол ҳаракат мекунад. Инсон дар олами ҳастӣ, ки ашрафи махлуқот аст, дар ниҳод гавҳари волое дорад ва ӯ бояд дар роҳи тараққии камол он гавҳарро дар худ суфта бисозад, яъне хешро комил кунад ва ба мартабаи авали худ бирасад.

Ва аҳли назарро дар тараққии камол ихтилоф аст, гурӯҳи аввал гӯяд инсон дар талаби камол метавонад ба мақсуди воҷид бирасад, яъне инсон дар талаби камол ба марҳалае бирасад, ки сифоти илоҳӣ маликаи ӯ шавад. Инсони комил дар ин мароҳил дар дарёи бопоёни ҳақиқат чун қатрае ғарқ шавад он тавр ки қатра ва дарё ҳарду яке шавад ва гурӯҳи дигар мегӯяд инсон ҳамеша дар таклиф аст ва таклифи инсон поён надорад аз ин назар наметавонад ба камоли воқеӣ бирасад. Бо ин ҳама инсон муваззаф аст дар аҳди худ содиқ бимонад ва даст аз талаби камол барнадорад ва ҳар он ки дар роҳи камол рафта ва аз он даст барнадошта дар ин ҷаҳони печида лаззат ва нашъати камолро маза кардааст. Ва муҳаббат як рукни талаб аст дар сулуки камол, муҳаббат ойинаи даруни инсон аст ва инсон ҳаррӯз дар он худро бояд, бингарад ва худро ислоҳ кунад ва агар аз ин ойина фаромуш кунад инсон ба тадриҷ расолати хешро дар ин ҷаҳон аз ёд мебарад, ки дар ниҳоят фарҷоми он фоҷиа бошад.

Устод Лоиқ ба таври амиқ ва дақиқ мавқеи муҳаббатро дар зиндагии башар ва инсон дарк мекард ва медонист, дар дубайтии ҳозир шоир ҳамин манзури худро ба тасвир гирифта-

аст. Шоир инсонро ба сӯи муҳаббат даъват мекунад ва дар зимн мегӯяд маърифати камол аз қилу қол холӣ аст ва масдари рушду камоли ҳар инсон муҳаббат аст на қилу қол ва дар ин паймон инсон бояд содиқ бимонад. Дар мисраи севум аз дубайтӣ шоир марҳалаи дигар аз мартабаи камолро тарҷеҳ медиҳад ва он сӯхтан аст; агар дар ишқ банди дил насӯзад мегӯяд шоир ва ин мисраъ дар баён нисбӣ аст. Дар мисраи севум шоир аз калимаи «агар» истифода мекунад, «агар» калимаи рабт аст ва он ба маънии шарт аст дар иҷрои амал ва анҷоми коре. Ва он тавр ки арз шуд мисраъ аз лиҳози маъно нисбӣ аст ва ҳарфи шоир дар ин мисраъ дар ҳолати нотамом аст ва он бар мегардад барои такмили муҳтаво ба ду мисраи аввал ва манзури шоир ҳамон муҳаббат аст.

Аз калимоти дигар дар мисраи севум, ки шоир аз он барои ҳамоиши матлаб кор гирифтааст, калимаи «ишқ» аст ва ин калима аз лиҳози маъно тафсири калимаи муҳаббат мебошад дар сурати дигар. Хулоса дар мисраи севум шоир аз калимоте чун ишқ ва дил барои манзури худ кор гирифтаст ва барои шарҳи матлабе чунин ин калимот аз беҳтарин калимот ба шумор ояд. Дар мисраи аввал ва дувум он тавр ки ишорат гашт, аз нигоҳи шоир масдари рушду камол муҳаббат аст ва сидқу садоқат, на қилу қол ва дар мисраи севум шоир шарти дигарро пеш мениҳад ва он шарти шоир сӯхтан аст дар роҳи муҳаббат. Ҳарчанд дар мисраи севум шоир калимаи «ишқ»-ро бар калимаи «муҳаббат» ҷойгузин карда, вале асли матлаб тағйир накардааст ва ҳамон талаби камол аст, дар ниҳоят муҳаббат ва ишқ ҳарду дар як қаламрав барои ҳидояти инсон аст ва шоир ниҳояти муҳаббатро ишқ медонад, ки аз он сӯҳбат доштем. Сӯхтан дар мисраъ бар маънии самимият, сидқ ва садоқати тамом аст ва агар инсон дар ишқ аз ин ҳол дур бошад ба матлаб нахоҳад расид ва сӯхтан дар ин мисраъ бар маънии талош ва ғайрат низ мебошад.

Талаби камол аз инсон ғайрат ва сидқу садоқат мехоҳад ва инсон дар ин масир ранҷ мекашад ва дар ниҳоят ба мартабаи камол мерасад ва агар дар ин сафар аз ранҷ биҳаросад ва паймон бишканад зиндагии инсоне чунин қилуқол аст, яъне беҳуда. Бояд гуфт дубайтиҳое чунин барои аҳли маъно аст ва

дарку фаҳм дар фазои ин навъ аз дубайтиҳо шарти аввал бошад, Мавлоно дар ин маъно гуфтааст:

*Бар аҳли маънӣ шуд сухан иҷмолҳо, тафсилҳо,*
*Бар аҳли сурат шуд сухан тафсилҳо, иҷмолҳо.*

Ва дубайтии ҳозир аз дубайтиҳе чунин аст ва шоир дар ин дубайтӣ фазои маъно ва маърифатро барои аҳли маънӣ бисёр маҷзуб дар сатҳи шукӯҳу шаҳомати андеша ба кор гирифтааст ва асли матлаб тарбияти инсон аз ботин аст.

Ишқу муҳаббат аз он аносире ҳаст, ки инсон дар зиндагии маънавии худ бояд ҳам ба ишқ ва ҳам ба муҳаббат байъат карда бошад, инсон бо ин ду калима дар зиндагӣ бузург мешавад ва мартабаи камолро дармеёбад. Ҳузури ишқ ва муҳаббат зиндагии берангро ранг медиҳад ва инсонро ба ғояти хушбахтӣ мерасонад ва шоир мехоҳад инсони муосир дар зиндагии худ ҳаддиақал бидонад муҳаббат ва ишқ чист, зеро зиндагӣ бидуни ишқ ва муҳаббат зиндагӣ нест. Шӯълаи ишқ ва муҳаббат вақте дар дил фурӯзон мешавад, инсон нашъати сӯхтан ва нашъати талаби камолро дар худ эҳсос мекунад ва дар зиндагӣ расолати хешро медонад ва тибқи дастури ишқ ва муҳаббат зандагии худро ба сар мебарад.

Устод Лоиқ дар дубайтии ҳозир аз ҳамин дастур ҳарф мезанад ва бар инсон тариқати талаби камолро тавсия медиҳад ва зарурати онро низ шарҳ медиҳад:

*Муҳаббат масдари рушду камол аст,*
*Раҳи паймон на роҳи қилу қол аст.*
*Агар дар ишқ банди дил насӯзад,*
*Кушоди банди мушкилҳо муҳол аст.*

Дар мисраи чаҳорум устод матлаби худро хулоса мекунад ва дар он мегӯяд агар инсон ишқ ва муҳаббатро ба бозӣ бигирад дар зиндагӣ ба ҳеҷчое нарасад ва ҳеҷ гирах ва ҳеҷ мушкилро дар зиндагӣ наметавонад ҳаллу фасл бисозад. Манзури шоир аз калимоти банд ва мушкилҳо гирифтории инсони аст дар фарозу фурудҳои зиндагӣ, инсони муосир барои эҳсоси

хушбахтӣ аз ҳар василае истифода мекунад, ҷинс иваз мекунад, ҷарроҳии чеҳра мекунад ва… аммо боз ҳам худро хушбахт намебинад дар сардаргумӣ ва парешонӣ ба сар мебарад. Чаро инсони муосир ба қавли шоир дар бандҳо ва мушкилҳо гирифтор аст?. Ҷавоб ин аст инсони муосир ҳақиқати зистанро фармӯш мекунад, яъне аз ишқ ва муҳаббат ҳар рӯз бештар фосила мегирад ва расолати худро дар зиндагии маънавӣ аз ёд мебарад. Ва ҳар рӯз бештар дар банд ва мушкилҳо гирифтор мегардад ва роҳи наҷоти башар аз ин банд ва ин мушкилҳо танҳо рӯй овардан аст ба ишқ ва ба муҳаббат, зеро сиришти инсон ҳамеша ба маърифат ниёзманд аст ва инсони тиҳӣ аз маърифат аз файз ва раҳмат низ барканор аст.

Устод Лоиқ бар ин мабно мегӯяд, агар инсон дар талаби камол аз сидқ қадам нагзорад ва дар ин масир талош наварзад, наметавонад гираҳ аз бандҳои зиндагӣ бикшояд ва калимаи мушкил бар маънии садд низ ҳаст ва дар ирфон манзур аз он ҳиҷоб аст дар роҳи расидан ба мақому мартаба. Шоир мегӯяд инсон дар талаби ишқ ва камоли муҳаббат агар мехоҳад ба мартаба ва мақом бирасад, бояд дар раҳи паймон ҳамеша устувор бошад ва талош дошта бошад, дар ҳамин сурат метавонад аз мушкилҳои роҳ бигзарад. Агар дар ин роҳ паймон бишканад ва дар талаби камол заъф аз худ нишон бидиҳад, наметавонад ба мақсуд бирасад ва аз нашъти камол баҳравар бишавад ва манзури шоир дар дубайтии фавқ ҷуз ин набошад.

## ШУКӮҲИ ШУКУФТАН ДАР ОТАШИ ИШҚ

*Хушо, ишқо, сафои манзили ман,*
*Матои асли ман, обу гили ман.*
*Сад уқёнус агар обаш бирезанд,*
*Намирад оташи ишқи дили ман.*

Он чи дар осори устод ҳамеша дилро шикор мекунад, гармии каломи ӯст ва шоир аз ин шева чи қадар зебо ва шево метавонад истифода кунад, маҳз гармии каломи шоир аст, ки калимот дар ҳар қолаб бо шоир унс мегирад ва шоир бо калимот. Риволи андеша ва тафаккур дар ҳавзаи кори шоир маҷзуб аст ва таҷаллии зебоӣ дар шеърҳои ӯ ҳатто барои як лаҳза беранг нагардидааст, ҳусни зебо ва шоиста як рукни доим аст дар кори шоир. Ба хусус дубайтиҳои устод аз назари ҳунар аз назари баён ва он тавр ки арз шуд, аз назари гармии калом беназир аст ва на ҳар шоир дар кори дубайтӣ битавонад ин гуна салиқаи ҳунар аз худ нишон бидиҳад ва устод Лоиқ аз табори он шоирони бузурге аст, ки дар арсаи сухан эҳтироми онон махсус аст.

Гармии калом дар сохтори шеъри ҳар шоир аз рукни муҳим аст ва на ҳар шоир аз ин ҳунар бархурдор аст, забони бархе аз шоирон дар шеър ончунон хушк аст ки ҳеч бар дил наменишинад ва аммо барои мутоила ба мардум пешкаш мешавад. Дар ин навъ аз навиштаҳо рукни ҳунари суханварӣ дар ҳадди пойин аст аз навиштаҳое чунин ҳеч суде ба адабиёт ва мардум нест ва ҷои таассуф аст, имрӯз дар ҳавзаи ҳунар аз ин навъ навиштаҳо фаровон ба чоп мерасад. Барои тарбияти завқ ва зеҳни мардум бояд аз шеъри шоироне чун Лоиқ Шералӣ истифода кард, шеъри устод шеъри маърифат аст ва аз каломи ӯ завқ ва хотир тарбият мегирад ва хонанда ба дарси маърифат унс мегирад. Ҷомиа имрӯз беш аз ҳар

вақти дигар ниёз ба шеъри утод Лоиқ Шералӣ дорад, зеро фазои имрӯз фазои тарбият ва маърифат аст ва шеъри устод аз беҳтарин намунаҳо дар бахши ҳунар бошад, ҳанӯз шеъри шоир аз нигоҳи маънӣ мавриди омузиши амиқ қарор нагирифтааст.

Ҷилваҳои адабӣ ва ҳунарии шоир дар бахши дубайтӣ ҳамчунон ношинохта аст ва аз нигоҳи маъно ва маърифат низ кори шоистае дида намешавад ва фикр мекунам, хонанда шеъри устодро бештар аз нигоҳи маъно ва маърифат мехоҳад бишносад. Зеро ҳисси шинохтан ва донистан ҳамеша дар зоти инсон будааст ва гиреҳкушоии шеъри устод дар ҳавзаи маъно ва андеша барои ҳар хонанда чи дар кишвар ва чи дар хориҷ ҷолиб хоҳад буд. Ошноӣ ба фазои маънавии як шоир ҷаҳони тафаккур ва андешаи ӯро барои ҳаводорони шеър боз мекушояд ва хонанда аз ин роҳ маънои шеъри шоирро беҳтар ва хубтар фаҳм ва дарк мекунад.

Ҷаҳони андеша ва тафаккури устод Лоиқ Шералӣ барои як лаҳза ва як рӯйдоди муваққатӣ нест, балки фаротар аз лаҳза ва рӯйдодҳои вақт аст, яъне ҳарфи шоир ба замон пайванд хӯрдааст ва нимоди маърифат ва боварҳост. Обишхури андеша ва тафаккури шеъри шоир маърифат ва сайру сулуки бедорӣ ва худогоҳӣ бошад ва ин маърифат ирфони ҳамаи замонҳост ва башар ҳамеша дар ин маърифат будааст ва аз он худро ҷудо намедонад ва рози мондагории шоирони бузург дар ин бошад. Устод Лоиқ дар шеъри тоҷик аз шоироне аст, ки каломи ӯ пур аз балоғати маъно аз балоғати маърифат аст ва ӯ танҳо ба хотири эҳсос шеър нагуфтааст, балки шеъри устод барои ҷаҳони рӯҳ ва шинохтани худ дар он ҷаҳон аст. Яъне устод аз калимот дар халқи шеър танҳо дар сурат истифода накардааст, балки дар ҳар калима ҷилвае аз ҷаҳони маънавии инсонҳоро ба таҳқиқ гирифта ва мушоҳидаҳои хешро дар забони гарми шеър пероя бастаст.

Ман таркиби забони гармро дар чанд навбат истифода кардам ва ин назар дар ман баргирифта аз худи шоир аст ва манзури ман аз ин таркиб хусусиёти хос дар шеъри шоир ва

ҳинҷорҳои забонии ӯ мебошад. Манзур аз забони гарм дар шеъри устод ҷилваҳои мутанаввеи каломи ӯст, ҳам аз нигоҳи зебоӣ ва ҳам аз нигоҳи ҳунар ва аз нигоҳи муҳтаво ва шоири ин сӯҳбат дар кори худ аз ин ҷилваҳои адабӣ тавониста дар камоли завқ истиода кунад. Ва забони гарм дар шеъри муосири точик аз ҳама беш дар осори устод Лоиқ Шералӣ рух нишон медиҳад, дар зимни баррасии шеъҳои шоир дарёфтам, ки ин таъсир ба ӯ бештар аз куҷост.

Ин таъсир дар шеърҳои шоир қабл аз ҳар чӣ аз сабки шеъри хуросонӣ аст, вале устод дар ин қаламрав дами нафаси худро дар калимот дамидааст. Ва ин дамидан дар калимот таҳаввулоти маъно ва ҳунари шоир аст ва манзур он аст, ки дами нафаси шоир гарм аст ва забони гарми шоир ҳам аз ҳаминҷост. Ин фазо дар дубайтиҳои шоир бештар мушоҳида мешавад, шоир дар кори дубайтӣ аз шигардҳои наҷиб ва аҷиб истифода кардааст ва ҳувияти дубайтиҳои устод реша дар фарҳанг ва суннатҳои миллӣ дорад ва бо рӯҳи мардум ҳамеша канор меояд. Набзи забони гарми шеърҳои шоир бештар аз ин ҷо маншаъ мегирад ва устод дар қаламрави дубайтиҳои худ бештар чун шоири ботингаро худро нишон медиҳад ва каломи худро дар ин фазо ранг медиҳад. Шеваи баён дар дубайтиҳои шоир пур аз накҳати хаёлу андеша аст ва ҳар калимаро дар халқи дубайтӣ рангубори тозае медиҳад ва маънoро дар ҷилди калимот нақш мерезад. Устод дар кори худ ба хусус дар халқи дубайтӣ маънoро муҳимтар аз дигар ҷилваҳо медонад ва аркони дигар дар ҳавзаи андешаи шоир дар хатти маъно рӯҳ мегирад ва ин ҳузур дар тамоми дубайтиҳои шоир эҳсос мешавад.

Дар дубайтии ҳозир, мехоҳам сӯҳбат аз паҳнои маъно дошта бошам ва ин дубайтии шоир ҳам аз он ҳама ҷилваҳои ҳунар окандааст ва шоир дар ин дубайтӣ ҳам дар баробари забони гарм аз фазои маъноӣ тавониста хуб истифода кунад. Ва асли матлаби шоир дар сурати калимаҳо ва зебоии баён зоҳир намешавад, балки ҳунари шоир дар маърифатгароӣ ва кашфи маъноҳои бикр аст. Дар дубайтиҳои шоир чун дубайтии ҳозир маъно ва маърифат аст, ки калима дар калима худро мехоҳад намоиш диҳад ва суръати тунди маъно дар

даруни каломот аст ва на ҳар кас метавонад дар канори ин дарёи пур аз туфони маъно биншинад. Манзур он бошад, гирифтани гавҳари маъно аз дарёи пур аз тӯфон ба содагӣ ба даст наояд, зеро барои нишастан фурсат лозим аст ва фурсат барои андеша ва тафаккур аст ва ҳар касро фурсате чунин набошад. Ва бояд зикр дошт, ки розу асрори дубайтиҳои шоирро танҳо дар ин самт бояд ҷустуҷӯ кард ва ба умқи тӯфонҳои дарёи шеъри шоир фурӯ рафт, чун ғаввос, ки меравад ба умқи дарё барои шикори садаф, мо ҳанӯз ҳам дар канораҳои дарёи шеъри шоир нишасастем.

Аз ин рӯ пажӯҳиш ва таҳқиқи маъноӣ ва маънавӣ дар шеъри шоир қариб ба чашм намехурад, устодро ба ситошҳои минбарӣ ниёзе набошад шеърҳои ӯ худ беҳтарин ситоиш аз ҳунари ӯст. Таҳқиқ ва баррасии маънавии шеърҳои устод зарур ва муҳим аст аз ҳар нигоҳ ба хусус барои хонандагон, ки мехоҳанд ба ҷаҳони маънавии андеша ва тафаккури шоир беҳтар ва хубтар ошноӣ дошта бошанд. Дар ҳамин фазо дубайтии ҳозирро аз устод барои идомаи сӯҳбат бихонем:

*Хушо, ишқо, сафои манзили ман,*
*Матои асли ман, обу гили ман.*
*Сад уқёнус агар обаш бирезанд,*
*Намирад оташи ишқи дили ман.*

Ҳолу ҳавои дубайтӣ печида аст дар маъно, маърифат ва ирфон, илҳом дар ин дубайтӣ аз ҷаҳони рӯҳ аст, аз он ҷо ба ҷаҳони андешаи шоир нозил шудааст ва аз ҷаҳони андешаи шоир дар зарфи дубайтӣ. Дар мисраи аввал шоир табли тараб мезанад ва аз ҳолати хуше ки дорад, хабар медиҳад ва барои ин манзур аз калимаи «хушо» кор мегирад ва ин калима дар ин дубайтӣ бар маънии шукр ниҳодан низ бошад. Маънии дигар аз ин калима бар маънии таҳсин аст ва ин калима баргирифта аз калимаи хуш бошад ва ин калима дар луғот бар чанд маънӣ аст, аввал бар маънии хуб, нек, неку ва маънии дувум аз ин калима шод, шодмон, хуррам бошад ва маънии севум аз ин калима бӯса ва қибла аст. Ҳоло мис-

раи аввал аз дубайтиро бихонем; хушо, ишқо, сафои манзили ман ва бар калимаи хушо дар ин дубайтӣ биандешем калима дар ин дубайтии устод ҳам дар чанд маънӣ ба кор рафтааст.

Дар сурати дарк ва фаҳми ҷамъи маъноҳо дар калимаи «хуш» фазои матлаби шоир пеши рӯ боз мешавад, яъне устод эҳсоси ризоият дорад аз вазъи мавҷуди хеш ва мегӯяд, шоду хуррам ҳастам ва ҳоле дорам хуҷаставу наку ва қиблае дорам аз ишқ. Ва ҳолати шоир агар неку аст ва ӯ шоду хуррам аст ин ҳама ӯро аз баракати ишқ бошад ва ишқ қиблаи хуррамии шоир аст ва истифода аз калимаи ишқ дар дубайтии ҳозир барои хамин манзур бошад. Мисраи аввалро дар ин ҳолу ҳаво ба ёд биоварем ва ба фазои андеша ва тафаккури шоир бештару хубтар ошно шавем; хушо, ишқо, сафои манзили ман ва он тавр ки арз шуд, шоир дар баробари хуррамии худ шокир аст аз ишқ. Калимоти хушо ва ишқ дар канори ҳам маънии сифат аз ишқ ва истиқболи шоир аст аз ишқ ва дар ин хат шоир ҳам шоду хуррам аст аз омадани ишқ ва ҳам шукр мегузорад, ки аз ишқ қиблае дорад.

Дар мисраъ шоир аз ишқ шод аст ва неку ҳоле дорад ва ишқро сафои манзили худ медонад ва манзил дар мисраи шоир ҷуз маскан, ҷуз маъво бармаънии зиндагӣ низ бошад. Шоир мегӯяд: Агар зиндагии ман ширин аст ва рӯшан, он аз сафои ишқ аст ва манзили ман аз ишқ рӯшан бошад, пас чӣ тавр шокир набошам ва низ шоду хуррам. Вақте шоир иқрор аст, ки аз ишқ хуррам аст ва аз ишқ зиндагии ширине дорад, пас, истиқболи шоир аз ишқ истиқболи як марди хушбахт аст ва дар зиндагӣ шиква аз ишқро намедонад. Ва бо тамоми кайфият ба истиқболи ишқ меравад ва ин лаҳзаро дар зиндагии хеш неку медонад ва аз вуҷди ишқ шодиву хуррамии худро дар калимоти «хушо», «ишқо» ва «сафо» сабт мекунад. Шеваи истифода аз калимаи «хушо» дар ғазалҳои Хоҷаи Шероз низ мушоҳида мешавад:

*Хушо Шерозу васфи бемисолаш,*
*Худовандо, нигаҳ дор аз заволаш.*

Ва манзур аз калимаи сафо изҳори хуррамӣ ва шодобӣ аст ва ин калима киноя аст аз шоду хуррам будан. Дар ин маънӣ боз ҳам ҳазрати Ҳофиз мегӯяд:

*Расидани гулу насрин ба хайру хубӣ бод,*
*Бунафша шоду хуш омад, суман сафо овард.*

Соиб:

*Итобу ноз зи абрӯи гулрухон пайдост,*
*Сафои ҳар чаман аз рӯи боғбон пайдост.*

Ва ин калима бар маънии самимият, хулус ва покизагиву назофат низ ба кор меравад, дар ирфон манзур аз сафо хулуси муморисоти (талерин) табъ ва дурӣ аз мазмумот (бад) аст. Сафо аз сифоти инсон аст, сифот аслӣ мешавад ва фаръӣ, сифоти аслӣ буридан ва қатъ аст аз ағёр ва сифоти фаръӣ хилват гузидан аст аз дунёи ғаддор. Дар ин ҳошия агар мисраи аввал аз дубайтиро мавриди андеша қарор бидиҳем, ҷаҳони тафаккури шоирро мешавад дарк кард ва дар ин хат дубайтии ҳозир дар фазои шавқ ва завқ эҳсос намешавад.

Балки ҳисси тафаккур ва андеша дар калимот нақши аввалро мебозад, ҳис дарки маъноро мехоҳад ва аз завқ фаромӯш мекунад ва асли шеър низ дар ин хат бояд, ки бошад ва ҳисси тафаккур ва ҳисси андеша дар кори сухан аз муҳимтарин рукн ба шумор ояд. Устод дар дубайтии фавқ аввал фазои андешаро тарҳ рехтааст ва дар фазои андеша аз завқ ва ангезаи шавқ ҳам кор гирифтааст ва ҳолати завқ дар дубайтиҳои шоир ангезабахш аст. Аммо ин ҳолат сабаб намешавад, ҷиҳати андеша ва маъно дар шеърҳои шоир таҳқиқ нашавад ва танҳо нашъат аз шеърҳои шоир аз ҷиҳати завқ сурат бигирад ва ҳол он ки фаҳм ва шинохти шеъри шоир аз ҷиҳати маъно бештар нашъат дорад. Ва дубайтии ҳозир ҳам аз лиҳози маъно ва андеша аз дубайтиҳои фавқуллода аст ҳар мисраъ дар дубайтӣ печидааст дар фарозу фуруди маъно, маърифат, андеша ва тафаккур ва ин фазо аз мисраи аввал ба чашм мехурад.

Дар мисраи дувум шоир матлаби худро бештар ранги маъно медиҳад ва ҳақиқати хушӣ сафо ва ишқи худро қотеият медиҳад, дар ин хат мегӯяд; матои асли ман обу гили ман. Шоир асли ҷавҳари худро дар мисраи дувум дар калимаи «матоъ» асл ва таркиби обу гил сифат мекунад ва ин калимотро метавон шарҳи мисраи аввал гуфт, зеро дар мисраи аввал устод ишқро сафои манзили хеш медонад ва самияти худро дар баёни хушо нишон медиҳад. Ва дар мисраи дувум ҳамин маънoро асли вуҷуди худ медонад, таркиби матои асли ман, обу гили ман дар мисраи дувум реша дар калимаи «ишқ» дорад.

Дар дубайтии ҳозир ишқ ҷавҳари андешаи шоир аст ва шоир ишқро асли вуҷуди хеш медонад ва манзури шоир аз таркиби обу гил вуҷуд аст ва асли вуҷуд барои шоир ишқ аст. Яъне бидуни ишқ вуҷуди зиндагии шоир асл ва маънӣ надорад ва шоир дар ҳақиқати ишқ худ ва асли зиндагии хешро мебинад ва аз чароғи ишқ манзили маънавии шоир рӯшан аст. Дар дубайтии ҳозир устод Лоиқ Шералӣ ба ҷаҳони ҳастӣ ва ҷаҳони зиндагӣ аз зовияи ишқ менигарад ва манзури шоир аз таркиби матои асл ҳақиқати инсон аст ва инсон бидуни ин ҳақиқат комил набошад.

Ҳақиқат ва асли инсон аз назари шоир ишқ аст ва агар инсон дар маърифати ишқ зистанро таҷруба накунад, наметавонад дар зиндагии хеш расолати инсон буданро он тавр ки мебояд, иҷро кунад. Устод Лоиқ Шералӣ ҷаҳони зоҳир ва ботинии хешро бидуни ишқ холӣ мебинад ва агар хуш аст аз ишқ хуш аст ва агар дар манзили маънавии хеш сафое дорад, он ҳам аз ҳузури ишқ бошад ва шоир асли худро низ аз ишқ медонад.

Аз назари шоир ишқ асли зиндагии инсон аст ва инсон бо ҳузури ишқ ба мартаба ва мақомҳо мерасад ва агар ишқ набуд, инсон ҳақиқати зистанро дар ин ҷаҳони печида дарк намекард. Ва инсон дар асл аз баракати ишқ маънии зистанро дар худ ҳулул кардааст ва аз баракати ишқ нашъати дӯст доштанро дар вуҷуди хокии худ эҳсос ва ламс кардааст ва ишқ ҳувияти вучуди инсон аст, инсон бидуни ишқ дар шинохти хеш ва расидан ба асли хеш оҷиз аст.

Ишқ инсонро дар фарозу фуруди ҳастӣ роҳнамоӣ кардааст ва дар тараққии маънавии инсон бештарин ва умдатарин нақшро ҳамеша доштааст ва дорад. Таркиби обу гил бар маънии вуҷуд ва ҳастии инсон аст ва ишорат аст ба хилқати инсон ва хилқати инсон аз хок аст ва ин хок аз иксири ишқ қурб пайдо кардааст. Шоир ба хилқати худ ишорат мекунад ва асли онро ҳам ишқ медонад, ӯ мегӯяд медонам хилқати ман аз хок аст ва аммо ин хок бидуни ишқ халқ намегашт, аз ин рӯ шоир асли худро бароварда аз ишқ медонад.

Ва инсон туфайли ишқ аз хок халқ шуд, сиришта шуд ва аз дами ишқ ҷон гирифт ва шоир бо ин назар мегӯяд:

*Хушо, ишқо, сафои манзили ман,*
*Матои асли ман, обу гили ман.*
*Сад уқёнус агар обаш бирезанд,*
*Нахушкад оташи ишқи дили ман.*

Дар дубайтии ҳозир шоир асли худро, сиришти худро обу гили худро аз ишқ медонад ва агар сафое дорад, аз ишқ аст ва манзури шоир аз манзил ҳолати зиндагӣ ва макон бошад. Дар дубайтии фавқ шоир аз ҳукумати ҷовидони ишқ дар зиндагии инсон ва нақши ишқ дар маърифати инсон дар рӯҳонияти инсон ҳарф мезанад, аз назари шоир инсон дар зиндагӣ аз ишқ бояд ки бар канор набошад вагарна роҳи шинохатан ва роҳи ҳақиқатро дар зиндагӣ гум хоҳад кард.

Инсон бо ишқ бузург аст ва танҳо аз тариқи ишқ ба асли хеш мерасад ва аз тариқи ишқ ҷаҳони маънавии худро маъно медиҳад ва шоир ба фаросати фитрии худ дарёфта, ки ҷаҳон ва ҳастӣ дар меҳвари ишқ мечархад ва агар аз меҳвари ишқ берун шавад вуҷуди хешро барои ҳамеша аз даст медиҳад ва дар бекаронаҳо бенишон мегардад.

Устод бо нигоҳи таҳқиқ ва бо нигоҳи жарф мавзӯи ишқро дар жанри дубайтӣ воковӣ мекунад ва зиндагии худро бо ишқ пайванд мезанад ва асолати худро танҳо дар ишқ медонад ва баҳои матоии зиндагии худро дар ишқ мебинад ва агар ишқ набуд ин мато ба чи дарде мехурд. Барои идомаи сӯҳбат дигарбора аз дубайтии ҳозир мисраъҳоро ба хотир биёварем:

*Хушо, ишқо, сафои манзили ман,*
*Матои асли ман, обу гили ман.*
*Сад уқёнус агар обаш бирезанд,*
*Намирад оташи ишқи дили ман.*

Дар мисраи севум аз дубайтӣ шоир мехоҳад ҳаҷм ва вусъати ишқро тавзеҳ бидиҳад ва мартабаи ишқро бо калимоте чун «уқёнус» ба қиёс мегирад ва дар ин қиёс аз шумораи сад низ истифода мекунад. Ва манзури шоир дар ин қиёс ҳамоиши ҳаҷми ишқ аст ва дар қиболи ин қиёс ба мартаба ва мақоми ишқ дар зиндагии башар ишорат мекунад. Шоир дар ин равиши кор он тавр ки ишорат рафт, аз шумораи сад ва уқёнус истифода кардааст ва манзури шоир аз ин баён нишон додани қурби ишқ аст ва агар ҳам сад уқёнус ба ҳам биёяд ва дар оташи ишқ бирезад, оташи ишқ намирад ва оташи ишқ ҳамеша фурӯзону рӯшан бимонад. Ҳазрати Ҳофиз дар ҳамин маънӣ фармудааст:

*Ҳаргиз намирад он ки дилаш зинда шуд ба ишқ,*
*Сабт аст бар ҷаридаи олам давоми мо.*

Устод Лоиқ дар дубайтии ҳозир ҳамин маъноро ба тасвир гирифтааст, яъне вақте дар дили инсон оташи ишқ шӯълавар мешавад, ҳеҷ обе наметавонад онро хомӯш кунад, агар ҳам сад уқёнус ба ҳам биёяд. Шоир мегӯяд дар дили ман оташи ишқ месӯзад ва асли ман маънии зиндагии ман дар он аст ва дигар аз ин оташ ба мақоми ҳидоят расидаам ва аз назари зиндагии маънавӣ дигар нахоҳам мурд, зеро шӯълаҳои зиндагии ман аз оташи ишқ аст ва оташи ишқ ҳамеша фурӯзон аст. Манзури шоир аз ин баён чизи дигар низ бошад ва сифати ишқ он маърифати ишқ аст ва маърифати ишқ ба инсон дар ин ҷаҳон шукӯҳ ва шаҳомат медиҳад ва инсон аз маърифати ишқ зиндагии худро баргу бори маънӣ медиҳад. Сифати оташ сӯхтан бошад сифати об сабз кардан ва фурӯ нишондани оташ, аммо дар маърифат ва фарҳанги ишқ сифати об дигар мешавад ва он наметавонад оташи ишқро фурӯ биншонад, зеро сифати оташи ишқ сифати оташи маъмулӣ

нест ва он ҷавҳари ишқ аст ва нимоди зиндагии башар.

Бо ин назар устод Лоиқ ҳатто ҳаҷми обро дар шумораи сад ва уқёнус бузург нишон медиҳад, аммо ин ҳаҷм дар пеши як шӯълаи ишқ ночиз аст, зеро ишқ аз ҷаҳони дигар аст ва номи он ҷаҳон ҳақиқати зиндагӣ аст ки он ба номи инсон тафсир мешавад. Калимаи «оташ» дар шеъри шуаро ҷуз маънии роиҷ дар маъниҳои дигар низ мушоҳида мешавад ва дар луғот ҳам дар чанд маънӣ омадааст: ғам, андӯҳ, мусибат, бало, ошиқ ва ишқи сӯзон аз маонии ин калима аст. Ва об бар оташ рехтан аз масалҳое ҳаст, ки барои нишон додани сахтӣ ва ранҷи вазъ дар ишқу ошиқӣ ба кор равад ва устод аз ин масал ба хубӣ огоҳ будааст ва аз он дар дубайтии ҳозир ҳунармандона истифода кардааст. Дар дубайтии устод маънӣ аз ин ҷост ва он чи қадар тобиши шеърӣ гирифтааст ва ин ҳама аз файзи андешаи шоир аст.

Оташи ишқ дар дили шоир фурӯзон аст ва оташ ҳар қадар фурӯзонтар аст, сӯзи ошиқ ба ҳамон андоза бошад ва он тавр ки аз дубайтӣ ба назар меояд, фарти оташи ишқ дар дили шоир дар сад уқёнус аз об ҳам намирад ва танҳо оташи ишқ ин нерӯро дорад. Дубайтиро бихонем:

*Хушо, ишқо сафои манзили ман,*
*Матои асли ман, обу гили ман.*
*Сад уқёнус агар обаш бирезанд,*
*Намирад оташи ишқи дили ман.*

Дар ин дубайтӣ ба қавли Бедили бузург кайфияти маъно аз шаш ҷиҳат гул кардааст ва ҳар мисраъ дар хотир ва тахайюл ҳисси кайфиятро захма мезанад ва ҳар касе мехоҳад, на, хостан кам аст, орзу мекунад, дил дар оташи ишқ бизанад ва лаззати сӯхтан дар ишқро бидонад, ки он чун аст.

Ҳазор-ҳазор достон ҳар рӯз қисса мешавад ва аммо он ҳама қиссаҳо барои як фурсат ва барои як лаҳза аст ва аз гӯш то гӯше магар қиссаи ишқ ки он барои як фурсат нест ва ишқ қиссаест ба тамом дигар ва он барои дил аст. Устод ишқро ингуна дидааст ва аз сафои ишқ манзили худро муаттар кардааст ва матои зиндагии хешро дар баҳои ишқ қурб

дигар додааст ва аз фарти ишқ дар оташи бало ва мусибат омода аст биравад, зеро хуб донад, ки оташи ишқ оташи наҷот аст. Бидуни ишқ зиндагии инсон ботил аст, ишқ эъҷоз аст ва камол ва чун инсон дар ишқ ба мартаба мерасад сеҳри дунёро бишканад ва ба эъҷози мушоҳида даст ёбад. Ба қавли Мавлонои бузург ишқ ба инсон тарзи дигар нигаристан, тарзи дигар фаҳмидан, тарзи дигар хандидан ва тарзи дигар сӯхтанро омухтааст:

*Ҷannate кард ҷаҳонро зи шакар хандидан,*
*Он ки омухт маро ҳамчу шарар хандидан.*
*Гарчи ман худ зи адам дилхушу хандон зодам,*
*Ишқ омӯхт маро шакли дигар хандидан.*

Ва устод Лоиқ Шералӣ дар дубайтии фавқ чун Мавлоно аз ишқ тарзи шарар хандиданро омӯхтааст ва аз ин шарар хандидан ҳаст ки сад уқёнус об ҳам дар дили шоир наметавонад оташи ишқро хомӯш кунад.

# ГАР НАБУДӢ БАҲРА ИШҚИ ПОКРО…

*Диламро мехурад ҳар дам ғами ишқ*
*Даме беҳамдамам созад ғами ишқ.*
*Намедонист олам аз вуҷудам*
*Намебудам агар дар олами ишқ.*

Дил ва ишқ ду ҷаҳони магнитӣ, ду ҷаҳони роз ва асрор, аст ва инсон бидуни яке аз ин ду ҷаҳон ҳаргиз комил нест ва бидуни яке дар шинохти худ ва ҳастӣ қодир нест. Ишқ амонате аст барои дил ва дил амонате аст барои ишқ, ишқ ва дил лозим ва малзуми ҳам мебошанд, яъне дил ва ишқ ниёз ба ҳам доранд, мешавад гуфт, асли дил ишқ аст ва асли ишқ дил бошад. Дил баҳор аст ва ишқ шукуфтан ҳаст баҳорро ва агар баҳорро шукуфтан нузул намешуд, баҳорро қурбе набуд ва он аз марзи хушкборӣ фаротар намерафт ва шукуфтан ҳақиқати ишқ аст дар баҳор ва баҳор ҳақиқати будан ҳаст дар ишқ. Шоирони асил ба мавзӯи ишқ ҳамеша аз зовияи шинохтан ва аз даричаи таҳқиқ нигоҳ кардаанд, зеро бидуни таҷрубаи ишқ наметавон аз дил гуфт ва бидуни ҳузури дил наметавон аз ишқ.

Ишқ иксире аст, ки сафоли хушк аз файзи ӯ райҳон шавад ва куфр аз раҳмати ишқ ба имон бирасад ва ишқ инсонро ба меҳрубонӣ ҳамсоя кунад ва аз ишқ садои мурдаи шоир ҷон бигирад. Ва аз ин ҷост, ки ҳамеша шоирони аҳли дил шеърро дар воҳаи ишқ ба мушоҳида мегиранд ва дар меъроҷи ишқ бо шеър гуфтугӯ мекунанд ва шеъри шоироне чунин пурбор аз маърифат аст. Ва ҳарфи дигар он бошад, ки шеъри шоироне чунин дар таровати ҳунар ва дар балоғати андеша аз шоирони шиорӣ ба тамом фарқ мекунад ва калом дар шеъри шоирони ишқтабор ҷилваҳои дигар дорад, ҷилваҳои адабӣ ва ирфонӣ ҳусни шеъри онҳост. Ва ҳар шо-

ир, ки аз дил мегӯяд, ӯ наметавонад аз ишқ нагӯяд, зеро он тавр ки ишора рафт, дил ҷисм аст ва ишқ дар ин ҷисм рӯҳ аст ва агар дар ҷисм рӯҳ набошад он комил нест ва ишқ маърифати дил аст ва бидуни ин маърифат ҷаҳони дил торик бошад.

Ва шеъри шоирони асил латифаест ниҳонӣ, ки аз он ишқ хезад ва ҳар калимаи шоир нашъат мегирад аз ишқ ва дар ниҳоят табдил мешавад ба шеър ва шеъри шоироне чунин дар дафтари рӯзгор барои ҳамеша сабт мешавад. Ҳузури гарми ишқ дар осори устод Лоиқ аз он мегӯяд, ки шоир ба вожаҳои дил ва ишқ самимона ва аз сидқ байъат кардааст ва аз ин калимот дар шеърҳои хеш барои ҳаёҳу ва сару садо ва ҳамоиш дар зоҳир кор нагирифтааст. Вожаи «дил» ва «ишқ» барои устод аз вожаҳои маъмулӣ нест ва шоир дар ҷаҳони ин калимот ҳам ҳузури маънавӣ дорад ва ҳузури дунёӣ ва расолати ӯ дар ин ҳузур башорат аст ба инсонҳо аз ҷаҳони ишқ ва аз ҷаҳони дил. Нигоҳи шоир дар истифода аз ин калимот дар шеър нигоҳи солик аст ва дар тариқати ишқ аз расму русум ва ойини сафар хабар дорад, яъне ишқро танҳо дар калима таҷруба накардааст, балки дар ҷаҳони ишқ ва дил ҳам гомҳо бардоштааст.

Бояд гуфт фазои ҳузур дар шеъри ҳама шоирон ин гуна нест ва истифода аз калимаи «ишқ» ва «дил» дар шеъри бархе аз шоирон бисёр рокид аст ва ангезаи ҳис дар шеъри шоироне чунин мурдааст ва истифода аз калимаи «ишқ» ва «дил» дар шеъри онон танҳо дар сурат хулоса мешавад. Шоироне аз ин калимот дар шеъри худ фаровон истифода кардаанд, аммо бидуни ҳис ва ангеза ва калимоти «ишқ» ва «дил» бар шеъри ишон на шукӯҳе дода на шаҳомате, аммо утод Лоиқ бо назаре чун Мавлоно, Саъдӣ ва Ҳофиз аз ин калимот суд бардоштааст.

Ва ин калимаҳо дар шеъри устод Лоиқ чун дар шеъри Мавлоно, Саъдӣ ва Ҳофиз саршор аст аз шукӯҳу шаҳомати андеша ва тафаккур ва балоғати шеъри устод аз ин обишхур аст, зебоии андешаи шоир реша дар ин ду калимот дорад ва хатти сайру сулуки устод аз ин калимаҳо мегузарад. Бетардид устод шоире буд маст аз паймонаи ишқ ва ин

калимаҳоро дар осори худ ҳаргиз ба бозӣ нагирифтааст, иззат ва мартабаи калимаи дил ва ишқро дар асли он ду калима медид, на дар сурати калимаҳо.

Руҷӯи шоир ба калимаҳои «ишқ» ва «дил» дар ҳар марҳала ба навъе сурат гирифтааст ва табиист, дар ҳар марҳала шоир ба ин калимаҳо мутобиқ ба ҳамон ҳолат муносибат кардааст ва ба тадриҷ нигоҳи шоир дар ин сайру сулук ба камол расидааст. Ва нигоҳи шоир дар кори дубайтӣ бар калимаҳои «ишқ» ва «дил» бештар нигоҳи як шоири орифгарост ва бархе аз дубайтиҳои шоир дар робита ба мавзӯи ишқ ва дил бемуҳоббо мешавад гуфт шоҳкор аст ва ин мухтасар аз он гӯяд, ки калимаҳои «ишқ» ва «дил» барои устод аз калимоти мӯътабар бошад.

Дар истифода аз ин калимаҳо шоир маърифати ҳастӣ ва фитрии худро ҳам нишон додааст ва аз ин лиҳоз устод дар халқи дубайтӣ аз шоирони бисёр мумтоз аст. Ҷаҳони андешаи шоир аз ҳузури калимаҳои ишқ ва дил рангубори маънӣ гирифтааст ва ҳузури калимаи «ишқ» ва «дил» дар шеъри устод ҳузури унс аст, ҳузури розҳои дарун аст. Маънии зиндагии инсон аз ҳузури калимаи «ишқ» ва «дил» ранг мегирад ва агар инсон аз ҳузури ин калимот дар зиндагӣ маҳрум бошад, аз асли зиндагӣ ва асли худ ҳам намедонад ва бадбахтии башар аз ин ҷо шурӯъ мешавад.

Устод дар кори худ нақши маънавии ишқ ва дилро дар ҷилваҳои мутанаввеъ ба тасвир гирифтааст, яъне ишқ дар осори шоир дар як фазо тасвир намешавад, балки он печида аст дар рангҳо ва ҷилваҳо. Дубайтии ҳозир дар ҳавзаи кори шоир дар ҳамин хат аст, бихонем:

*Диламро мехурад ҳар дам ғами ишқ,*
*Даме беҳамдамам созад дами ишқ.*
*Намедонист олам аз вуҷудам,*
*Намебудам агар дар олами ишқ.*

Ишқ дар луғот баромада аз калимаи «ашақа»-и арабӣ аст ва ашақа гиёҳе ҳаст, ки бар тани дарахт печ занад ва шираи он дарахтро ба тамом бимакад ва дарахт хушк шавад ва баъд

он гиёҳ ширaи худро бимакад ва худро хушк бисозад. Ва маънии калимаи «ишқ» дӯстӣ ва муҳаббат аст ба ҳадди ифрот. Шайх Аттор гӯяд:

*Ишқ аз ин бисёр кардасту кунад,*
*Хирқаро зуннор кардасту кунад.*

Мавлоно:

*Ишқ он шӯлъа-ст к-ӯ чун барфурӯхт,*
*Ҳарчӣ ҷуз маъшуқ, боқӣ ҷумла сӯхт.*

Ишқ муҳимтарин рукни тариқат аст ва мақоми ишқро танҳо инсони комил, ки маротиби тараққӣ ва такомулро паймудааст, дарк мекунад, фаҳм мекунад ва мешиносад. Хоҷа гуфтааст:

*Мутриби ишқ аҷаб созу навое дорад,*
*Нақши ҳар парда ки зад, роҳ ба ҷое дорад.*
*Олам аз нағмаи ушшоқ мабодо холӣ*
*Ки хуш оҳангу фараҳбахш навое дорад.*

Ва устод Лоиқ Шералӣ дар ҷаҳони ишқ бешак созу навое дошта ва дар шуҳуди ишқ аз маърифати дил ва ишқ барои худ файзҳое бардошта, агар чунин набуд, дар шеъри шоир ин ду калима ин қадар мартаба намедошт. Шоир дар шеъри худ бар ин ду калима мақом ва мартабаи хос қоил аст ва дар осори шоир ин ангезаро мешавад рӯшан эҳсон кард ва ин ду калима, яъне «ишқ» ва «дил» дар ҷаҳони шеъри шоир таҷаллии дигар дорад аз ҳар назар.

Дар мисраи аввал аз дубайтии ҳозир шоир барои нишон додани муносибати хеш ва нигоҳи хеш ба ҷаҳони маънавии дил ва ишқ аз калимоти ғам ва дам истифода мекунад ва манзур дар мисраъ бар мабнои ин калимот аст. Манзури шоир аз калимоти «ғам» ва «ишқ» сурати маънии калимаҳо дар зоҳир нест, балки асли манзури шоир аз ин калимот чизи дигар аст ва ӯ мехоҳад дар радифи ин калимаҳо асли мат-

лабро баён бисозад. Ғам, дард, андӯҳ, ранҷ, алам аз вожаҳое аст, ки ҳолати равонии инсонро аз ҷанбаи нороҳатии бадан, ки таҳаммулаш мушкил аст, нишон медиҳад ва низ ин калимот нимоди беморӣ, маризии тавъам бо дард низ бошад.

Аммо ин калимот бар маънии нохушии равонӣ низ таъбир мешавад ва манзур ҳолати равонии инсон аст, вале дар фарҳанги орифон ҳолате ҳаст, ки аз талабу хоҳиши бисёр даст диҳад ва низ ҳолате ҳаст, ки аз маҳбуб зоҳир шавад ва муҳиб тоқати таҳаммули онро надорад. Ва матлаби шоир аз калимаи «ғам» ҳамоиши ҳолати ботин аст, на ҳолати зоҳир. Ғами шоир ғами ишқ аст ва ин ғамро ӯ дар дил дорад ва ғами ӯ ғами ҷисм нест, балки ғами дил аст ва ғами дил ғами ишқ аст. Ва барои асли матлаби худ шоир дар мисраи аввал аз калимаи «дил» ва «ишқ» истифода кардааст ва шурӯи мисраъ бо калимаи «дил» аст ва дар қофияи мисраъ калимаи «ишқ» мушоҳида мешавад. Ин равиш барои дарки матлаби шоир кумак хоҳад кард, яъне дил ватани ишқ аст ва оғози ишқ аз дил бошад ва калимаи дил дар шурӯъи мисраъ нимоди ҷаҳони маърифат аст ва маърифати ин ҷаҳон ишқ аст ва калимоти васат нимоди роҳ бошад аз дил то ишқ. Дар ҳамин масир шоир тариқати ишқро таҷруба мекунад ва дил аз маърифати ишқ ба шуҳуд мерасад ва аз шукӯҳи ишқ ҳақиқати худро боз меёбад ва ба ҳақиқати сиришти худ ошно мешавад.

Устод дар фазои ин калимот мехоҳад бигӯяд, ӯро ғами дунё нест ва дар дил ғами дунёро надорад, ғами ӯ ғами ишқ аст ва агар ғамзадаст ғамзадаи ишқ аст ва ин ҳолати равонии хешро шоир дар мисраи аввал бидуни ҳеҷ дағдаға тасвир мекунад. Зеро шоирро ба дағдаға ниёзе набошад, чун дағдағаи ӯ аз ишқ аст ва аз ин назар ҳолати худро дар вожаҳо мутобиқ ба ҷаҳони дил ва ҷаҳони ишқ ранг медиҳад ва ҷаҳони шоир дар калимаи дил, ғам ва ишқ ранг мегирад. Худро дар он ҷаҳон суқ медиҳад ба ҷаҳони дил ва ҷаҳони ишқ ва аз он ҷаҳон хоҳиш надорад дигар бурун ояд ва агар он ҷаҳон аз дарду ғам ва андӯҳ тиҳӣ нест ва ҷаҳони ишқ маҳз дар гарави ғам бо ҷаҳони дил пайванд мешавад ва дар ниҳоят ин ду ҷаҳонро ба ҳам меоварад. Дар ишқ таҳаммули

вазни хомӯшӣ кори осоне нест, агарчи сукут арзи шавкат аст бар ошиқ ва аммо ҷилваи ишқро сахт аст дар сукут нигоҳ дошт ва ошиқ ба ҳар навъ мехоҳад, ин наворо бинавозад ва сукутро дар худ бишканад.

Ва ҳарфи ҳазрати Ҳофиз, ки мегӯяд «мутриби ишқ аҷаб созу навое дорад», бар ҳамин маънӣ аст, яъне ишқро дар сукут наметавон нигоҳ дошт, ҳарчанд солики ишқ муваззаф аст, ин рукнро дар тариқати ишқ ҳамеша муҳим бидонад. Муҳим бар он маънӣ аст, ки рози ишқро битавонад дар ҳисори сукут нигоҳ бидорад, аммо дар ҳолати ваҷд ранги ҳайрат ва шавқи худро аз ишқ бар зобон меорад ва шеваи баёни аҳли ишқ ба ҳар навъ бошад. Якеро чун Мансур бар сари дор бибарад ва дигареро чун Мавлоно аз ҳалқаи зоҳидон бар ҳалқаи дарвешон бикашад. Дар ин маънӣ шайх Аттор гуфтааст:

*Раҳи ошиқ харобӣ дар хароб аст,*
*Раҳи зоҳид ғурур андар ғурур аст.*
*Дили зоҳид ҳамеша дар хиёл аст*
*Дили ошиқ ҳамеша дар ҳузур аст.*

* * *

*Ба ҳукм банди қабои фалак зи ҳам бигшод*
*Диле, ки аз камари маърифат миён барбаст.*

Устод Лоиқ низ дар дубайтии худ, он тавр ки мушоҳида мешавад, дилро дар ихтиёри ғам додааст ва он ғам ҳамон камари маърифат аст, ки ошиқон бар миён онро бибананд ва дар масири ишқ қадам бигзоранд. Шоир аз таркиби ҳар дам дар мисраъ кор гирифтааст ва ин таркиб бар маънии пайваста ва доим аст, манзур он аст ки шоир ҳатто барои як лаҳза аз ишқ фориғ нест ва ҳамеша хаёли ишқро бар дил ва бар сар дорад ва ғам дар дубайтӣ бар маънии маърифати ишқ аст.

Ва дар тариқат манзур аз ишқ маърифат аст ва ҳар ишқ ки аз маърифат тиҳӣ аст, он ишқ нест, балки ҳавасе аст ва аз асли ишқ чизе намедонад ва шоир дар дубайтии хеш ишқро

на дар ҳавас сифат мекунад, балки ишқ барои ӯ ба қавли шайх Аттор ҳузур андар ҳузур аст.

Шоир хуб медонад, ки дар ишқ ҳавас ва хаёл ба кор наояд ва хаёл бар маънии тардид ва шак аст ва ҳар, ки бар ишқ бо ин назар рӯй меоварад дар ишқ бар ҷое нарасад ва беҳтар он бошад, ки аз ин қаламрав худро берун биёварад. Лоиқ Шералӣ дар тариқати ишқ шак ва ҳавасро қабул надорад, чун то ғами ишқ расидааст ва дигар медонад, ишқ аз кадом ҷаҳон аст ва вуруд бар ҷаҳони ишқ кори ҳавас ва шак набошад. Ва ғами ишқ барои шоир оби раҳмат аст, ӯро мепoлояд ва ӯ дар ҷаҳони ишқ ончи гум кардааст ва он чи мехоҳад, онро пайдо хоҳад кард.

Тамоми аҳли ишқ дар сулуки хеш аз ишқ як калимаро хоҳон ҳастанд ва он калимаи дидор аст ва дар ойинаи ҳузури хеш ҳар кадом мехоҳад ҳамин калимаро бихонад: дидор. Шайх Аттор мегӯяд:

*Роҳи ишқи ӯ, ки иксири балост,*
*Маҳв дар маҳву фано андар фаност.*
*Фонии мутлақ шавад аз хештан,*
*Ҳар диле, к-ӯ толиби ин кимиёст.*

Ва устод Лоиқ медонист дар раҳи ишқ ҳазор – ҳазор иксири балост ва боз ҳам медонист дар иксири балои ишқ ҳазор-ҳазор кимёи дигар ҳаст ва барои як кимёе аз ишқ меарзад қадам бар ҷодаи балоҳо гузошт ва устод ҳамеша ишқро ин тавр ба суроғ мерафт. Дар мисраи дувум аз дубайтӣ устод мегӯяд, даме беҳамдамам созад ғами ишқ ва ин мисраъ дар танҳоӣ аз ҷиҳати маъно худро комил нишон намедиҳад ва барои он ки маънӣ комил худро нишон бидиҳад, мисраи аввал ва дувумро бо ҳам бояд, ки хонд:

*Диламро мехурад ҳар дам ғами ишқ.*
*Даме беҳамдамам созад ғами ишқ.*

Он тавр ки сӯҳбат шуд, дар мисраи аввал шоир мегӯяд: Диламро ҳар дам ғами ишқ бештар мебалъад ва ин ҳолат як

амри мусбат аст дар тариқати ишқ. Ва аммо дар мисраи дувум маънӣ ҷиҳати дигар низ мегирад ва он тарафи дигари манзури шоир аст. Дар мисраи аввал шоир ғами ишқро дар таркиби ҳар дам ба тасвир мегирад ва нишон медиҳад, барои як дам ҳам аз ғами ишқ фариғ нест ва дар мисраи дувум ҳолати дигар аз ишқро тасвир мекунад ва ғам аз лиҳози баён дар дубайтӣ дар ду маънӣ рух нишон медиҳад.

Маънии аввал дар калимаи ғам, он ғами ишқ аст, ки дар дили шоир аст ва шоир ҳолате аз ҳолати ишқро дар ин калима тасвир мекунад ва дар ҷиҳати дигар калимаи «ғам» марбут аст ба шоир ва он ҳолати нигаронии шоир аст. Манзур чунин мешавад агар ғами ишқ барои як дам аз ман фаромӯш кунад, диламро ғами нигаронӣ фаро мегирад ва дилам аз дурии ғами ишқ хун мешавад, шоир мехоҳад бигӯяд, ки фироқ аз ишқ сахт бошад ва гар, ҳамон ғами ишқ аст.

Шоир дар мисраи дувум ҳам аз калимаи «дам» истифода кардааст ва дар ин калима шоир ҳақиқати ҳоли худро мехоҳад баён кунад, яъне агар ишқ маро як дам аз ғами худ ҷудо кунад дигар зиндагӣ чи қурбе дорад. Ва манзур аз зиндагӣ зиндагии шоир аст ва зиндагии шоир дар калимаи «дил» маънӣ шавад ва дили шоир ҳам ҷаҳон аст ва ҳам ҷаҳони зиндагии шоир. Маъниро дар байт ин гуна метавон хулоса кард, агар як лаҳза ишқ ҳамрозу дамсоз бо ман нашавад ҷаҳони диламро ин ғам хоҳад хӯрд, яъне намехоҳам як лаҳза ҳам агар он ҳаст ишқ маро аз худ дур бисозад. Дар ирфон аввали ишқ ҳамеша осон ба назар ояд ва баъд аз он ранҷу дард ва ғам ошиқро ба оғӯш мегирад ва дар ин марҳала ҳам ошиқони содиқро аз ишқ гила набошад ва устод дар дубайтии худ аз тарафи дигари ишқ ҳарф мезанад.

Шоир мегӯяд, ҷаҳони дил ва ҷаҳони зиндагии инсон бидуни ишқ аз раҳмат ва таҷаллӣ маҳрум аст ва асли ҷаҳони дил ва зиндагӣ ишқ аст ва инсон дар зиндагии хеш ҳам аз шодӣ ва ҳам аз ғами ишқ бояд, ки хуш бошад. Шоир аз ин ҷиҳат мехоҳад ҳузури ишқро дар зиндагии худ ҳамеша эҳсос кунад ва дил дар ғами ишқ биспорад, ғами ишқро беҳтарин ҳамдил ва ҳамдам медонад барои худ ва мегӯяд, мабод беҳамдамам созад ғами ишқ.

Ҳамдам, яъне ҳамрозу ҳамдил ва унс доштан ҳаст бо ишқ дар ин маънӣ ҳазрати Ҳофиз гуфтааст, агар ҳузур туро таманно аст, аз ишқ ғоиб машав, яъне аз ишқ фосила магир ва дар дубайтии шоири ин сӯҳбат ҳамин маънӣ худро нишон медиҳад. Шоир бисёр нигарон аст, ки мабод ишқ аз ӯ даст бардорад ва ӯро бо худ бигзорад ва шоир дар воқеъ аз он нигарон аст ва худро аз ишқ ҷудо намедонад ва ба қавли Хоҷа дар ҳар дами зиндагии худ ҳузури ишқро хоҳон аст ва бо ин орзу як лаҳза ҳам аз ишқ ғоиб нест.

Дар мисраи севум аз дубайтӣ манзури худро рӯшантар месозад ва дар ин мисраъ маълум мешавад, ки чаро шоир ин қадар нақши ишқро дар зиндагии хеш муҳим медонад ва ба ҳеҷ ваҷҳ ҷудоӣ аз ишқро қабул надорад ва ҳатто ғами ишқро дӯст дорад. Дар мисраи севум шоир хабар медиҳад, ки намедонист олам аз вуҷудам ва дар ин мисраъ барои тасвири манзури худ ва нишон додани асли матлаби хеш аз калимоти намедонист, олам ва вуҷуд кор мегирад. Ва ин се калима ҷаҳони дигар аз андеша ва тафаккури шоирро пеши рӯ мекушояд ва он ҷаҳони ҳастӣ аст ва халқи инсон дар ин ҷаҳон, манзури шоир аз намедонист, яъне хабар намеёфт, огоҳ намегашт ҳастӣ аз вуҷудам мебошад, агар халқ намегаштам, ишқ бар ман дамид ва ман халқ гардидам, - мегӯяд шоир.

Дар мисраи севум шоир аз калимаи «олам» низ он тавр ки арз шуд истифода кардааст ва манзури шоир аз калимаи «олам» ҳастӣ, ҷаҳон ва гетӣ аст ва калимаи олам дар шеъри шоирон дар чилваҳои мутанаввеъ ба чашм мехӯрад. Мавлоно дар сифати олами халқ, ки он киноя аз олами маҳсус аз олами ҷисмонӣ аст, мегӯяд:

*Олами халқ аст ё сӯеву ҷаҳот*
*Бе ҷиҳат дон олами амру сифот.*

Ҳазрати Ҳофиз дар сифати олами дарвешон мегӯяд ва манзур аз таркиби олами дарвешӣ қаламрав ва воҳаи ирфон ва тасаввуф аст:

*Ҳеҷ огаҳӣ зи олами дарвешияш набуд,*
*Он кас ки бо ту гуфт, ки дарвешро мапурс.*

Дар мисраи севум манзури шоир аз калимаи «олам» ҳастӣ ва офариниш аст ва устод дар фазои ин калима ҳарфи дигар ҳам дорад ва он раҳмати ишқ аст, яъне олам, ҳастӣ аз карон то бекарон ҳама дар меҳвари ишқ мечарҳад ва агар ин меҳвар набуд ҳастиро ҳам ҳастие набуд.

Яъне олам агар ҳаст он аз баракати ишқ аст ва шоир худро низ аз ин раҳмат бенасиб намедонад ва худро ҳам бархурдор медонад аз раҳмати ишқ ва ҳамин маъниро дар дубайтии ҳозир дар хатти тасвир ба ҳамоиш мегузорад ва ҳамдаму ҳамроз мешавад бо ишқ, зеро оғозҳо хама аз ишқ аст. Устод дар мисраи севум ҳамон тавр ки изҳор гашт, мегӯяд, агар ишқ набуд, олам ҳам аз вуҷудам намедонист, вуҷуд дар фарҳанг бар маънии будан, дарёфтан ва ҳаст бошад ва маънии дигар аз ин калима бар маънии қадр ва манзалат низ ҳаст. Дар ин маънӣ Соиб фармудааст:

*Ёди айёме, ки пеши ӯ вуҷуде доштам,*
*Дар ҳарими вай раҳи гуфтушунуде доштам.*

Вуҷуд дар шеъри шоирони ориф ҷиҳати камол низ ва бар маънии камол ҳам луғат шудааст ва умуман ин калима ҳам дар осори шоирон ҳам аз ҷиҳати зеҳнӣ ва ҳам аз ҷиҳати суратӣ истифода шудааст ва асли матлаб аз калимаи вуҷуд ҳаст шудан бошад дар ҳастӣ. Ҳазрати Ҳофиз гуфтааст:

*Раҳрави манзили ишқему зи сарҳадди адам*
*То ба иқлими вуҷуд ин ҳама роҳ омадаем.*

Устод Лоиқ Шералӣ ба ишқ ва ҷаҳони ишқ чун Мавлоно ва чун Ҳофиз нигоҳ мекунад ва ҳамон тавр ки Ҳофиз мегӯяд то ба иқлими вуҷуд аз манзили ишқ омадаем роҳи мо аз сарҳади адам аз манзили ишқ шурӯъ гаштааст ва аз он манзил то ба иқлими вуҷуд расидаем. Устод Лоиқ ҳам дар дубайтии ҳозир ҳамин назари Ҳофизро тарҷеҳ медиҳад ва роҳи

вуҷуди хешро аз сарманзили ишқ медонад ва мегӯяд, вуҷуди ман аз олами ишқ оғоз мешавад ва то иқлими вуҷуд аз он ҷо расидаам. Ва аз ин назар аз ишқ ҳастии хешро ҷудо намедонад, дамсоз ва ҳамрози ишқ ҳаст дар ҳама ҳолат ва агар даме аз ишқ хешро ҷудо эҳсос кунад ҷаҳонро бар худ тира мебинад. Дубайтиро аз дигар барои тасаввури бештар аз ҷаҳони андешаи шоир бихонем:

*Диламро мехурад ҳар дам ғами ишқ,*
*Даме бе ҳамдамам созад ғами ишқ.*
*Намедонист олам аз вуҷудам,*
*Намебудам агар дар олами ишқ.*

Ва шоир дар мисраи чаҳорум манзури хешро умқ медиҳад ва дар тақвияти матлаб мегӯяд, олам аз вуҷудам намедонист гар дар олами ишқ намебудам. Худованд инсонро аз хок сиришт ва дами ишқро дар ӯ дамид ва аз ин назар инсон ашрафи махлуқот аст ва инсон самар, баргу бар ва ҳосиле аз ишқ аст. Мавлоно гӯяд:

*Ишқ ҷӯшад баҳрро монанди дег,*
*Ишқ сояд кӯҳро монанди рег.*
*Ишқ бишкофад фалакро сад шикоф,*
*Ишқ ларзонад заминро аз газоф.*
*Гар набудӣ баҳра ишқи покро,*
*Кай вуҷуде додаме афлокро?!*

Яъне асли ҳастии башар аз баракоти ишқ будааст ва манзур аз халқ ва офариниши башар ҳам ишқ буда ва агар ишқ набуд, инсон маънии офаринишро намедонист ва манзур аз ин офариниш чист, намедонист. Ишқ ҳаст шуд ва инсон халқ гашт ва аз вуҷуди худ оламро огоҳ кард дар ин хат устод Лоиқ мегӯяд, агар дар олами ишқ набудам, олам аз вуҷудам намедонист.

Шоир мехоҳад бигӯяд қабл аз он ки олам аз вуҷудам бидонад дар ишқ халқ гаштам ва бо ишқ унс доштам ва дар олами ишқ худро шинохтам, дар ишқ касби камол кардам ва

баъд олам аз вуҷудам огоҳ гардид. Ба ҷаҳон, ба ҳастӣ аз олами ишқ омадам ва бо худ ишқ овардам ва аз тариқи ишқ ҷаҳон аз вуҷудам огоҳ шуд ва агар аз ишқ баҳравар намебудам, олам аз вуҷудам намедонист. Дар дубайтии ҳозир шоир худ нимоди ишқ аст ва манзур он бошад, ки асли ишқ инсон аст ва асли инсон ишқ бошад ва ин ду мафҳумро аз ҳам наметавон ҷудо кард ва инсон бидуни ишқ комил нест. Ҳуҷҷати ишқ инсон аст ва ҳуҷҷати инсон ишқ аст ва ба фикри ман ишқ ҳам ба инсон ниёз дорад, ҳамон гуна ки инсон ниёз дорад ба ишқ ва ин назар ҳанӯз собит нашудааст, вале арзиш ба тафаккурро дорад ба қавли устод Лоиқ олами ишқ бидуни инсон чизеро кам дошт ва ҳузури инсон дар олами ишқ ҳамон таҷаллии вуҷуд аст.

## ОҲУ ВА МУЪҶИЗАИ ИШҚ

*Дилам парвардаи ғамҳои ишқ аст*
*Нигоҳам оҳуи саҳрои ишқ аст.*
*Вале бо ин ҳама ишқошноӣ*
*Намедонам, куҷо маъвои ишқ аст.*

Дар осори ҳар шоире забон аз бунёди аввал башад дар сохтори хаёл ва андеша, зеро абзори бунёдии ҳунари адиб аввал забон аст, шоир ва нависандаи тавоно аз он метавонад дар кори худ мутобиқ ба завқ ва шавқ, ки дорад файз барад. Ва нав кардани забон барои нависанда ва ё шоир кори сода ва саҳл нест, зеро шикастани қаволиби одатии мухотибон ба адиб, ба шоир дар аксар вақт гарон тамом мешавад, фосила гирифтан аз одоти маъмулии равиши андеша ва тафаккури мухотибин ба хусус барои шоир кори осоне нест. Шоироне, ки дар ҳар замон дар кори забон нигоҳи тоза доштанд, мавриди интиқод қарор доштанд ва аз онҳо истиқболи гарм ба вуҷуд наёмадааст ва кори шоири бузург Бедил дар ин хат мисоли рӯшан аст.

Забони ин шоири маънӣ ва рангҳо дар замони худ ва баъд аз он ҳам аз тарафи аҳли таҳқик ва аҳли андеша бисёр интиқод шудааст ва домани ин бигӯву магӯҳо то имрӯҳо низ расидааст. Аҳли таҳқиқ ва назар шоиронеро, ки дар кори забон тозакорӣ мекарданд ва маъно дар забони ин шоирон печида баён мегардид, онҳоро шоирони беҳадаф ва бемақсуд ном мебурданд. Дар ин мақула манзури мо баррасии забони шеъри Бедил нест, зеро аз асли сӯҳбат, ки ҷилваҳои каломи шеъри устод Лоиқ аст дур мешавем, вагарна ба қавли доктор Иброҳими Халил, Бедил ин шоири масти ваҳдат дар шеър дурд ва софро ба ҳам омехтааст.

Дар расолати сухан пайдост, ки Бедил бемақсуд ва бидуни

ҳадаф шеър нагуфтааст ва дар шеър ҳазрати Ҳофизро ҳодии худ хондааст:

*Бедил хаёли Ҳофиз шуд ҳодии хаёлам*
*Дорам уммед к-охир мақсуди ман бароядˎ*

Бозгардем бар асли сӯҳбат ва он муносибати шоир аст бо забон ва зикр бояд дошт, ки шоирони бузург ҳаргиз худро дар як вазъ пойбанд ва асир намесохтанд ва дар нав кардани рӯҳи забон ҳамеша иқдом мекарданд. Устод Лоиқ Шералӣ аз табори он шоирони бузург аст ин ҳолатро дар шеъри тоҷикӣ эҳсос кард ва бо дами худ рӯҳи зангхӯрдаи забонро дар шеъри муосир нав кард ва аз ин ҷост ки кори шоир танҳо дар сатҳи забонварзӣ тамом намешавад. Шоир шеваи нигоҳ ва баёнро дар шеър тағйир дод ва бисёр аз салиқаҳои қадимро дар ҳавзаи кори худ бозсозӣ кард ва ба қавле гуфта шуд, дурд ва софро ба ҳам омехт ва устод Лоиқ ягона шоире аст, гурез аз тааҳҳуди иҷтимоиро ба таҷруба гирифтааст:

*Ба зери гунбади гардон*
*Ба рағми дунии гардун*
*Зи бахт рӯй магардон,*
*Зи ишқ тавба макун,*
*Ки бо дарахти сари раҳ никоҳ мекунамат,*
*Никоҳи марг ба санги сиёҳ мекунамат…*
*… Ту ҳам ки зодаи инсони орзумандӣ,*
*Зи хеш оламе овар, зи хеш пайдо шав*
*Ту ҳам ки аз ғами дунё насибае дорӣ,*
*Ду рӯз мушту гиребон ба ҳукми дунё шав.*

Шоир дар иҷтимоъ зиндагӣ мекунад ва худро аз дарду ғам ва гирифториҳои ҷомиа ҷудо намедонад ва аммо дар халқи шеър равиш ва шеваи нигоҳи худро ба ҳамоиш мегузорад ва дар ҳамин фазо забони шеъри худро навӣ медиҳад. Устод Лоиқ дар халқи шеър ҷилваҳои ҷадид аз ҳунари худро тавониста, ки нишон бидиҳад ва дар забону муҳтаво накушидааст шеъре чун шеъри шорони қабл аз худ бигӯяд ва каломи худро аз оҳу нола пур кунад.

Устод Лоиқ дар қаламрави андеша ва тафаккур ҳам

таҳаввулоти тоза ворид кард ва ҳатто дар ироаи мазӯъҳои куҳан ҳам маъноро аз ҳар нигоҳ тавонист нав кунад ва зеҳнҳоро аз қолабҳои маъмули шеърпазирӣ берун овард. Ва ин равиши шоирро ҳанӯз ҳам аҳли таҳқиқ он тавр ки мебояд, надидаанд ва нашинохтаанд, дар нақдҳои худ ба шоир танҳо аз даричаи ситоиш ва мадҳ назар мекунанд ва ҳол он ки бар ин ҳама ҳеч ниёзе набошад. Ҷилваи дигар ки дар кори шоир бисёр муҳим ба назар меояд, муносибати ӯ бо романтизм аст ва устод дар ин ҳавза низ романтизми хоболуд, заиф ва мурдаи шеъри тоҷикиро такони дигар дод, яъне романтизми мурда ва хоболудро дар шеъри тоҷикӣ зинда кард ва ин хидмати шоир ҳам дар нақди адабии тоҷик таҳқиқ нашудааст.

Романтизм аз навъи мактабҳои адабӣ аст ва он дар қарни нуздаҳ аз тарафи як гурӯҳи шоирон ва нависандагон таъсис ёфтааст, вале решаҳои романтизм дар шеъри форсӣ қадим аст. Ҷаҳари романтизм иборат аст аз руҷҳони эҳсос ва тахайюл бар истидлол, яъне далел, яъне ҷустан ва тафаккур ва андеша кардан ба нигоҳи нав. Дар шеъри тоҷикӣ рӯҳи романтизм бемор шуда буд ва он ниёз ба зуҳури шоироне чун устод Лоиқ Шералӣ дошт. Ва зуҳури устод дар шеъри тоҷикӣ ба романтизм аз ҳар нигоҳ тавони тозае дод ва дар ин фишурда аз он ҳама натавон гуфт, вале шеъри шоир аз ҷилваҳои романтизм, он тавр ки ишорат рафт, саршор аст. Дар романтизм, он тавр ки арз гашт, руҷҳони эҳсос ва андеша аз аркони аввал аст, руҷҳони эҳсос, яъне бартарии эҳсос аст дар шеъри шоир ва набзи эҳсос дар кори шоир шуниданист.

Дар шеъри устод Лоиқ эҳсос дар зеботарин шакл худро нишон медиҳад ва ин шакли зеборо дар кори шоир ва шеъри шоир мешавад эҳсоси зинда ном ниҳод ва эҳсоси бартар ва ё зинда ба шеъри шоир обрӯ медиҳад. Дар қиболи эҳсоси зинда имрӯз эҳсоси мурда худро ба тадриҷ дар шеъри муосир ҷо мекунад ва ҳукумати ҳисҳои мурда дар шеър рӯз дар рӯз бештар мавқеъ мегирад ва завқҳо низ дар ин фазо кундтар мешавад. Ва дар ин ҳолат рӯй овардан ба шеъри устод Лоиқ Шералӣ ва шоироне аз ин ҷамъ беҳтарин роҳи наҷот аст аз буҳрони андеша ва беҳиссиҳо, зеро ҳисси зебогарой ва кашфи андешаи ноб дар шеър устод ҳамеша нав аст.

Хонанда чун шеъри устодро мутоила мекунад, дар лаҳзаҳои тасвир ва дар лаҳзаҳои маънӣ ҳузури худро метавонад тасаввур кунад, дар шеъри ҳар шоир ин иттифоқро наметавон эҳсос кард. Дарки лаззати маънӣ, дарки кайфияти ҳолат дар шеърҳои устод Лоиқ Шералӣ ҳамеша ба мухотаб муяссар мешавад ва ин худ аз беҳаттарин ҳуҷҷат аст, ки ҳунари шоир дар халқи шеър сутуданӣ аст ва на ҳар шоир дар ин хат арзиш ба сутуданро дорад. Калимаҳо дар ҳавзаи шеъри шоир бо истифода аз санъатҳои бадеъӣ амсоли маҷоз, ибҳом, ташбеҳ, киноя, талмеҳ дар ҳолати гуногуни маъно мешаванд ва ин гувоҳ ҳаст аз зеҳни тавоно ва шигардҳои нигоҳи шоир дар халқи шеър.

Ва ин ҳолат дар шеъри устод бисёр рӯшан аст ва бо назари андак ҳам метавон онро мушоҳида кард, барои дарки фазои шеъри ин шоир чашми хоҳиш ва чашми назар мебояд, дар ин фазо ҷаҳони шеъри шоир худро аз ҳар лиҳоз беҳтар нишон медиҳад. Чун сӯҳбати мо аз дубайтиҳои шоир аст, бояд зикр кард, ҷилваҳои маъноӣ ва ҷилваҳои мавзӯии шоир дар ин қолаб аз қаволиби дигар тафовутҳои худро дорад ва манзури мо аз ин сӯҳбат баррасии ҳамин тафовутҳо дар дубайтиҳои шоир аст ва ҳадафи аслии мо ошноии бештар аст ба ҷаҳони андешаи шоир дар дубайтиҳои шоир.

Нерӯи тавоноии шоир дар кори дубайтӣ аз тарфандҳои шоиста саршор аст ва шоир аз ин ҷилваи тарфандҳо дар баёни маънӣ ва ҳолоти тасвир бештар ва шоистатар истифода кардааст. Дар халқи дубайтӣ устод Лоиқ шеваи равиши ҳунари худро бештар дар маъно ва муҳтаво шакл додааст ва балоғати забонро дар сохтори дубайтӣ барои интиқоли паёмҳои отифии худ ба кор мегирад. Шоир дар қаламрави дубайтӣ хонандаро ба тарафи ҳамин паёмҳои отифии худ ҳидоят мекунад ва ин ҳидояти ӯ аз тариқи корбурди тарфандҳои бадеъ сурат мегирад ва хонанда дар ин ҳолу ҳаво бояд дарк кунад, ки шоир чӣ мақсуд ва чӣ аҳдоф дорад. Ва сӯҳбати мо аз дубайтиҳои устод ҳамон тавр ки арз шуд барои ҳамин манзур бошад, яъне шинохтан ва дарёфтани манзур ва мақсуди шоир ва чаро шоир барои ин аҳдофи худ аз жанри дубайтӣ истифода кардааст.

Устод Лоиқ дар забони дубайтӣ калимаҳои маъмулро шукӯҳи дигар дод ва аз ин рӯ забони дубайтиҳои шоир дар таровату латофат нав гардид ва шоир дар латиф кардани забони дубайтӣ ҳолати фикрро ҳам дар ин қолаб тавонист навтар кунад. Бар ин мабно бе ҳеч таоруф бояд гуфт, ки дар дубайтиҳои шоир ҳам ҷилваҳои забон ва ҳам ҷилваҳои андеша аҳмияти бунёдӣ дорад дар сохтори ҳунари шоир ва устод Лоиқ дар ин қолаб аз бозиҳои забонӣ барои тақвияти фикр истифода кардааст. Чанд намуна дар робита бар ин назар:

*Замоне кӯи ту хуш манзилам буд,*
*Камоли ишқу бахти комилам буд.*
*Ду чашмат чашмаи нури илоҳӣ,*
*Ниҳоли қоматат боғи дилам буд.*

* * *

*Гули ман бе ту дил ғамнок гардад,*
*Ба чашмам танг ин афлок гардад.*
*Ту бошӣ, хок гирам, зар шавад, лек*
*Набошӣ, зар бигирам, хок гардад.*

Ҳамон тавр ки дар ин дубайтӣ мушоҳида мешавад манзури шоир дар ин қолаб бозии забон нест ва мақсуди ӯ интиқоли паём аст ба василаи забон ва дар кори шоир рукни муҳим ҳолати фикр бошад на ҳолати забон. Ва аммо маҳз дар гарави андешаи шоир калимаҳои дар забон маъмул ҷилваи нав ба худ гирифтааст ва ҳусни калимаҳо дар ранги андешаи шоир зебову шево гардидааст. Агар қудрати андеша ва ранги хаёли шоир набуд, калимаҳои роиҷ дар ҷилваи нав ва шукӯҳи нав худро наметавонист ба ҳамоиш бигзорад ва фаразан аз ин калимот рӯҳи андешаи шоир ҳазф шавад, дар замон зебоӣ ва балоғат ҳам дар калимаҳо ҷилваи аввалро хоҳад гирифт. Яъне латофат ва бедеияти шеър аз калимаҳо гум мешавад ва он тавр ки изҳор гардид зебоии калимаҳои маъмул ва ҳусни забон дар дубайтиҳои шоир маҳз аз ҳузури гарми андеша аст.

Мехоҳам бигӯям устод Лоиқ Шералӣ дар халқи дубайтӣ ба суроғи забон нест ва дар фазои забон худро саргашта наме-

дорад, балки дар дубайтӣ пушти маъно аст ва дар ин фазо забон ва калимот аст ки аз дами нафаси шоир дар шеър шукуфо мешаванд. Қудрати андешаи шоир калимаҳои маъмулро табдил медиҳад ба шеър ва шеърият калимаҳоро дар ранги нав ва зебоии нав дар худ буруз медиҳад ва асли ҳунари як шоир дар ҳамин роз ниҳон аст ва ҳар касро ин роз набошад.

Бархе умре дар кори шеър биншинанд, аммо шеър бо онҳо канор наояд, чун аз он рози ниҳон дар сиришт чизе надоранд, дар нигоштаи ин ҷамъ зебоӣ ва андеша дар сатҳи ибтидоӣ аст ва кори шоироне чунин ибодати зоҳидони хушкро ба хотир оварад. Устод Лоиқ дар кори сухан аз зумраи шоирони камназире аст, ки ҳузури шоироне чунин ҳамеша ойинаи зангорхӯрдаи ҳисҳоро шаффотар месозад ва шеър дӯстӣ аст бо калимот ва шоири асил аз ин дӯстӣ бо калимот метавонад шоиста истифода бибарад.

Устод Лоиқ Шералӣ чунин шоире буд ва бо калимот дар беҳтарин сурат дар беҳтарин шакл дӯстӣ дошт ва аз ин дӯстӣ суди бисёр аз калимаҳо бар ӯ расидааст. Ҳосили дӯстии шоир бо калимот дар дубайтиҳои ӯ возеҳ ба чашм мерасад ва дубайтии ҳозир, ки аз он сӯҳбат меравад, аз он шумор аст:

*Дилам парвардаи ғамҳои ишқ аст,*
*Нигоҳам оҳуи саҳрои ишқ аст.*
*Вале бо ин ҳама ишқошноӣ*
*Намедонам, куҷо маъвои ишқ аст.*

Устод дар мисраи аввал аз дубайтӣ чун дар дубайтиҳои қабл ба ишқ аз фаросӯи мазомини маънавӣ ва то ҳадде ирфонӣ назар мекунад ва вуҷуди худро мутааллиқ медонад ба ишқ. Манзури шоир он аст, ки дар ҷаҳони ҳастӣ, агар ба мақоми худшиносӣ ва растагорӣ расидааст, аз ишқ расидааст ва ба ин ҷаҳон танҳо бо чашми ишқ нигоҳ кардааст ва дилро дар мадраси ишқ парвардааст. Калимаи «парварда» ба маънии парваришёфта, тарбиятдида, некандеш ва инъому эҳсон гирифтан аст. Ҳаким Фирдавсӣ гуфтааст:

*Чу парвардаи мурғ бошад ба кӯҳ,*
*Фиканда падар аз миёни гурӯҳ.*

Дар шеъри шоирон калимаи «парварда» киноя аст аз санҷидашуда, пухта ва қавӣ ва асли матлаб ҳамон тарбиятёфта бошад. Ҳаким Низомӣ: дар «Махзан-ул-асрор» фармудааст:

*Мардуми парварда ба ҷон парваранд,*
*Ки ҳунаре дар тарафе бингаранд.*

Шайх Саъдӣ дар «Бӯстон» мегӯяд:

*Ҳазар кун зи нодони даҳмурдагӯй,*
*Чу доно яке гӯю парварда гӯй.*
*Шунид ин сухан марди корозмой*
*Куҳансоли парвардаи пухтарой.*

Мавлоно дар «Девони Шамс»:

*Эй мунису эй ҷонам, чандон-т бипечонам,*
*То шаҳду шакар гардӣ, эй сиркаи парварда.*

Дар дубайтии фавқ манзур ва аз калимаи «парварда» санҷидашуда, қавӣ ва тарбиятёфта аст ва асли матлаби шоир он аст, ки мехоҳад бигӯяд, ман дар мактаби ишқ тарбият дидаам ва дарси зиндагӣ омӯхтаам ва дар фарозу фуруди зиндагӣ неруманд мебошам. Дар ин хат аст, ки мегӯяд: Дилам парвардаи ғамҳои ишқ аст. Дил дар ин мисраъ нимоди инсон аст, яъне нимоди шоир манзур аз ин баён нишон додани ҷилваҳои зиндагии худ аст. Шоир бо истифода аз калимаи парварда ҳолати феълӣ ва ҳолати зеҳнии худро тасвир мекунад ва дар ҳошияи тасовир арз мекунад, ки ман дарс аз ишқ гирифтаам ва аз ишқ дарси зистанро омӯхтаам. Ва ҳар он ки аз ишқ тарбият мегирад ва дар ишқ парвариш меёбад, ҷаҳони зиндагии фарде чунин аз афроди дигар фарқ хоҳад дошт, он тавр ки ман дар ишқ тарбият гирифтаам ва ҳолу ҳавои зиндагии ман ба тамом дигар аст.

Ва шоир дар кор гирифтани калимаи «парварда» ҷаҳони маънавии худро дар беҳтарин ҷилва нишон медиҳад ва хонандаро дар асли матлаб саргардон намесозад ва бисёр мӯҷаз

асли матлабро хулоса мекунад. Дар мисраъ шоир аз калимаи «ғам» низ истифода кардааст ва зарурати ин калима барои тасвири фазои тарбият аст ва дар ин калима шоир нишон медиҳад, ки тарбият дар ишқ ва дарси ишқ кори осоне набошад. Ғам дар мисраъ киноя аст аз ранҷу заҳмат ва мушкилҳои дарси ишқ ва ҳар кас бар он наметавонад тоб биёварад ва дарси ишқ дарси дарду ранҷ ва заҳамтҳост.

Ҳар он кас ки тавонад дар тарбияти ишқ тоб биёварад ва аз ранҷҳову дардҳои он бигзарад, он гаҳ қавӣ шавад ва он гаҳ дар мадрасаи ишқ ҳаққи ҳузурро касб кунад ва ӯ ҳақ дорад, ки бигӯяд; дилам парвардаи ғамҳои ишқ аст. Ғам хӯрдан кори сахте ҳаст, ғам инсонро мешиканад, инсонро хушк мекунад ва инсон бояд дар ҳисори ғам зиндагӣ карданро биомӯзад ва дар ҳалқаи лашкари ғамҳо зинда монданро низ бояд, ки бидонад.

Агар чунин аст, пас, чаро шоир аз ин калима истифода кардааст? Ҳарф ин ҷост, ки ҷавҳари ғами ишқ дигар аст ва он аз ғамҳои боқӣ ба тамом фарқ мекунад бо ин назар набояд фикр дошт, ки ғами ишқ осон аст. Ҳаргиз чунин набошад, ғами ишқ ба маротиб сангинтар аз ғамҳои дигар аст ва на ҳар кас метавонад ин борро бар дӯш бигирад, ҳар ғамеро ҷуз ғами ишқ метавон ба тадриҷ канор зад, илло ғами ишқро.

Чун ғами ишқ ғами сахт аст ва ҳар кас наметавонд онро бардошт кунад, ишқ ҳам бар ҳар диле дар назанад ва ба суроғи ҳар диле наравад, яъне ишқ танҳо суроғи баргузидаҳо хоҳад рафт ва устод Лоиқ аз он баргузидагони ишқ аст. Шоир дар дубайтии ҳозир аз калимоти «дил», «ғам» ва «ишқ» кор гирифтааст ва манзур он бошад, ки дил бидуни ғами ишқ ба ишқ намерасад ва ҳамон тавр, ки худ шоир мегӯяд дил дар ишқ бояд парварида шавад, тарбият ёбад, қавӣ гардад, ишқ ҳам бар дил он гаҳ эҳсон кунад. Эҳсони ишқ бар дил чист? Он нашъати ишқ аст асли ишқ аст, яъне ишқ ба ҷаҳони дил ворид мешавад ва дил ҳузури ишқро дар худ эҳсос мекунад ва низ ҳузури худро дар ишқ дар ин марҳала ваҳдати дил ва ишқ ба вуқӯъ меояд. Танҳо дар ин ҳолат дил табдил мешавад ба ҷахони мушоҳида ва фаротар аз он чи ҳаст эҳсос мекунад ва фаротар аз ончи ҳаст мебинад шоир ин ҳолатро бетардид дар вуҷуди дили худ ва ҷаҳони дили худ таҷруба кардааст.

Ва ин таҷруба барои шоир коре осон набудааст ва қабл аз расидан ба ҳолати мушоҳида дар мадрасаи ишқ тарбият гирифтааст ва дарду ғамҳои ишқро таҳаммул кардааст, яъне парвариш ёфтааст ва дар ниҳоят нашъати ишқро дар худ эҳсос бинмудааст. Ин тарбият ва ин парвариш барои шоир пайваста ва дар давоми умр будааст, то ниҳоят парвардаи ишқ гардид ва дар ғами ишқ наметавон ба хоҳиши худ барнома рехт, барнома дар дасти ишқ аст ва тасмим ҳам аз тарафи ишқ аст. Ҳарфи охир ҳам аз ишқ аст, то киро барои тарбият шоистатар медонад ва дар дили кӣ ғами ишқро фурӯ меборад, бо омадани ғами ишқ дари дил ба рӯи ғамҳои дигар баста шавад.

Дар оғози ин дубайтӣ гуфтам, ки ғам инсонро мешиканад, ғам инсонро хушк мекунад ва ғами ишқ ҳам инчунин, аммо дар ниҳоят парвардаи ишқ дар сурати дигар мунсаҷим мешавад, шикастаи ишқ дубора ба ҳам меояд, хушкидаи ишқ дубора сабз мешавад. Ва ҳамин роз дар ишқ кимиёи ишқ гуфтаанд дар ин маънӣ Ҳазрати Мавлоно фармудааст:

*Бода ғамгинон хуранду мо зи май хушдилтарем,*
*Рав, ба маҳбусони ғам деҳ, соқиё, афюни хеш.*
*Хуни мо бар ғам ҳарому хуни ғам бар мо ҳалол,*
*Ҳар ғаме к-ӯ гирди мо гардид, шуд дар хуни хеш.*

Хулоса, ин аст ҳар он дил, ки он парвардаи ғами ишқ аст, тарбиятёфта ва қавӣ аст ва ҷуз ғами ишқ ҳеч ғами дигарро қабул надорад ва намешиносад ва бо ғами ишқ канор ояд. Дар мисраи дувум шоир мегӯяд; нигоҳам оҳуи саҳрои ишқ аст ва манзури шоир аз ин калима ду матлаб аст; аввал зебоии нигоҳ ва дувум беморӣ аст. Шоир мехоҳад бигӯяд аз ишқ нигоҳро омӯхтам, зебо нигаристанро ва нигоҳи зебо бар маънии бо муҳаббат назар кардан ҳам бошад ва манзур аз нигоҳи зебо чашми бегуноҳ низ ҳаст. Яъне шоир мегӯяд ба ҳар кӣ бингарам, бо муҳаббат бингарам ва бидуни гуноҳ ва таркиби нигоҳ ҳамон зебоии чашм ва зебо нигаристан бошад ва Соиб дар ҳамин маънӣ мегӯяд:

*Қатъи пайванд аз рухи оҳунигоҳон мушкил аст*
*Аз ҷудоӣ нофаро шуд мӯи сар з-ин сон сафед.*

Дар мисраи севум аз дубайтӣ шоир худро ошнои ишқ меҳонад ва изҳор медорад, ки бо ишқ ошноӣ дорад ва ишқро мешиносад ва шинохти ӯ бо ишқ сатҳӣ нест. Ва барои собит кардани худ аз баёни ин ҳама кор мегирад ва манзури шоир аз ин баён он бошад, ки бо ишқ қаринаи дерин дорад ва ошноии ӯ бо ишқ на имрӯз аст ва барои изҳори ин назар аз таркиби ин ҳама истифода мекунад.

Дар мисраи чаҳорум аз дубайтӣ шоир мегӯяд бо ҳама ин ишқошноӣ иқрор мекунам, ки намеданам маъвои ишқ дар куҷост ишқ дар куҷо маъво дорад ва шоир дар калимаи «намедонам» ҳайрати худро изҳор медорад. Калимаи «намедонам»-ро дар мисраи чаҳорум шоир ба истифода мегирад ва матлаби шоир аз ин калима нишон додани ҳайрат аст ва на бехабариву беиттилоӣ, чун дар мисраи севум изҳор медорад, ки ишқро мешиносад.

Таркиби ишқошноро шоир барои он истифода карда, то нишон бидиҳад ба ишқ ошно аст ва аз ҷаҳони ишқ хабар дорад ва ошноии ӯ бо ишқ маҳдуд нест ва ишқро ба қадри лозим мешиносад ва манзури худро дар таркиби ишқошноиҳо нишон медиҳад. Шоир дар истифода аз ин таркиб ҳадди ошноии худро ба маорифи ишқ нишон мелиҳад ва ҳадди ошноиҳои шоир ба ишқ маҳдуд нест, балки фарох ва вусъат дорад ва аммо устод изҳор медорад бо ин вуҷуд боз асли ишқро намешиносам ва аз асли ишқ бехабарам.

Ҳамон тавр, ки арз гашт, манзури шоир аз баёни «намедонам» ҳолати ҳайрат аст аз ишқ ва дар асл ишқ ҷаҳони ҳайрат аст ва ҳар қадар ҳам ишқро солик бишносад, боз ҳам ҷилваҳое аз ишқ ба тамом шинохтанӣ нест ва агар ба тамом он шинохта мешуд, пас он ишқ набуд ва рози ишқ ҳам дар ин аст.

Манзури устод аз ишқ ҳамин аст, яъне ҳар чӣ бештар ба ишқ ошно гардидам, он қадар дар шигифтам ва ҳар чӣ дунболи ишқ мегардам, ба асли он наметавонам бирасам. Дубайтиро бо ин нигоҳ бихонем:

*Дилам парвадаи ғамҳои ишқ аст,*
*Нигоҳам оҳуи саҳрои ишқ аст.*
*Вале бо ин ҳама ишқошноӣ*
*Намедонам, куҷо маъвои ишқ аст.*

Матлаби шоир аз маъвои ишқ он аст, ки ишқ ба куҷо мансуб аст ва чаро ҳар чи бештар шинохта шавад, боз ношинохта аст ва манзур аз намедонам ҳамин бошад. Ва ҳамон тавр ки арз гардид, асли матлаб дар калимаи «намедонам» ҳамон ҳайрат аст аз ишқ ва рози ишқ ҳаргиз ба тамом ошкор нагадад ва шоир изҳор медорад, ки ишқро шинохтаам ва аммо бо ин ҳама шинохтан боз ҳам ишқро розҳои нокушуда бисёр аст ва ишқро то интиҳо шинохтан ва кашф кардан нашояд ва ниҳояти ишқ фано шудан аст дар ишқ. Устод Лоиқ дар дубайтии ҳозир ба дунёи ишқ ба ирфон ишқ аз ҳамин зовия менигарад ва мехоҳад дар рози ишқ бештар фурӯ биравад, дар маърифати ишқ ношинохтаҳоро бишносад ва аз ин рӯ ғами ишқро дар тарбияти маънавии худ муҳим медонад.

Ва қабл аз он ки ишқро бишносад, дар мадрасаи ишқ аз имтиҳони ишқ мегузарад ва дар ишқ худро кашф мекунад ва дар ин моя ӯ мегӯяд, дилам парвардаи ғами ишқ аст ва аз ишқ нигаристанро омӯхтам. Ва дар мисраи дувум аз дубайтӣ дар ин хат шоир изҳор медорад, нигоҳам оҳуи саҳрои ишқ аст ва дар мисраи севум иқрор мекунад, ки ишқошно аст. Яъне дар ишқ навсафар нест, балки дар саҳроҳои ишқ чун оҳу сайру сулукҳо доштааст ва чун оҳуи саҳро тири ишқро дар ҷону худ гирифтааст. Дар мисраи чаҳорум аз дубайтӣ шоир ҳайрати худро нишон медиҳад ва мегӯяд бо ин ҳама ишқошноиҳо намедонам, ишқ дар куҷо маъво дорад.

Ва матлаби шоир аз ин баён нишон додани ҳаҷми бениҳояти ишқ аст, ишқ дар ҳеҷ қолабе нагунҷад, магар дар қолаби худ ва аҳли ишқро аз ишқ ҷуз ҳайрат ба хотир намемонад, ҳайрат яъне фано шудан аст дар ишқ барои эҳё гардидани дубора дар ишқ.

## БЕҲТАРИН ДАВЛАТ ДАВЛАТИ ИШҚ АСТ

*Агар мо давлати дунё надорем,*
*Агар мо неъмати дунё надорем,*
*Сару савдои мо савдогарӣ нест*
*Ҷавониву дили девона дорем.*

Шоироне дар шеъри муосир кушидаанд мазомини ирфон, ишқ, мадҳ, ҳикмат ва иҷтимоиро дар корҳои худ ба ҳам биёваранд ва ин аҳдофи худро дар қолабҳои чаҳорпора, рубоӣ, дубайтӣ, нимоӣ, сапед ва ғазал ба таҷруба гирифтанд. Аммо дар ин ривол камтар аз шоирон ба аҳдофи худ муваффақ шудаанд ва бештар аз шоирон ба хотири сиёсати вақт ба навиштаҳои худ саргарм буданд ва фаротар аз чанд мавзуъ нарафтаанд. Дар ин хат шодравон Лоиқ Шералӣ аз он шоироне аст, ки дар ҳунари шеър ва шоирӣ дар мазмунҳое ки аз он ёд шуд беҳтарин осорро аз худ ироа додааст ва ин шоири ҳолатҳои равонӣ ва маънавӣ шеърро дар чанд буъд тавониста бигӯяд. Вақте аз шоир суол мешавад, ки чӣ тавр шеър менависад, шакли ин суол ғалат аст, зеро шоир шеърро наменависад ва агар бинвисад он шеър нест.

Навиштан хоси шеър нест, шеър меояд ва аз гиробони шоир мегирад, ки маро бигӯ ва шоир онро бояд бигӯяд ва агар биншинад ва барнома бисозад, ки имрӯз ё фардо дар соати муайян шеър менависам ва агар ҳам бинависад ҳаргиз он шеър нест, балки нигоштае аст ва решаи он, ҳамон барномаи аз қабл рехта аст. Ашъоре чунин шеъри фикр аст ва он аз дил милод наёфтааст ва шеъри асил аввал дар дил милод мешавад ва баъд аз он нигошта мешавад ва аз ин назар шеърро ба ду навъ мешавад ҷудо кард, шеъри фикр ва шеъри дил. Шеъри ҳар он шоир, ки аввад дар дил халқ мешавад ва баъд ба ҷаҳони андеша меояд ва шоир онро дар калимаҳо ҳак меза-

над, яъне шеър дар калимаҳо милод меёбад аз беҳтарин шеър аст.

Агар шоир дар калима шеър бисозад, каломи ӯ, шеъри ӯ сохта аст, аз шоире чунин шеър мегурезад, шоири воқеӣ ва асил дар шеър калима месозад на дар калимот шеър. Устод Лоиқ шоире буд, дар шеър калимаҳоро рӯҳ мебахшид, яъне дар калима ӯ шеър намегуфт, балки дар шеър калимотро ҳаққи ҳузур медод ва аз ин назар дар осори шоир ҳамеша садои шеър баланд аст на садои калимот. Мутаассифона дар шеъри имрӯз бештар садои калима аст, ки ба гӯш мерасад ва садои шеърро камтар мешавад шунид дар шеъри устод Лоиқ он чи зеҳнро ба худ ҷазб мекунад, садои шеър аст ва мухотаб ошиқи садои шеъри шоир мешавад.

Андешаи жарф ва нигоҳи тасвирсози шоир аз калимаҳо муҳтавои ғайриинтизор ва ҷолибро дар қолабҳои ҷорӣ, дар сурати шеър тамошоӣ тарҳ медиҳад ва хонанда ангор, аз қабл онро медонист, вале дар иттифоқе онро гум кардааст. Ва шоир чунин ба назар мерасад, ҳамон гумшудаҳоро дубора пайдо мекунад ва ба аҳли он бармегардонад ва ҳар кас дар шеъри устод чизеро аз гумкардаҳои худ метавонад пайдо бикунад ва рози ҳунар, фикр мекунам, дар ҳамин зебоист. Ба қавли шоири тавонои Эрон Қайсари Аминпур, ки мегӯяд:

*Рафтем ба ҷустуҷӯи зебоӣ,*
*Дар ҷодаи оина сафар ин аст.*
*Гаштем надошт мева ҷуз ҳайрат,*
*Дар боғи ҷамол баргу бар ин аст.*
*Асрори балоғати мутаввалро*
*Хандем тамом, мухтасар ин аст.*
*Зебоии роз рози зебоист,*
*Он рози ниҳуфта дар ҳунар ин аст.*

Устод Лоиқ Шералӣ бешак зебоии рози шеърро дар андешаи комил ва ноб ба аҳли завқ тақдим медошт ва он рози ниҳуфта дар асрори устод ҳамон зебоии роз аст ва барои як шоир ин болотарин мақом аст дар арсаи сухан ва устод Лоиқ бемуҳобо дар ин мақом қарор дошт. Лоиқ Шералӣ дар жанри

чаҳорпора ва нимоӣ таҷруба андӯхт ва аз намоёнтарин шоирон дар ин қаволиб буд ва шоири фарҳехта эҳсос мекард, қаламрави шеъри муосир чизеро кам дорад. Ва бо нигоҳи ботин ин чизро дарёфт ва шеъри тоҷик ба таҳаввулоти ҷиддии маънавӣ ва рӯҳонӣ рӯбарӯ гардид ва оғози он ба номи Лоиқ Шералӣ аст. Устод дар шеъри нимоӣ ва шеъри чаҳорпора аз равишҳои ҷадид истифода кард ва дар ин қолабҳо тозагии хаёл, андеша, мавзуъ, нигоҳ ва тасвирро дар беҳтарин шигардҳи ҳунарӣ ба ҳамоиш гузошт ва шеъри тоҷик аз андешаҳои нави ӯ худро навтар кард.

Шоир таҷориби маънавии худ ва таҷориби ҳунарии худро дар қолабҳои дигар чун ғазал, рубоӣ, дубайтӣ ва такбайтӣ истифода кард ва ба ин қолабҳо дар шеъри муосир шукӯҳу шаҳомати дигар бидод. Устод дар ин қаволиб чун шоири маърифатгаро ва маърифтхоҳ худро нишон медиҳад ва ҷаҳони андеша ва тафаккури шоир дар ин қолабҳо ба навъи дигар аст, ҷаҳони маънӣ, умқи андеша, шеваи нигоҳ ва баёни шоир дар ин қолабҳо ба фазои шеъри шоироне чун Саъдӣ, Мавлоно ва Ҳофиз ҳамранг мешавад.

Садои шеъри шоир дар ин қолабҳо садои як шоири маърифатгаро ва ботингаро аст ва ҷилваҳои маърифат ва қисман ирфон дар каломи ӯ бештар вусъат ва умқ мегирифт ва бо ин назар равиши таҳқиқ дар ғазал, дубайтӣ ва рубоиҳои шоир баррасии андеша ва тафаккури шоир бояд, ки бошад. Устод Лоиқ Шералӣ муътақид бар он буд, ки агар чизе ба номи шеър ироа шавад, асли он бояд ки андеша ва тафаккур бошад ва ҳама фазои дигар аз шеър дар ин хат ба худ ҳуллаи шеър мепӯшад ва ин назари шоир дар ғазал, рубоӣ ва дубайтиҳо рӯшан ба чашм мехурад. Бо ин баён мешавад гуфт, устод Лоиқ дар таҷрубаи шеър равиши андеша ва тафаккурро бисёр ба кор гирфтааст ва осори ӯ дар ин қолабҳо бештар дар меҳвари андеша ва тафаккур мечархад ва ин ҳолат ҳолати мусбат аст дар осори шоир.

Дар шеъри устод Лоиқ Шералӣ он чи хотир ва зеҳнро ба худ ҷазб мекунад, он фазои тозаи шеър дар шеъри шоир аст ва он аз муҳимтарин рукн аст дар шеъри шоир, бархе умре машғул ба кори шеър ҳастанд ва аммо ҳаргиз натавонистаанд

дар шеъри худ фазои тоза биёфаранд ва дар як фазои маҳдуди андеша ба сар мебаранд.

Шоир дар қаволибе чун ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ ба нудрат аз ҳарзагӯӣ парҳез мекунад ва матлаби хешро дар бадеияти андеша муҷаз ва фишурда хулоса мекунад ва дар ин сабк ҷаҳони андешаи худро умқ мебахшад ва хананда бояд рӯи ҳарфи шоир ба тафаккур биравад, то лаззати завқ ва маъноро дар каломи шоир эҳсос ва ламс кунад.

Тасвир, маъно ва бадеияти шеъри шоир дар ин қаволиб ба гунае, ки худ онро дидааст дар сатҳи баланди ҳунар аст ва эъҷози ҳунари шоир дар ин қолабҳо бештар худро нишон медиҳад, ӯ дар қолабҳои суннатӣ, падидаҳои нав аз шеърро дар калимот мунташир кардааст.

Ғазал:

*Соқиё, соғар бикаш, то ин дам осон бигзарад,*
*Об ҳайвон, деҳ ки фарёдам зи кайвон бигзарад.*
*Дар ҷаҳони гирдгардон кори мо саргаштагист,*
*Ҷом гардон кун, ғами гардуни гардон бигзарад.*
*Бар сари мо ҳам гулафшон рехт, ҳам борону барф,*
*Гулфишон бигзашт, инак, барфу борон бигзарад.*
*Ҳар чӣ аз мо бигзарад ҳамчун насиби зиндагӣ,*
*Ҷумла аз кӯйи дилу аз кӯчаи ҷон бигзарад,*
*Косаи ҳаққи маро лабрез кун, эй косагул,*
*Ҳар ки гул бар сар занад, хоре ба домон бигзарад.*
*Соқиё, паймона деҳ, паймонаи умрам чӣ фарқ*
*Сахтпаймон бигзарад ё сустпаймон бигзарад?!*
*Соқиё, паймона деҳ, паймона деҳ, паймона деҳ,*
*«Ҳар чӣ ояд бар сари фарзанди инсон, бигзарад».*

Рубоӣ:

*Ман мисли китоби куҳнаву афсурда*
*Гӯёи хамӯшу будаи нобуда.*
*Ҳар кас ки бихонд, ҷилди ман нав созад,*
*Ҳар кас ки нахонд, хонадам беҳуда.*

Дубайтӣ:

*Ту медонӣ, ки худ ин чархи даввор*
*Бувад бар нохуни мо зор ҳар бор.*
*Дамад ҳар субҳи содиқ аз дили пок,*
*Барояд офтоб аз чашми бедор.*

Ва ин намунаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки шоир дар қолабҳои суннатӣ аз ҷаҳони маърифат ва ирфон бо нигоҳи имрӯз ва мудерн сухан гуфтааст ва каломи шоир дар чанд буъд ба хонанда таъсир мегузорад. Дар хонанда ҳам эҳсоси завқ ва ҳам эҳсоси тафаккур буруз мекунад ва нохудогоҳ меравад ба ҷаҳони андеша ва тафаккури шоир мамлу аз эҳсос ва завқ ва ҷаҳони андешаи шоир воқеан диданӣ аст. Сарчашмаи илҳоми шоир ҳамеша ноб ва тоза аст ва ин ҳолатро устод Лоиқ Шералӣ дар кори худ то охирин лаҳзаи умри худ ҳифз кардааст, яъне шоир дар ҳар қадам аз худ дар ҷодаи шеър тавониста танҳо шеъри тамомиёр бигӯяд ва ин ваҷҳи ҳусн дар ҳусн дар ҳама шеърҳои шоир дар ҳар сурат рух нишон медиҳад.

Мазмуни шеърҳои шоир саршор аз маърифат ва отифаҳои инсонӣ аст ва ин фазо дар аркони шеъри шоир ҳамеша аввал будааст ва ӯ дар кори шеър ҳаргиз ин фазоро ба фаромӯшӣ нагирифтааст. Шоир аз мактаби шеъри ниёгон ба таври комил огоҳ буд ва таъсири маърифати шеъри ниёгон бар шеъри ӯ бисёр ошкор аст, аммо шоир дар ҳавои маърифати ниёгон дар қаламрави калом фазои тамоман ҷадиди ҳунари худро дар шеъру шоирӣ тарҳ бастааст. Муҳамтарин нукта дар кори Лоиқ Шералӣ рафтори ҳунармандонаи ӯ бо калимот, маъно, тасвир ва мазоминсозӣ аст ва маҳз ҳамин бархурди шоир дар халқи шеър дар зеҳнҳо таҳаввулоти адабиро ба бор овард.

Дар ин хат хеле аз шоирони дигар кӯшиданд, то ба қадри тавони худ дар ин таҳаввулоти адабӣ саҳм бигиранд, аммо дар ин равиши адабӣ на ҳама тавонист саҳм бигирад, зеро дар шеъри онҳо фақри андеша, фақри тасвир ва фақри бархурд бо калимот мушкили аввал буд. Аммо устод Лоиқ бо истеъдоди фитрие ки дошт, аз ин мушкил озод буд ва дар шеъри шоир фақри андеша, фақри тасвир ва фақри калимот қадам наме-

зад, шеъри ӯ чун дарё шино мекард, сашор аз мавҷи тасвир, саршор аз мусиқии хаёл ва саршор аз умқи маъно.

Он тавр ки мушоҳида мешавад, шоир дар қолабҳои суннатӣ бо забони нав ва ҳатто мудерн шеър мегӯяд ва мусиқии каломи шоир дар шеъри тоҷикӣ ранги хос ба худро дорад ва он хоси шоир аст ва дар шеъри шоир ҳар калима ба мусиқӣ пайванд мехурад, мусиқии рӯҳбахш. Бихонем:

*Алами олами дерин ишқ аст,*
*Лаззати қисмати ширин ишқ аст.*
*Даст бар даст задан кафкубист,*
*Сина бар сина задан ин ишқ аст.*
*Худ ба худ даҳр надорад ранге,*
*Даҳр бо ҷилваи рангин ишқ аст.*
*Кист пирӯз шуд андар ҳама ҳол,*
*Бар ҳама мазҳабу ойин? Ишқ аст.*
*Хӯшачинии замин дарвешист,*
*Чидани хӯшаи парвин ишқ аст.*

Устод Лоиқ Шералӣ мусиқии нобро дар шеър халқ кард ва бояд гуфт, ки ӯ кашшофи мусиқии хеш аст ва мусиқии зебои шоир дар тасвир ва маъно худро бештар ба ҳамоиш мегузорад ва лаҳни мусиқии ӯ дар шеъри тоҷикӣ ҳамчунон нав, латиф, зебо ва шевост. Шоир аз ҳар калима мусиқии маъно ва ҳисро ба ҳам пайванд медиҳад ва дар тамоми шеър мутобиқ ба ҳолати равонӣ ва ҳолати маъноӣ авҷ мегирад ва ё нарм дар калимаҳои шеър ҷорӣ мешавад. Бояд арз дошт, ки лаҳни мусиқии каломи устод Лоиқ аз ҳар нигоҳ нав аст ва дар шеъри тоҷик лаҳни мусиқие чунин аз қабл мушоҳида намешавад, агарчи шеъри шоир дар сабки суннатӣ аст, аммо лаҳни баён ва мусиқии шеър дар осори устод комилан ҷадид аст.

Шеъри устод дар фазои зебоӣ дар фазои рангу тасвир ва андеша дар нути мусиқии рӯҳбахш шакл мегирад ва эҳсоси хобидаро нарм-нарм бедор мекунад ва рақси шеър шурӯъ мешавад. Ва ин равиш дар осори шоир барои чанд лаҳза нест, балки ҳолатест мутантан ва бардавом, ин ҳолат дар шеъри

шоирон кам иттифоқ меафтад, аммо устод Лоиқ аз он шоиронест, ки рақси шеър дар осори ӯ тасодуфӣ нест ва як ҳолати ҳамешагист дар осори шоир.

Агар самимона ба шеъри шоир канор биёем, пардаи эҳсоси намехоҳамро канор бизанем, шеъри шоир дар чанд калима бидуни тардид сумбули умедҳо, бovарҳо ва ишқ аст ва шоир бо ҳамин иршод дар шеър ҳузур доштааст. Устод Лоиқ масоили фардӣ ва иҷтимоиро дар кори шеър бо забони рамз ва гоҳе бо забони бидуни рамз тасвир месозад ва дар фазои масоили иҷтимоӣ ҳузури худро низ нишон медиҳад. Яъне шоир дар фарозу фуруди масоили иҷтимоӣ дар ҳошия нест, балки дар баробари масоил ваҷҳи назар медиҳад ва худро ҳам дар шодӣ ва ҳам дар дар ғаму суги зиндагонии мардум шарик медонад.

Дар ин хат шоир дар халқи шеърҳои иҷтимоӣ ва ошиқона аз санъати нимод баҳраҳо гирифтааст ва нимод дар фазои шеъри шоир рангин аст, дар шеърҳои устод калимаҳои дарё, соҳил, ватан, модар, зиндагӣ, куҳ, санг, фарёд, ҷавонӣ, бода, ҷом, май ва... сифати нимодӣ бар худ гирифтааст. Шоир аз ин калимот истифода кардааст ва ҳар кадом аз ин калимот нимоди маъноe гардидааст дар шеърҳои шоир ва дар мавриди бархе аз он калимот сӯҳбат доштем. Дар дубайтии ҳозир ҷилваҳои тозаи нигоҳ, шуҳуд дар маъно ва шигардҳои ҳунари шоир бисёр ҷаззоб ва бадеъ тасвир шудааст ва ин фазо аз он мегӯяд, ки шоир дар халқи ин жанр қареҳаи фитрӣ доштааст:

*Агар мо давлати дунё надорем,*
*Агар мо неъмати дунё надорем,*
*Сару савдои мо савдагарӣ нест,*
*Ҷавониву дили девона дорем.*

Шоир дар мисраи аввал ва дувум аз калимаи рабти «агар» истифода кардааст ва ҳузури ин калима дар ду мисраи дубайтӣ барои зарурати маъноӣ аст ва калимаи «агар» бори ин заруратро ба дӯши худ гирифтааст. Калимаи «агар» дар навиштаҳо дар маънии аввал шартро мерасонад ва дар маънии дигар барои ифодаи ҳарчанд ва бо вуҷуди онки исти-

фода машавад ва дар дубайтии устод калимаи «агар» бар маънии ҳарчанд ва бо вуҷуди онки ба кор рафтааст. Манзури шоир аз калимаи «агар» дар дубайтии ҳозир ҳамон «ҳарчанд» ва «бо вуҷуди он ки» мебошад ва ин калима бо ин маъно дар шеъри ниёгон ҳам фаровон дида мешавад.

Саъдӣ:

*Агар бимирад адӯ, ҷойи шодмонӣ нест,*
*Ки зиндагонии мо низ ҷовидонӣ нест.*

* * *

*Агар ман ноҷавонмардам ба кирдор,*
*Ту бар ман чун ҷавонмардон гузар кун.*

Ҳофиз:

*Гуноҳ агарчи набуд ихтиёри мо, Ҳофиз,*
*Ту дар тариқи адаб кӯшу гӯ гуноҳи ман аст.*

Дар ҳамин мисраъ аз дубайтӣ шоир аз вожаи «мо» истифода кардааст ва ин калима замири ҷамъ аст, вале гоҳе ба сурати замири аввал шахси муфради «ман» ҳам истифода мешавад.

Ҳофиз:

*Эй сабо, бо сокинони шаҳри Язд аз мо бигӯ*
*К-эй сари ҳақношиносон гӯйи чавгони шумо.*

Дар дубайтии устод Лоиқ замири мунфасили «мо» ба маънии муфрад омадааст ва манзури шоир аз ин калима фард аст ва он фард худ шоир бошад. Шоир мегӯяд, бо вуҷуди он ки, ҳарчанд маро давлати дунё нест ва ҳарчанд маро неъматҳои фаровон аз дунё нест, маро бо ин дунё хоҳиши савдо набошад, бо ин дунё ҳавсалаи савдо кардан маро нест:

*Агар мо давлати дунё надорем,*
*Агар мо неъмати дунё надорем.*
*Сару савдои мо савдогарӣ нест,*
*Ҷавониву дили девона дорем.*

Давлат дар луғот бар маънии бахту иқбол ва сарвату дорой аст ва он бар маънии кишвар ва ҳукумат низ тавзеҳ мешавад.

Ҳофиз:

*Тоири давлат агар боз гузоре бикунад,*
*Ёр боз ояду бо васл қароре бикунад.*

* * *

*Давлат он аст ки бе хуни дил афтад ба канор,*
*В-арна бо саъю амал боғи ҷинон ин ҳама нест.*

Ин калима дар фарҳанги орифон қатъи алоиқ аз ҷилваҳои дунё аз ҳавасҳои он ва уруҷ аст ба сӯи мақоми рӯҳоният Аттор мегӯяд:

*Субҳдам дарҳои давлатхонаҳо бигшодаанд,*
*Арза кун, гар он замон рози ниҳоне бошадат.*

Ҳофиз мегӯяд:

*Дӯстиро, ки набошад ғами осеби завол,*
*Бетакаллуф бишунав, давлати дарвешон аст.*

Устод Лоиқ дар ин калима қабл аз ҳар чӣ мехоҳад ҳолати равонӣ ва маънавии худро тавзеҳ бидиҳад ва ин калима манзури шоирро он тавр ки мехоҳад бароварда месозад ва манзури шоир аз калимаи «давлат» дар ин дубайтӣ сарват ва дороии моддӣ аст на маънавӣ. Дар мисраи дувум шоир барои таснифи беҳтар аз вазъи худ аз калимаи неъмат дар ҳошияи калимаи давлат кор мегирад, калимоти «давлат» ва «неъмат» аз лиҳози маъно ба ҳам наздик аст ва ин ду калима баёнгари ҳолати моддии фард аст.

Неъмат ормиш ва осоиш аст дар зиндагӣ ва он бар маънии мол ва хоҳишҳо аст, ки он бароварда мегардад. Дар тасаввуф неъмат он аст, ки инсон аз он дар рифоҳу осоиш ба сар мебарад ҳам аз лиҳози молу матоъ, ҳам аз лиҳози амну сиҳҳат.

Саъдӣ:

*Кӣ мебарад ба худованди мунъими муҳсин*
*Паёми бандаи неъматшиноси шукргузор?!*

* * *

*Надонист Қоруни неъматпараст,*
*Ки ганҷи саломат ба кунҷ андар аст.*

Ва калимаи дигар дар ин дубайтӣ «дунё» аст ва тамоми маъно ва асли матлаби шоир дар ҳамин калима хулоса мешавад ва манзури шоир аз калимаи «дунё» ҷилваҳои дунё ва сарвату дороии дунё аст ва таркиби давлати дунё бар маънии саодат ва комронӣ аз дунё аст.

Ҳофиз:

*Не давлати дунё ба ситам меарзад,*
*Не лаззати мастиш алам меарзад,*
*На ҳафт ҳазорсола шодии ҷаҳон*
*Ин меҳнати ҳафтрӯзаи ғам меарзад.*

Таркиби сару савдо дар мисраи севум дар чанд маънӣ аст ва асли ин калима дар фарҳанг бар маънии ошиқ, ҳавову ҳавас ва ишқ бошад ва аммо дар забони имрӯзи тоҷикӣ ба маънии муомила кардан дар иҷрои коре аст, дар бозор ва ҳар ҷои дигар харид кардан ва ё чизеро фурӯхтан бар он савдо мегӯянд. Ва дар шеъри ниёгон ин калима бар маънии хаёлҳои беҳуда ва ҳавову ҳавас бисёр истифода шудааст.

Шайх Аттор:

*Гуфт ӯро, чун намехоҳӣ бирафт,*
*Ин ҳама савдо бурун кун аз сарат.*

Умари Хайём:

*То роҳи қаландарӣ напӯйӣ, нашавад,*
*Рухсора ба хуни дил нашуйӣ, нашавад.*
*Савда чӣ пазӣ, то ки чу дилсӯхтагон*
*Озод ба тарки худ нагӯйӣ, нашавад.*

Калимаи «савдогар» он тавар ки арз гашт бар маънии муомилагар аст ва савдогар ҳамон тоҷир аст. Дар ин маънӣ Мавлоно мегӯяд:

*Буд баққолеву вайро тӯтие,*
*Хушнавое, сабз, гӯё тутие.*
*Бар дукон будӣ нигаҳбони дукон,*
*Нукта гуфтӣ бо ҳама савдогарон.*

Дар дубайтии фавқ калимаи савдо дар ду маънӣ аст. Аввал он аст, ки шоир мегӯяд, ман пушти ҳавову ҳавасҳои бебору беҳуда нестам ва дувум он аст, ки ман бо ин дунё фикри савдо карданро надорам, яъне тоҷир наям, то бо ин дунё муомила дошта бошам. Дубайтиро аз дигар бихонем:

*Агар мо давлати дунё надорем,*
*Агар мо неъмати дунё надорем.*
*Сару савдои мо савдогарӣ нест,*
*Ҷавониву дили девона дорем.*

Устод дар дубайтии ҳозир мегӯяд, ки ҳарчанд ман далати дунё ва сарвати бисёр надорам, вале бо ин дунё ҳавсалаи сару савдоро надорам ва ҳам ин шуғлро надорам. Матлаб он аст, ки кори ман савдо набошад ва аз савдогарӣ дурам, яъне касби ман тиҷорат нест, ман тоҷир нестам ва пешаи ман дигар бошад, пешаи ман ишқ аст. Дар мисраи чаҳорум шоир аз калимоти ҷавонӣ ва девона кор мегирад ва мегӯяд, чун ҷавонӣ дорам ва дили девона, дар фикри тиҷорат бо дунё нестам, зеро табиати ҷавонӣ ва девонагӣ аз ин ҳолу ҳаво бегона аст ва ҷавониву дили девона худ беҳтарин далат аст барои инсон.

Воқеан ҷавонӣ барои инсон бартар аз ҳар давлати дигар бошад ва худ дунёи ҷавонӣ саршор аст аз неъмати ишқ ва неъмати талаби камол ва ҷавонӣ зебо аст ва ҷавонӣ биҳишти умри инсон аст ва ҷавон аз неъмат ва давлати ҷавонӣ хушбахт аст ва дар фикри савдои дунё нест ва савдои ҷавонӣ ишқ аст. Шоир дар радифи калимаи «ҷавонӣ» аз таркиби дили девона истифода мекунад ва манзур аз калимаи «девона» ҳолати бехудӣ аз ишқ аст ва ҳолати шодобӣ аз фасли ҷавонӣ ва ин калима нимоди шавқ ва мартаба аст дар тариқат ва ирфон.

Калимаи «девона» дар луғот бар маънии монанд кардан аст бар девон ва маънии дигар аз ин калима ҷунун аст. Дар ирфон манзур аз калимаи «девона» мағлубу ошиқ аст ва ҳолати бехабарӣ аст аз хеш. Матлаб аз дили девона дили девона доштан аст, яъне девонадил. Дар ин маънӣ шайх Камоли Хуҷандӣ мегӯяд:

*Девонадилонро кӣ кашад пой ба занҷир,*
*Гар бӯи сари зулфи ту аз бод набошад.*

Мавлоно гуфтааст:

*Вақти он шуд, ки ба занҷири ту девона шавем,*
*Бандро баргусалем, аз ҳама бегона шавем.*
*Ҷон супорем, дигар нанги чунин ҷон накашем,*
*Хона сӯзему чу оташ суи майхона шавем.*

Устод Лоиқ дар фазои калимоти давлат, дунё, неъмат, савдо, савдагарӣ ҷавонӣ ва девона матлаби худро зебо ва ҷаззоб тарҳ рехтааст ва ҳар калима дар дил нақш мегирад, яъне ҳеҷ аз ин калимот дар ин фазо эҳсоси бегонагӣ ба ҳам надоранд. Ҳар калима дуруст ҳамон ҷо омадааст, ки бояд бошад ва ҳашру нашри ҳар калима дар дубайтӣ аз шукӯҳу шаҳомати маъно ва шавқ саршор аст дар ин ривол рӯҳи дубайтӣ ҳам дар калимот ҳазм шудааст. Шоир барои матлаб аз ин калимот дар қолаби суннатӣ аз нигоҳи тоза ва ангезаи гарм истифода кардааст ва дубайтӣ ҳамон тавр ки арз гардид, аз ҳолу ҳавои тоза ва андешаи нав нафас мекашад.

Устод дили ошиқро, ки саршор аз нашъати ҷавонӣ аст, аз ишқи дунё беҳтар медонад ва дар хаёли савдо бо дунё нест ва савдои ошиқ бо ишқ аст, агар сару савдое дорад, он сару савдои ишқ аст ва аз он бехуд аст, зеро он чи аз ишқ мегирад, ҳаргиз аз дунё нахоҳад гирифт. Шоир дар фикри давлати дунё нест, зеро барои инсон беҳтарин давлат, давлати ишқ аст ва ҳар ки дар ишқ девона аст бо дунё ӯро ҳеч сару савдо набошад, девонагони дунё бо дунё савдо кунанд ва девонагони ишқ бо ишқ.

## ДИЛИ ШОИР ВА НОЗИ ИШҚ

*Агар нози ту дар дунё нагунҷад,*
*Агар ишқи ту дар дилҳо нагунҷад*
*Биёву дар дили шоир макон гир,*
*Ки ишқ андар дили девона гунҷад.*

Дар ҳавзаи дубайтӣ дигар аз шигардҳои ҳунари шоир барои ташхиси беҳтар ва хубтар аз маъно тасвири хаёл аст ва шоир аз ин ҳунари адабӣ дар халқи дубайтиҳои худ бисёр муваффақ аст. Устод Лоиқ шоири андешаҳо ҳаст ва дар ин хат андешаи навро дар кори шеър дӯст дорад аз ин назар мешавад гуфт ӯ як шоири навгаро аст дар андеша ва тасвири хаёл.

Тасвир ва ё тасвири хаёл истилоҳе ҳаст, ки дар адабиёт ва ё накди адабӣ ба ҷои калимаи «имож» истифода мешавад. Дар забони инглисӣ имож бар маънии нишон додани шахс, ҳайвон ва шай бошад, чун муҷассам, нақошӣ тарҳ ва дар маҷмӯъ ба ҳар сурате, ки ба василаи ҳисси биноӣ қобили дарёфт аст, ба он тасвири хаёл бигӯянд.

Тасвири хаёл фишурда ин тавр таъриф шавад: асари зеҳние, ки ба василаи калима, иборат ё ҷумлаи нависанда ва ё шоир сохта мешавад, дар ин хат таҷрибаи ҳисси ӯ ба хонанда ва ё шунаванда мунтақил мешавад, он тасвири хаёл аст. Дар ин ҳошия таърифи шоири инглистабор Де Луис манзури моро дар мавриди таърифи тасвири хаёл возеҳтар баён месозад: имож, яъне тасвири хаёл тасвире аст, ки шоир онро ба василаи калимаҳо месозад.

Тасвири хаёл ба ақидаи бисёре аз аҳли таҳқиқ ҷавҳари аслии шеър аст, аммо агар тасвирсозӣ дар шеър ба ҳадди ифрот бирасад, асли шеър дар ин ҷавҳар гум шавад ва садои шоир дар фазои тасвирҳо саргардон бимонад ва фикр мекунам, тасвири хаёл дар халқи шеър барои тасвир нест, балки

бештар барои ташхиси бадеият ва маъно аст дар шеър. Ва устод Лоиқ Шералӣ дар халқи шеър аз санъати тасвири хаёл бисёр шигард истифода мекунад ва ҳувияти аслии дубайтиҳои шоир дар ҳамин аст ва дар фазои тасвири хаёл ӯ дар беҳтарин вачҳ паёми хешро ба хонанда метавонад интиқол бидиҳад.

Шоир дар ҳавзаи шеър аз саъати тасвири хаёл ҳамон тавр, ки арз шуд, барои тақвият ва рӯҳи маъно кор мегирад ва дар осори устод ҳамеша ҳарфи аввал аз шеър аст, яъне тасвири хаёл дар коломи шоир пушти шеър аст на чанд гом пеш аз маъно. Хаёли бархе аз шуаро дар халқи шеър танҳо дар тасвири хаёл мечархад ва балоғати хаёли ишон дар рангҳои тасвир хатм мешавад ва дар шеъри ин шоирон камбуди маъно ва шеърият ҳамеша эҳсос мешавад. Аммо он тавр ки арз шуд, имрӯз шеър танҳо тасвири хаёл нест ва ҷуз ин рукн шеърро ҳазор – ҳазор рукни дигар аст ва он ҳама аркон дар шеър муҳим аст ва шоир бояд аз он ҳама дар ҷои худ истифода кунад, то ҳар калима, ки шоир ба кор мегирад, шеър ҳувияти он калима шавад. Устод Лоиқ дар халқи шеър тасвирро дунбол намекунад, балки тасвир аст, ки бо ҳузури маъно дар ҳавзаи кори шоир ранг мегирад ва дар ойинаи маъно худро тамошо мекунад.

Мешавад гуфт дар қаламрави шеъри шоир чамани маъно бештар шукуфта ва ғарқ аст дар рангу накҳати андеша ва чамани тасвир дар қаларави шоир мадюни маъно аст ва ҳолати маъно дар шеъри шоир ба қолабҳои суннатӣ мақоми ифтихориро баргардонид. Устод Лоиқ ба фазои тасвир ҳамеша аз раҳгузори маъно меояд ва шеърро дар ин раҳгузор мушоҳида мекунад, кашф мекунад, хулоса дар кори устод ҷавҳари шеър талотуми маъно аст, на талотуми тасвир. Ин равиши кори устод Лоиқ Шералиро мешавад бо шеваи кори Мавлоно дар ҳавзаи шеър қиёс кард. Шоири ин сӯҳбат ҳам чун Мавлоно дар шеър ҳаққи бештарро ҳамеша ба маъно медиҳад ва дар ҳошияи маъно аз тасовири бадеъ истифода мекунад, яъне тавир бо ҳама зебоӣ ва шевоӣ ва рангҳо дар маъно ҳазм мешавад ва маъно дар калимот шеър мешавад, на дар ҷилваҳои тасвир.

Мавлоно:

*Рақскунон дарахтҳо пеши латофати сабо,*
*Маст шаванд чашмҳо аз сакароти чашми ӯ.*

* * *

*Рақсонтарин дарахт дар ин боғҳо манам,*
*Зеро дарахти бахтаму андар сарам сабост.*

* * *

*Аз хуни ман осор ба ҳар роҳ чакидаст,*
*Андар пайи ман буд ба осор маро ёфт.*

Лоиқ Шералӣ:

*Чун гесуи афшонро бар рӯи ман афшондӣ,*
*Гесӯи малак омад дар панҷаву дар дастам.*

* * *

*Ишқи Ҳавво кард Одамро азизи оламе,*
*Ишқи ту рӯзе маро берун зи олам мекунад.*

* * *

*Эй ҷони меҳмон дар бадан, меҳмониат хуш бигзарад,*
*Эй хуни қурбони сухан, қурбониат хуш бигзарад...*

* * *

*Само буғзе ба дил дорад, ҳаво абрист, меборад,*
*Дилам ғамгин, сарам вазнин, намедонам, чӣ мефорад.*

Бад-ин тартиб хонанда аз шеъри шоироне аз ин даст ҳамеша тасвири тоза ва маънои тозаеро ба даст меоварад, тавир маъное ки аз қабл нахондааст ва аз қабл намедонад. Дарёфти ҳарфи тоза ва тасвири тоза дар сабкҳои суннатӣ кори сангин аст ва он ҳам бо калимаҳои қадим ва дигар кардани рӯҳи он ҳама калимаҳои аз қабл корхӯрда дар ғазал ва қолабҳои дигар барои шоир на камтар аз қаҳрамонӣ аст. Қаҳрамонӣ дар кори шеър ва агар шоир дар ин ҳама укёнуси калом дурдонаи шеърро ба даст меоварад, зиҳӣ бар он шоир ва устод Лоиқ аз он шоирон аст. Ӯ бо нигоҳи дигар ба ҷаҳони шеър ворид гардид ва ҳамон тавр ки арз гашт, нигоҳи дигари шоир фазои шеърро дигар кард ва шеъри тоҷикӣ аз нафаси устод муаттар ва шукуфотар гардид.

Дар ҳамин маънӣ худ фармудааст:

*Аз ман кучо мақолаву нутқу масал расад,*
*Ман ошиқам, зи табъи ман танҳо ғазал расад.*
*Ман аз азал, ки шоири ошиқ расидаам,*
*Аз хомаам таровиши нақши азал расад.*

Устод Лоиқ дар ҳавзаи шеър бо нигоҳи нимоӣ тавонист дар маъно ва тасвир тарҳҳои тоза ва ҷадидро матраҳ кунад ва оғози ин иҷтиҳод дар шеъри муосири тоҷикӣ ба номи ин шоир бошад. Шоир бо нигоҳи тоза ва шинохти шеър марҳалаи бедории каломро дар шеъри тоҷикӣ асос ниҳод ва устод дар маъно, андеша ва тасвири хаёл дигаргуниҳои батамом навро ворид кард. Дигаргуниҳои шоир дар шеър ҳам дар маъно ва ҳам дар тасвири хаёл дигаргуниҳои бунёдӣ аст ва ин ваҷҳ дар осори устод маҳдуд ва якбуъдӣ нест, балки густарда аст ва шоирони зиёде аз ин иқдоми устод Лоиқ таъсир бардоштаанд ва дар кори худ аз таҷрибаи устод ба ҳадди тавон истифода кардаанд.

Садои устод Лоиқ дар шеъри тоҷикӣ садои бедорист дар андеша, дар маъно, дар тавири хаёл ва дар нигариш ба шеър ва ин иқдоми устод Лоиқ дар шеъри тоҷикӣ имрӯз аз тарафи шоирон мавриди истиқбол қарор гирифтааст ва дар равишҳои дигар он таҷруба мешавад. Ҳузури устод Лоиқ муносибат ва нигоҳи шоирони ҷавонро ба шеър дигар кард ва ин дигар кардан имрӯз ҳам идома дорад ва аз он ҳама қолабҳои суннатӣ дар шеъри шоирон бештар ғазал, дубайтӣ ва рубоӣ имрӯз таҷруба мешавад.

Бетардид устод Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷикӣ аз номдортарин шоирон аст дар жанри ғазал ва низ аз номдортарин шоирон дар навандешӣ ва навгароӣ дар ин жанр. Ҷилваҳои навандешӣ ва навгароӣ дар дубайтиҳои шоир ҳам мушоҳида мешавад ва ӯ тавониста дар чаҳор мисраъ ранги маъно ва тасвири хаёлро тозатар ва нобтар кунад ва ин қолаби қадимро дубора ба ёди шоирон биёварад ва пири дубайтиро бо дами худ дубора дар шеъри тоҷикӣ ҷавон кунад.

Дар накд ва пажӯҳиш дар мавриди қолабҳои суннатӣ назарҳои мутафовит бисёр аст, аз назари бархе шоир дар

қолабҳои суннатӣ чун ғазал ва дубайтӣ дигар наметавонад ҳалати равонии инсони имрӯзро он тавр ки мебояд, ба тасвир бигирад. Ва бархе бар онанд, ки дар қолабҳои суннатӣ ҳам метавон бо нигоҳи нав ҷаҳони маънавӣ ва ҷаҳони равонии инсони муосирро ба тасвир кашид, бахусус жанри ғазал ва дубайтӣ ба рӯҳи инсони имрӯз метавонад бештар созгор бошад. Бетардид имрӯз вазифаи ғазал ва дубайтӣ мутобиқ ба ҳолатҳои равонии башар дигар гардидаст ва шоир бояд битавонад дар ин қолабҳо ҳамин ҳолоти равонии башарро бо нигоҳи тамом нав, сабки нави баён дар калимот бидамад.

Дигар ба сабки қадим ва нигоҳи қадим шеър гуфтан коре ҳаст беҳуда ва заҳмате ҳаст пуч. Устод Лоиқ Шералӣ дар қолабҳои суннатӣ чун ғазал, дубайтӣ ва рубоӣ сабки нигоҳ ва сабки баёни навро истифода кард ва ғазалҳои худро аз нигоҳи маъно ва тасвири хаёл дар сабки қадим нагуфт ва дар ин хат таркибҳои бисёр ҷадид ва тозаро дар шеър халқ кард.

Намуне чанд аз таркибҳои тозаи шоир дар қолабҳои суннатӣ: Таровиши нақш, кафи хокистарӣ, ошиқони сурат, мурдарег, косагул, ҳарими рӯшан, зиёратгоҳи дидор, шӯри оғоз, харобаи уммедҳо, замири хотир, хазонрез, рӯнамои бахт, ҷигари чарх, мижгони сангин, хандаи гулзор ва… ин мухтасар аз завқи шоир дар сохтани таркибҳо башорат медиҳад, ин мавзӯъ аз аҳли назар таҳқиқ мехоҳад ва дар ин сӯҳбат наметавон аз он бештар гуфт. Мавзӯъи ишқ дар осори шоир маҳдуд нест ва танҳо дар ҷилваи заминӣ сифат намешавад, балки ин мавзӯъ дар осори устод дар чанд гардиш тасвир шудааст: Ишқи замони кӯдакӣ, ишқи замони наврасӣ, ишқи замони ҷавонӣ, ишқи замони бузургсолӣ ва ишқи замони баъд аз бузургсолӣ ва шоир дар ин мароҳил ба мавзӯъи ишқ мутобиқ ба ҳамон ҳолот ки дошта, рӯ овардааст.

Сифати ишқ дар осори шоир дар ҳар замон ҳолу ҳаво ва шеваи ҳамон замонро дар худ дорад. Ҳар қадар шоир дар тасвири ишқ аз нигоҳи таҷруба ва зиндагӣ дар сол бузургтар аст, камоли ишқ ҳам дар осори шоир бештар ба чашм мехӯрад.

Ишқи дар кӯдакӣ:

*Баччагиам бекасу танҳо гузашт,*
*Бо дарав, бо хӯшачиниҳо гузашт,*
*Доманаш аз хӯша пур аз домани саҳро гузашт…*
*…Номаҳо бинвишта будам беҳисоб,*
*Лек аз он сӯ намеомад ҷавоб…*
*Баччагӣ чун номае бар ёри бепарво гузашт…*

Ишқ дар наврасӣ:

*Гар набошад ишқи ту дар синаам,*
*Гар набошад ёди ту ганҷинаам,*
*Гар набошад чашми ту ойинаам,*
*Зиндагӣ нафрину дашноми ман аст.*

* * *

*Гар набошад ишқи ту пайдои дил,*
*Чист дунё бе ғами дунёи дил?*
*Бе туву бе ишқи ту? Эй вои дил,*
*Зиндагӣ зиндони ман, доми ман аст.*

* * *

*Карда ишқи ту ба дунё ошиқам,*
*Бо ғами имрӯзу фардо ошиқам,*
*Аз замин то осмонҳо ошиқам,*
*Зиндагӣ сарчашмаи илҳоми ман.*

Ишқ дар ҷавонӣ:

*Ҳоло ки ман ҷавонам, наврӯзи соли умр аст*
*Ҳар лаҳза зиндагиам сарфоли фоли умр аст.*
*Ҳоло ки ошиқам ман, андар дилам ту гӯйӣ,*
*Ҳадди камоли ишқу ҳадди ҷамоли ишқ аст.*

* * *

*Дар набзи ман ту гӯйи фавворaи ҷунун аст,*
*Дар сар ҳазор савдо, фикри чарову чун аст.*
*Дар ҳар нафас бисӯзам, дар ҳар қадам билағжам,*
*Ҳар лаҳза имтиҳоне, ҳар лаҳза озмун аст.*

Ишқ дар бузургсолӣ:

*Ту ҳам он нестӣ, ман ҳам на онам,*
*Дили мо гарчи ҳоло ҳам ҷавон аст,*
*Вале эҳсоси мо он рӯди кӯҳист,*
*Ки байни соҳили маснуъ равон аст.*

* * *

*Кунун бо роҳу расми рӯзгорон*
*Шудем онсон батамкину бабардошт,*
*Ки ҳар кӣ бингарад бар мо, бидонад*
*Замоне табъи мо шӯри дигар дошт.*

Ишқ баъд аз бузургсолӣ:

*Падруд оташи дилам, падруд, ошиқӣ!*
*Падруд саргаронии девонавори ман!*
*Акнун даруни синаам ҷуз оҳи сард нест,*
*Падруд, ҷонфишонии парвонавори ман!*

* * *

*Акнун малул бигзарам аз кӯчаҳои шаҳр,*
*Ҳар кӯча ёд медиҳад аз гирудори ишқ.*
*Акнун базур бигзарам аз кӯчаҳои шаҳр,*
*Маҷрӯҳи тирхӯрдае дар корзори ишқ.*

Дар ин марҳала аст ки ишқ дар осори шоир ба камол мерасад, ба камоли маънавӣ ва камоли ирфонӣ. Дар ин хат нигоҳи устод ба ишқ нигоҳи пурбор аст аз маърифати ишқ ва ирфони ишқ. Дар ин хат фазои зиндагии маънавии устод Лоиқ ба фазои зиндагии Ҳаким Саноӣ бисёр монанд аст. Ҳаким Саноӣ ҳам дар овони ҷафонӣ ба ишқ нигоҳи маъмулие дорад ва танҳло баъд аз чиҳилсолагӣ нигоҳи худро дар ишқ тағйир медиҳад. Устод Лоиқ Шералӣ низ чун Ҳаким Саноӣ дар қарни муосир дар қаламрави ишқ дар чанд марҳала дарси ишқро таҷруба мекунад. Ва ишқ дар дубайтии ҳозир аз таҷориби мароҳили камолсолории шоир аст. Устод дар ин дубайти ба ишқ аз хатти маърифат ва ирфон нигоҳ мекунад. Асли матлаби шоир дар ин дубайтӣ камоли маънавии ишқ аст.

*Агар ишқи ту дар дунё нагунҷад,*
*Агар ишқи ту дар дилҳо нагунҷад,*
*Биёву дар дили шоир макон гир,*
*Ки ишқ андар дили девона гунҷад.*

Ва ҷилваи маънавӣ ва ирфонии ишқ дар дубайтии ҳозир дар калимаҳои «ноз», «ишқ», «дил» ва «девона» мушоҳида мешавад. Нигоҳи шоир ба ишқ дар дубайтии фавқ нигоҳи орифона аст ва маънӣ ҳам дар ин дубайтӣ аз хатти ирфон мегузарад. Ноз ҳолати бениёзии маъшуқ аст ба ошиқ ва аз он шавқ дар ошиқ бештар шавад. Шайх Саъдӣ мегӯяд:

*Чашми ризову марҳамат бар ҳама боз мекунӣ,*
*Чунки ба бахти мо расад ин ҳама ноз мекунӣ?!*

Ва ин калима бар маънии фахр, мехрубонӣ, навозиш, хуб ва зебоӣ низ истифода мешавад дар тасаввуф қувват додан аст маъшуқро ба ошиқ ва низ гуфтаанд фиреб додани маъшуқ аст ошиқро. Вожаи калидӣ дар ин дубайтӣ барои дарки маънои ирфонӣ калимаи девона аст ва шоир аз ин калима тавониста дар ҳамин фазо истифода кунад ва ин калима дар осори шоирони ориф мавқеъ ва ҷойгоҳи хос дорад. Девона дар ирфон мақом аст ва дар роҳи талаби камол ва мақоми маънавӣ ва тариқати ишқ ва мақоми девона баъд аз орифи комил аз муҳимтарин мақом ба шумор меояд. Девона ҳам чун ориф дар роҳи камол гом мениҳад, зеро ҷунуни девона низ аз ҳақ бошад ва ишқи ӯ ба ҳақ аз мардум тафовут дорад ва девона дар ишқ ба маротиб содиқ аст аз мардуми ҳушёр ва ҷунуни онҳо ба эътирофи худи ишон аз тарафи Ҳақ бошад. Дар ин маъни Шайх Аттор гуфтааст:

*То бидонӣ к-он чи ошиқро равост,*
*Гар каси дигар раво дорад, хатост.*
*Гаҳ бувад к-он як сухан густохвор*
*Аз басе тоат фузун ояд ба кор.*

Ва ҳарфи устод Лоиқ дар дубайтӣ дар ҳамин ҳолати девонагии ошиқ аст аст бар маъшуқ. Шоир мегӯяд, агар нози туро дунё фаҳм намекунад, нози ту дар дунё намегунҷад, он дар дили девона мегунҷад. Дар мисраи аввал шоир аз калимаи рабт, «агар» истифода кардааст ва манзури шоир аз ин калима шарт нест, балки тасвири ҳолат аст. Дар мираи дувум шоир ҳамон ҳарфи мисраи аввалро идома медиҳад, яъне маъно ҳамон аст, танҳо макон иваз мешавад. Дар мисраи аввал макон дунёст ва дар мисраи дувум макон дилҳои мардум аст.

Маънии дигар низ аз ин ду байт рух нишон медиҳад ва он бузургии нози маъшуқ аст ва нози маъшуқро ҳадду ҳудуд нест ва он дар азал ва абад ҳамешагӣ аст, дунё ва ҷаҳони дилҳои ом ҳам наметавонад он ҳама нози маъшуқро дар худ бигунҷонад. Устод дар мисраи севум ва чаҳорум ба маъшуқ мегӯяд, бар дили шоир биё ҷой бигир, танҳо дили шоир шоистаи он ҳама нози ту аст ва собит мекунад, ки чаро дили шоир шоистаи нози маъшуқ аст, дили шоир девонаи ишқи маъшуқ аст. Ишқ бо он ҳама шаҳомату шукӯҳ ва вусъату бузургӣ дар дили девона бигунҷад ва ноз ҳам ҷилвае аз ишқ аст ва он чун ишқ танҳо дар дили девона метавонад бигунҷад.

Дили шоир ватани ишқ аст ва ишқ худ ҷунун аст ва ҷунуни ишқ бо дили девона созгор аст. Дили девона дили шоир аст. Дар мисраи севум ва чаҳорум шоир ишқ ва дили девонаро дар асл як медонад ва аз нигоҳи шоир ин ду аз ҳам ҷудо нест:

*Агар нози ту дар дунё нагунҷад,*
*Агар ишқи ту дар дилҳо нагунҷад,*
*Биёву дар дили шоир макон гир,*
*Ки ишқ андар дили девона гунҷад.*

Шоир дар ин дубайтӣ ба ишқ аз даричаи ирфон менигарад ва манзури худро дар калимаҳои «ноз», «ишқ», «дил» ва «девона» хулоса мекунад ва дубайтӣ бо ҳузури ин калимаҳо фазои маънавӣ ва ирфониро дар худ шакл медиҳад. Асли

матлаби шоир он аст, ки дили ошиқ девона аст ва ишқ худ ҷилваест аз ишқ ва девона аз дидори девона хуш шавад ва ишқ ҳам танҳо дар дили девона метавонад макон бигирад, макон гирифтан бар маънии ором гирифтан низ бошад. Яъне ишқ навъе аз девонагӣ аст ва он танҳо дар дили девона оромиш меёбад, ҳамон тавр ки девона аз ҳамканорӣ бо девона шод мешавад ва дили шоир нимоди дили девона аст ва аз ин назар метавонад бо ишқ канор биёяд.

Устод Лоиқ бар ин мабно мегӯяд, биё дар дили шоир макон бигир, зеро ишқ танҳо дар дили девона бигунҷад ва маҳбуб барои шоир нимоди ишқ ва дили шоир нимоди ҷунуни ишқ аст.

## МУНОҶОТЕ ЧУНИН ДАР ДАФТАРЕ НЕСТ

*Фалак, фарзонагонро куштанат чист?!*
*Ҳама якдонагонро куштанат чист?!*
*Ту худ девона кардӣ оқилонро,*
*Пасон девонагонро куштанат чист?!*

Боризтарин нақши устод Лоиқ Шералӣ дар шеъри тоҷикӣ талоши ӯ дар нав кардани ҷилваҳои маъно ва ҳунар аст, устод дар шеъри муосир ба таҳаввулоти фарогир дар маъно ва ҳунар даст зад. Устод Лоиқ таъсири вижаи худро дар зеҳн ва забони шеър тавонист бигзорад ва боварҳои худро дар сурати нав ҳам дар маъно ва ҳам дар ҳунар арза кард. Ӯ шеъри тоҷикиро бо нигоҳи нав сурати нав дод ва бетардид ин шоир кореро дар шеъри тоҷикӣ сомон додааст, ки Нимо Юшич дар шеъри нави форсӣ.

Ҳамон гуна ки Нимо Юшич бунёгузори шеъри нави форсӣ аст, дар шеъри муосири тоҷикӣ устод Лоиқ бунёнгузори нигоҳи нав аст, агарчи шоироне дигар ҳам дар шеъри тоҷик сухани нав гуфтаанд, веле дар қиёс бо шеъри устод каломи ишон камранг аст. Нодида гирифтани таъсир ва нигоҳи устод Лоиқ дар таҳаввулоти шеъри тоҷикӣ маҳдуд кардани қаламрави шеъри тоҷикӣ аст. Агар имруз қомати шеъри тоҷикӣ баланд аст, он бар рӯи андешаҳо ва тафаккури шоироне чун устод Лоиқ Шералӣ истодааст. Афсӯс он аст, ки заҳмати сахткӯши шоир дар шеъри тоҷикӣ аз тарафи аҳли таҳқиқ ба таври лозим баррасӣ нашудааст ва нақши шоир дар рушду нумуи шеъри нав дар сатҳи лозим ба таҳқиқ нарасидааст.

Устод Лоиқ дар шеъри тоҷикӣ фазои маъно ва андешаро нав кард ва шеваи нигоҳ ба мавзӯъро тағйир дод ва шавқу завқҳои хобидаро дар шеър дубора бедор кард, дуруст ҳамон кореро кард, ки Нимо онро дар шеъри форсӣ оғоз

бахшида буд. Нимо Юшич дар шеъри форсӣ якрангии андеша ва қолабро дар шеър нав кард ва аз ин назар Ниморо падари шеъри форсӣ гуфтанд ва устод Лоиқ Шералӣ ҳам дар шеъри тоҷикӣ бо ҳузури худ якрангии андешаҳоро тағйир дод. Устод Лоиқ дар шеъри тоҷикӣ бо ҷиддият ва диққати тамом ҳолати андеша, тафаккур ва ҳолати нигоҳро дигар кард ва ҳолати якрангӣ дар шеъри тоҷикӣ дигар шуд ва шоир дар ин кори худ аз равишҳои ҷадид истифода мекард. Бетардид устод иҷтиҳоди андешаи худро дар шеъри тоҷикӣ шукӯҳу шаҳомати бадеъ низ додааст ва шоир дар ин хат ҷамолу ҷалоли шеъри тоҷикиро ба гунаи нав тавонист нишон бидиҳад.

Агар имрӯз шеъри тоҷикӣ навтар мешавад аз нигоҳи маъно ва бадеият ва дар фазои мудерн таҷдид мешавад, оғози онро бояд дар шеъри устод Лоиқ ҷустуҷӯ кард. Ӯ ҳамеша аз умқи дарёи хаёл гавҳар ва марҷони шеър дар меовард. Аз ин назар осори устод Лоиқ аз назари маъно ва аз назари ҳунар вижагиҳои махсусро дорост ва каломи ӯ дар гарави ҳамин вижагиҳо саршор аз навовариҳо мебошад. Он чи дар ҳавзаи шеъри шоир маҳсус аст, дахолати ӯ ба ҳолати маъност дар шеър ва агар Нимо ҳолати мисраъҳо ва ҳолати забонро дар шеъри форсӣ тағйир дод, устод Лоиқ дар шаклҳои нимоӣ бештар маъноро нав кард ва шоир хуб медонист, ки ончи дар шеъри тоҷикӣ бояд нав шавад, ҳолати андеша ва ҳолати маъност.

Ҳолати андеша:

*Рез борон!*
*То ки дар тӯри булӯрият фаро гирӣ диламро,*
*То бишӯйӣ он ҳама гарду ғубореро, ки ман*
*Дар сару рӯям зи роҳи зиндагӣ овардаам,*
*То бишӯям доғҳои синаамро,*
*Ки ман онҳоро чу муҳри шеъри худ парвардаам.*
*Ман басо дар роҳҳои зиндагонӣ*
*Пешпо хӯрдам ба ганҷи табъи шӯрангези худ.*
*Ман басо дар худ фурӯ рафтам, ки шояд*
*Биёбам асрори ҳама буду набуд,*
*Он қадар аз худ бирафтам, ки ба худ н-оям дигар.*

*Рез*
*Он сон к-аз сари мо бигзарад ин рӯзгорон...*
*Рез борон!*
*Рез борон!*

Ҳолати маъно:

*Ман ҷаҳони ҷонамро раҳни ин ҷаҳон кардам,*
*Ман замини рӯҳамро роҳи раҳравон кардам.*
*Омадам дар ин дунё, рафтаму надонистам,*
*Ки ҳама вуҷудамро сарфи ину он кардам.*
*Ишқи беканори ман дар канори ёре мурд,*
*Пир шуд агар ишқам, шеърро ҷавон кардам.*
*Навбаҳори дил ҷустам, ҳамканори дил ҷустам,*
*То баҳори сабзамро туъмаи хазон кардам.*
*Пеши рӯи ҳақҷӯён дам задам агар аз ҳақ,*
*Бори дӯши ҷонамро сад карат гарон кардам.*
*То дили замон ҷустам, бо замона пайвастам,*
*Шеъри дарзамонамро ходими замон кардам.*
*Дар қаламрави қисмат, ҷилвагоҳи неку бад*
*Саҷда бар замин кардам, шукри осмон кардам.*

Шоир худ аз ҳолати шеъри тоҷикӣ хуб огоҳ буд ва аз қофияҳои такрорӣ ва маъноҳои якранги шеър дилгир будааст ва мегӯяд омадам, то шеъри пирро ҷавон бисозам. Устод дар кори шеър ишорат мекунад, ранҷҳо кашидаам ва аз ранҷи шеър пир гардидам, аммо тавонистам шеърро ҷавон, яъне нав бисозам ва ҳамин хидмати устод Лоиқ ҳанӯз ҳам аз тарафи аҳли таҳқиқ баҳои сазовори худро нагирифтааст. Андешаи нав ва маънои навро дар шеъри тоҷикӣ баргу бор бахшид ва зебоии эҳсос ва шавқро дар калимаҳо ҷорӣ кард ва рангҳоро низ дар қаламрави тасвир тозатар кард.

Наҳваи нигоҳ ба шеърро устод батамом дигар бинмуд ва ин навҳаи нигоҳи шоир дар шеърҳои ӯ рӯшан ба чашм мехурад. Нав кардани сохти қолаб дар шеър ҳунар бошад, аммо нав кардани сохти андеша ва тафаккур ба маротиб муҳимтар бошад ва на ҳар шоир дар ин самт муваффақ аст. Имрӯз ҳам мактаби шеъри шоир дар халқи маънои нав ва риволи андеша аз

тарафи шоирони ҷавон таҷруба мешавад ва аз шеъри устод дарси навгароии шеърро меомузанд. Ва имрӯз шеъри тоҷикӣ аз ҳар лиҳоз ба фазои тозатар ворид мегардад ва дар ин ҳама саҳми устод Лоиқ кам нест. Сувари хаёли шоир ҳатто ҳолати радиф ва қофияро низ тағйир дод ва зарурати ин арконро дар шеъри суннатӣ дигарбора собит кард. Яъне шоир ба радиф ва қофия эътимод ва мақоми дигар дод ва ҳаққи ҳузури ин арконро дар сохтори шеър ба таври дигар нишон дод ва дар осори устод радиф ва қофия маъноро тақвият медод ва такмил мекард, дар кори шоир радиф ва қофия рукне аз маъно аст.

Ҳаракати навгароӣ дар шеъри тоҷикӣ аз пеш вуҷуд дошт ва аммо устод Лоиқ онро ба авҷ расонд ва дар шеъри худ онро фарогир кард, яъне хеле аз шоирон хонаи ҳаракати навгароии худро дар шеър хостанд бисозанд ва аммо сохтмони хона то охир анҷом намеёфт. Ва аммо устод Лоиқ сохтмони ин хонаро ба тамом ба охир расонид ва ҳатто дар оростани он саҳм гирифт ва имрӯз ин хона ҳам аз дарун ва ҳам аз бурун тамошоӣ аст ва аз тарафи аҳли завқ ҳамеша хоҳиши вуруд бар ин хонаи ҷодуӣ мушоҳида мешавад. Истеъдод ва тавоноии завқ маърифати андешаро дар шеъри шоир шакл медиҳад ва халқи маънои нав ва тасвири нобро дар сохтори калимаҳо асос мешавад, шоир дар ин хат ба ҳама шартҳои навандешӣ итоат мекунад. Ҳарчанд қолаб дар шеърҳои устод суннатӣ аст, аммо маъно ва андеша дар қолаби куҳан тозаву нав аст ва ҳамин навгароии шоир фазои қолабҳои қадимро низ нав кардааст.

Дар қолабҳои суннатӣ каломи шоир он қадарҳо нав ва ноб аст ва ин фазо ҳама сохтори шеъри шоирро пӯшидааст ва қолабҳои суннатӣ ҳам дар ин пӯшиш худро нав нишон медиҳанд. Устод Лоиқ роҳи нави андеша ва равиши нави маънофариниро дар шеъри тоҷикӣ дубора зинда кард ва кори шоирро дар ин самт як падидаи тоза мешавад гуфт. Муносибати ӯ бо калимот бисёр шоирона аст ва рози навгариҳои устод фикр дорам дар равиши муносибати ӯ бо калимаҳо мебошад. Ӯ шоире буд, ки бо ҳар навъ аз калима метавонист канор биёяд, унс бигирад ва шеър бештар ба суроғи устод меомад ва шоир аз шеър танҳо истиқбол мекард. На ҳар кӣ шеър мегӯяд, ин ҳолу ҳаворо метавонад маза дар халқи шеър кунад.

Ин фазо, яъне нав гуфтан, нав дидан ва нав андеша кардан дар дубайтиҳи шоир ҳам ба чашм мехӯрад ва асолати маънавии дубайтиҳои худро шоир дар ҳамин қаламрав шакл додааст ва рангрезӣ кардааст, бихонем:

*Фалак, фарзонагонро куштанат чист?!*
*Ҳама якдонагонро куштанат чист?!*
*Ту худ девона кардӣ оқилонро,*
*Пасон девонагонро куштанат чист?!*

Дар ин дубайтӣ шоир барои матлаби худ аз калимаи «фалак» кор гирифтааст ва асли матлаби шоир дар ҳамин калима мечархад. Фалак дар фарҳанг бахше аз осмон, ки мадори сайёраҳост, мебошад. Аммо дар забони мардум манзур аз ин калима бештар дунё, зиндагӣ ва сарнавишт аст ва ин калима дар шеъри шоирон ба навъи мухталиф дар маъно ва баён истифода шудааст.

Фалаки атлас, киноя аст аз арш ва Мавлоно дар ин маънӣ гуфтааст:

*Зери фалаки атлас ҳушёр намонад кас.*
*Зеро ки зи пешу пас миҳои ту меояд.*

Фалакбон, нигаҳбони фалакро гӯянд, манзур Худованд аст, Носири Хусрав гӯяд:

*Зи говву каждуму харчангу моҳӣ*
*Наёяд кор кардан з-ин накӯтар.*
*Вагар донӣ, ки ин кори фалак нест,*
*Фалакбоне туро лозим шуд эдар.*

Фалакпаймо, манзур аз ин таркиб ҳазрати Муҳаммад(с) ва он ки ба Ҳақ тақарруб кардааст. Мавлоно фармудааст:

*К-эй фалакпаймои маймунболи чуст,*
*Ин замин дар ишқу андар доми туст.*

Фалаки ҳуққабоз, киноя аз дунёи маккор ва ҳилагар аст. Ҳазрати Ҳофиз гуфтааст:

*Суфӣ ниҳод дому сари ҳуққа боз кард,*
*Бунёди макр бо фалаки ҳуққабоз кард.*

Дигар калима дар дубайтии ҳозир калимаи «фарзона» аст ва маънии ин калима дар луғот бар маънии ҳаким, оқил ва донишманд аст ва манзури шоир аз ин калима ҳамин маъно бошад. Ҳофиз мегӯяд:

*Ало, эй пири фарзона, макун айбам зи майхона,*
*Ки ман дар тарки паймона диле паймоншикан дорам.*

Ва ман бар он ҳастам, ки калимаи фалак аз нигоҳи маъно дар дубайтии ҳозир чандбуъдӣ аст ва асли матлаби шоир аз ин калима додхоҳӣ бошад ва фалак дар ин дубайтӣ маънии тақдир ва сарнавиштро баён медорад. Ин калима агарчи ба маънии ҷаҳон низ ба кор меравад ва ҷилваи матлаб дар ин сурат ба навҳи дигар аст, манзур ин тавр мешавад, шоир аз дунё дод мехоҳад ва навҳаи шиква ба додхоҳӣ табдил мешавад. Шоир аз фалак дод мехоҳад ва мегӯяд, дар кори ту чӣ розе ниҳон аст, чаро ҳамеша фарзонагонро аввал аз зиндагӣ маҳрум месозӣ, ҳар ҷое ҳаким, донишманд ва оқиле ҳаст, онҳо аввал қурбон мешаванд ва дар зиндагӣ аввал онҳо ҷони худро аз даст медиҳанд?!

Дар зиндагӣ онҳо ҳастанд, ки оммаро ба сӯи рӯшанӣ ва шукуфтан роҳнамоӣ мекунанд ва онҳо ҳастанд, ки зиндагӣ ранг ва маъние касб мекунад, вале эй дунё, ту аввал онҳоро ба марг маҳкум месозӣ, чаро? Эй чарх, ҳамеша дар қасди фарзонагон ҳастӣ ва ин якдонагонро чаро ҳамеша аз байни мо мебарӣ, чаро? Ва аз ин муаммо ман дар ҳайратам, ҳар куҷо фарзонадиле ва дарёдиле ҳаст, дарёи зиндагии ӯро хушк месозӣ. Ва шоир ҳайрати худро аз тариқи суол гузордан изҳор мекунад ва суоли шоир ҳамон ҳолати ҳайрат аст, ду ҳолат дар суоли шоир ба назар мерасад, аввал ҳолати пурсиш ва дувум ҳамон ҳолати шигифт аз кори фалак. Ду мисраи авалро аз дубайтӣ бихонем:

*Фалак, фарзонагонро куштанат чист?!*
*Ҳама якдонагонро куштанат чист?!*

Шоир аз тариқи суол ниҳодан мехоҳад ҳақиқати масъаларо бидонад ва суол ниҳодан дигар ниҳояти хоҳишро нишон медиҳад ва ниҳояти хоҳиш руй овардани шоир ба суол аст ва суол дар ин дубайтӣ ҳам пурсидан ҳаст ва ҳам ҳайрат ҳаст ва ҳам хоҳиши донистани ин амали дунё, ки чаро ҳамеша аввал фарзонагонро мекушад. Дар мисраи дувум аз дубайтӣ манзури худро бо истифода аз таркиби «якдонагон» нишон медиҳад ва манзур аз ин таркиб афроди баргузида ва махсус бошад. Яъне дунё ҳамеша афроди баргузида ва махсусро қурбони худ месозад ва аммо афроде, ки ҳузури онҳо барои омма танҳо бадбахтӣ аст, бар зиндагии худ ҳамчунон идома медиҳанд.

Воқеан дунё ҳама ҳайрат ва муаммо аст ва ин пурсиш аз тарафи шоирони бузург ҳамеша будааст ва баъдҳо низ он хоҳад буд ва ин дубайтии устод низ дар фазои ҳамон пурсишҳо эҷод гардидааст. Ва шоирони бузург барои посух бар ин суоли худ аз калимоти «гардун», «дун», «чарх», «гетӣ», афлок, «даҳр», «дунё» ва… истифода кардаанд, асли матлаб дар шеъри ишон ҳамон суоли ҳамешагӣ аст, чаро?

Ҳофиз: гетӣ ва гардун:

*Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст*
*Бо дӯстон мурувват, бо душманон мудоро.*

* * *

*Рақиб озорҳо фармуду ҷои оштӣ нагзошт,*
*Магар оҳи саҳархезон суи гардун нахоҳад рафт?!*

Фирдавсӣ: ҷаҳон:

*Ту чун мурғиву ин ҷаҳон кӯҳи туст,*
*Чу рафтӣ, ҷаҳонро чӣ андӯҳи туст?*

Саъдӣ: олам:

*Ба ҷаҳон хуррам аз онам, ки ҷаҳон хуррам аз ӯст,*
*Ошиқам бар ҳама олам, ки ҳама олам аз ӯст.*

Устод Лоиқ дар ин дубайтии худ мехоҳад ба ҳамон суоли ҳамешагии башар посух биёбад ва дар кори худ аз тариқи пурсидан ва суоли «чист» аз фалак маънии буданро дар он кашф кунад. Фалак ва ё дунё, ҳамон тавр ки арз шуд, аввал баргузидагон ва фарзонагонро ҳалок месозад ва аммо қабл аз ҳалок ононро ошиқ месозад ва шоир ин манзури худро дар калимаи «девона» иброз медорад.

Ҳамин маънӣ дар ҳадиси муборaки паёмбари гиромӣ ҳазрати Муҳамад (с) низ омадааст ва устод фикр мекунам, аз ин сарчашма дар ин дубайтӣ истифода кардааст. Ҳазрати паёмбар фармуд…ин дунё сарои бенавойӣ аст, бисоти фурумояги̅ аст, рӯи маърифат сиёҳ кунад, ҷомаи исмат чок… Дар дубайтии устод таҷаллии ҳамин фармудаи паёмбар ба чашм мерасад. Яъне шоир аз дунё сабаби ин амалро мехоҳад бидонад ва дунё чаро ҳамвора дар қасди мардони озода аст ва беҳтаринҳоро ҳалок мекунад ва ба қавли ҳаким Фирдасӣ аз ин амали худ парво накунад ва ӯро ҳеч андӯҳе набошад, барои тасаввури бештар аз ин назар дубора дубайтиро бихонем:

*Фалак, фарзонагонро куштанат чист?!*
*Ҳама якдонагонро куштанат чист?!*
*Ту худ девона кардӣ оқилонро,*
*Пасон девонагонро куштанат чист?!*

Шоир дар мисраи севуми дубайтӣ ҳамчунин аз калимаи «оқил» кор мегирад ва манзури шоир аз ин калима ҳамон фарзонагон, яъне ҳушмандон ва доноён аст. Манзури шоир он бошад, ки эй дунё, асли ту ва маънии ту дар ҳузури ҳамон оқилон бошад ва маънии ту, ободии ту аз ҳузури афроде чунин аст, пас, чаро ононро ҳалок бисозӣ?

Ва агар мардони ҳаким ва донишманду закӣ набуданд зиндагӣ дар зулмат фурӯ мемонд ва маҳз онон омаданд ва чароғи маърифат ва озодагӣ рӯшан карданд ва аммо ту бар онҳо ҳамеша душман ҳастӣ.

Агар дар ту ҳузури фарзонагон набуд, агар мардони донишманду ҳаким милод намеёфтанд, ту ҳаргиз маънӣ надоштӣ, пас, чаро аввал қасди ҷони онон мекунӣ ва аввал

ононро ҳалок месозӣ? Суоли шоир як суоли маъмулӣ нест ва ӯ бо дунё ё фалак, он тавр худ ки худ мегӯяд, аз рӯи таоруф ва хушомад нест, балки суоли як додхоҳ мебошад ва ӯ аз ин кори фалак ба дод омадааст ва аз фалак дод мехоҳад. Шоир дод мехоҳад, ки чаро ҳамеша ин гуна аст ва ҳар ҷо ки марди фарзонае ҳаст, бояд ӯ бимирад, магар фалакро дигар коре нест ва шоир аз номи он ҳама фарзонагон додхоҳӣ дорад?! Ҳузури ҷуръат ва ғайрат дар каломи шоир эҳсос мешавад ва ӯ аз дунё барои он ҳама амал ки дар ҳаққи фарзонагон кардааст, ҳам дод мехоҳад ва ҳам посух.

Манзури шоир аз мисраи «Ту худ девона кардӣ оқилонро» он аст, ки эй фалак, ту худ онҳоро дар доман парвардӣ ва дар домани ту онон фарзонаву оқил гардиданд ва бо чароғи маърифат туро рӯшан карданд, аммо ту ононро ҳалок кардӣ. Шоир мехоҳад бигӯяд, эй фалак, ту фарзонагонро дар авҷи шукуфоӣ ва дар авҷи камол, ки бояд барои башар хидмат дошта бошанд, ҳалок кардӣ ва барои шоир ҳамин вуқӯъ пӯшидааст. Ӯ аз дунё суол мекунад, ки чаро бо фарзонагон ва доноён инчунин ҳастӣ магар он чи мекунӣ, бо фарзонагон аз рӯи адолат аст? Ва суоли шоир, ҳамон тавр ки арз шуд, танҳо як суол нест, балки гирифтан аз гиребони дунё аст. Шоир аз гиребони дунё мегирад ва мепурсад аз дунё, ки чаро ҳамеша фарзонагонро ҳалок месозӣ? Ва пурсиши шоир аз фалак бисёр ҷиддӣ аст ва ӯ бо дунё дар ин суоли худ мехоҳад ҳақиқати дигарро кашф кунад ва ӯ қотеъ аз дунё ин сабабро мепурсад: Магар ҳаққи фарзонагон дар ин дунё танҳо марги нобаҳангом аст?

Асли матлаби шоир дар дубайтии ҳозир ҳамин манзур аст ва манзури шоир аз марги фарзонагон, марги нобаҳангом ва бевақт ва ҷавон аз зиндагӣ рафтани мардони фарзона мебошад. Дар хулоса дубайтии дигарро аз шоир барои бардошти бештар аз ин сӯҳбат бихонем:

*Фалак маҷмӯаи роз аст, эй дӯст,*
*Аҷузи ҳилапардоз аст, эй дӯст.*
*Калиди қуфли шодӣ гум шуда, лек*
*Дари ғам доимо боз аст, эй дӯст.*

## АЗ ТУФОНИ ИШҚ ТО ЯК ҶОМИ РОЗ

*Маро як ишқ сад дунё бубахшад,*
*Маро як ҷом сад дарё бубахшад.*
*Зи сар то по гунаҳкорам ман имрӯз,*
*Гунаҳҳои маро фардо бибахшад.*

Ҷойи зикр аст, ки шеъри устод Лоиқ Шералӣ шеъри сохторӣ нест, яъне шеъри шоир бар мабнои сохтор нест, балки бар мабнои маънои асл аст ва устод дар шеъри тоҷикӣ марҳалаи ҷадиди маънофариниро асос ниҳод. Устод Лоиқ дар сохтор ҳам корҳои диданиро сомон додааст ва дар қолаби шеъри сапед ва нимоӣ ҳам шеър таҷруба кардааст ва аммо устод Лоиқ дар халқи ғазал ва дубайтӣ ва рубоӣ бештар шоири муваффақ аст. Ӯ танҳо шоирест, ки дар ҳавзаи маъногароӣ дар шеъри тоҷикӣ ҳаракати тозаеро оғоз бахшид ва таъсири ин ҳаракат имрӯз дар шеъри муосир рӯшан ба назар меояд. Тасвирӣ ва ташбеҳӣ шудани шеър имрӯз аз як ҷиҳат мадюни ин ҳаракати устод мебошад.

Дигар аз хидматҳои устод дар рушди шеъри тоҷикӣ он аст ки ӯ дубора шеърро ба адабиёт наздик намуд, яъне шеър дар сурати адабиёти асил худро дубора нишон дод ва дар ин рӯйдод хидмати устод беназир мебошад. Устод чеҳраи гирифтаи шеърро аз дигар зебо кард. Шоир дар қаламрави шеъри тоҷикӣ лаҳни махсуси худро эҷод кард ва дар се хат шеъри тоҷикиро такомул бахшид – румонтик, ҳамосӣ ва қисман ирфонӣ ва дар ин се равиш тавонист дардҳои ичтимоӣ ва миллиро баён кунад.

Румонтик:

*Дилам шуд косаи зардоб аз ишқ,*
*Сарам шуд чархаи гирдоб аз ишқ,*
*Валекин боз мегӯянд мардум*
*Илоҷи худ, бирав, дарёб аз ишқ.*

Ҳамосӣ:

*Куҷо шуд мушкилосони бузургат?*
*Куҷо шуд рӯҳи инсони бузургат?*
*Ту саргарм астӣ бо ҷанги хурӯсон,*
*Чӣ кардӣ бо Хурусони бузургат?*

Ирфон:

*Ҷаҳон бегонабозӣ дӯст дорад,*
*Ҷаҳон девонабозӣ дӯст дорад.*
*Ба пиромуни шамъи мурдаи хеш*
*Ҷаҳон ғамхонасозӣ дӯст дорад.*

Устод Лоиқ Шералӣ, он тавр ки арз шуд дар шеъри тоҷикӣ бахусус дар бахши муҳтаво фазои андеша ва тафаккурро батамом дигар кард ва нигоҳи гарми ӯ таҷаллии рӯшани маъноро дар шеър ҷорӣ намуд. Мо ҳама дар шеърҳои худ аз калимаи «ойина» фаровон истифода кардаем ва нигоҳи мо танҳо дар ойина хира гардид, аммо устод шикастани ойинаро дид ва дар ҳар пораи шикаста ҷаҳоне аз ҳақиқати зиндагии миллатро. Ва устод Лоиқ ба ҳунар ва заковати фитрӣ пора-пора ойинаи шикастаро дар кори худ ба ҳам овард ва шеъри асилро дубора ба мо нишон дод ва чашми мо дубора ба шеъри асил ва ҳақиқӣ ошно гардид. Шеъри устод зиндагии иҷтимоиро бештар аз ҳар шоири дигар дар кори худ нишон медиҳад ва ин шоир бештар аз ҳар шоири дигар дар шинохти ин мавзӯъ ҳассосият нишон додааст ва беш аз ҳар шоири дигар зарурати нав шудани шеърро аз нигоҳи маъно ҳис кардааст.

Шоир дар халқи шеър маъноро аввал медонад ва дар маъно шеърҳои худро шакл медиҳад ва зиёд дар фикри тасвир нест ва тасвир дар шеъри шоир тобеъ аст ба маъно ва муҳтаво ва асолати шеъри устод дар ҳамин фазо қомат афрохтааст. Дар шеъри устод асли калима, сурати калима, садои калима дар фазои муҳтаво бештар арзиш пайдо мекунад ва дар ҳувияти шеър нақш мегузорад ва калима дар сохтори шеър маъноро бадеъ месозад ва ба шеър қудрати шеърӣ

медиҳад. Ин назар собит аст, ки шеър як ҳунари забонӣ аст, ҳунарест, ки сохтори он бар мабнои вожаҳо мебошад ва дар ин хат шоирро эҳёгари калимаҳо мешавад гуфт ва шоирро ҳамчунин мешавад Масеҳои калимаҳои мурда номид, шоир бо дами худ ба калимаҳо дар шеър умри дубора медиҳад.

Калима дар қаламрави шеъри шоир ба зиндагӣ бармегардад, аммо фикр мекунам шеър танҳо ҳунари забонӣ нест, балки ҳунари маъниофаринӣ, ҳунари наққошӣ, ҳунари башорат ва ҳунари расолат низ мебошад. Устод Лоиқ Шералӣ дар кори худ аз калимот танҳо барои тасвирсозӣ, барои маъногароӣ истифода накардааст, балки расолати шоириро он тавр ки мебояд, дар шеърҳои худ ва дар калимот анҷом додааст. Тафовути вижаи шеъри устод аз шеъри ҳамнаслони худаш дар рӯҳи пӯёи шеъри ӯст. Андеша ва тафаккури шоир дар ҳазор-ҳазор шохоби тасвир ва маъно печидааст ва он ҳама ба ҳам меояд ва табдил мешавад ба дарёи шеър, шеъри зебо ва ноб. Ва бетардид шеъри устод имрӯз дар хазинаи маънавии миллат ифтихори адабиёти мардуми форсизабонон аст.

Зебоии шеъри устод он тавр ки зикр гашт, танҳо дар калимот ва маъно хулоса намешавад, балки вижагиҳои махсус худро он дорад. Ҳамин боис мешавад, ки шеъри ӯро аз ҳар ҷиҳат шеъри бартар ва беҳтар бидонем. Ҳукумати маъно дар қаламрави шеъри шоир бар мабнои эътиқод ва боварҳои рӯшани шоир шакл гирифтааст ва тамоми аркони дигар дар шеъри шоир итоат мекунад ба ин ҳукумат, таълиқи маъно аз муҳимтарин рукн аст дар осори шоир. Бетардид устод шоирест, ки дар шеър ҳамеша рӯи маъно ва андеша пофишорӣ доштааст ва наметавон дар ин хат ҳунари хуб ва баланди шоирро нодида гирифт ва аз назари техникӣ маъно устод Лоиқ шоире чирадаст аст дар шеъри тоҷикӣ дар қиёс бо шоирони ҳамнасли худ. Устод Лоиқ Шералӣ дар шеъри тоҷикӣ ва ҳатто мешавад гуфт форсизабонон дар ҳавзаи маъно шеърҳое гуфт, ки то ӯ ҳанӯз ин мавзӯъҳо дастнахӯрда буд, агар ҳам даст хурда устод он мавзӯъҳоро тавонист батамом дар шеър навтар кунад.

Силсилаи шеърҳои «Илҳом аз Шоҳнома» ва «Модарно-

ма»-и шоир аз беҳтарин ва ҷаззобтарин осори шеърӣ аст ҳам дар адабиёти тоҷикӣ ва ҳам дар ҳавзаи шеъри шоирони ҳамзабон. Ҳамчунин устод дар халқи рубоӣ ва дубайтӣ ҳам аз шоирони пешгом ва мумтоз ба шумор меояд ва дар ин маврид ишороте чанд доштем. Аммо ҳарф ин ҷост, ки дубайтиҳои ӯро метавон ҷилвае аз кашфи шуҳуди шоир донист. Шояд қабули ин ҳарф барои бархе мушкил бошад, аммо мурур ва таҳаммули андешаро дар дубайтиҳои шоир агар дошта бошем, ин ҳарф ҳеҷ аҷобате нахоҳад дошт. Шоир бетардид дар марҳилаи ҷадид ва камол дар халқи шеър қарор дошт ва ҷилваи ин мароҳил дар шеъри устод мушоҳида мешавад ва аз назари бахш шеъри устодро ба се давра мешавад ҷудо кард – давраи ҷавонии ҳунар, давраи миёнаи ҳунар ва давраи камоли ҳунар. Ва ин се марҳала дар ҳавзаи шеъри шоир ҳар кадом хусусиёти худро аз нигоҳи ҳунар дар кори шеър соҳиб мебошад ва шоир дар ҳар давра нигоҳи худро дар шеър комилтар кардааст.

Дар ин се марҳала эътиқоди шоир ба шеър ва зиндагӣ ба ҳар навъ мебошад ва ҳарфи шоир аз марҳала то марҳала асолати худро бештар ва хубтар ҳифз мекунад. Хулоса, дар марҳалаи охир нигоҳи шоир бештар ҳақиқати будан ва маънии буданро ҷустуҷӯ мекунад ва ҳамин фазоро дар шеъри худ бештар ба тасвир гирифтааст. Ин ҳолати тасвир бештар дар ғазал, рубоӣ ва дубайтиҳои шоир мушоҳида мешавад.

Ғазал:

*Заминат осмон шуд, ишқ омад,*
*Раҳат чун Каҳкашон шуд, ишқ омад.*
*Ту бо пирӣ агар тан дода будӣ,*
*Дили пират ҷавон шуд, ишқ омад.*
*Набудат аз баҳори нав умеде,*
*Хазонат гулфишон шуд, ишқ омад.*
*Лаби хушкат лаби дарё бибӯсид*
*Ғамат баҳри дамон шуд ишқ, омад.*
*Дигар фикри сару сомон чӣ дорӣ?*
*Сарат бехонумон шуд, ишқ омад.*

Рубоӣ:

*Ин зиндагиву оташу хокистари ӯ*
*Санҷидаам, эй хок бар сари ӯ.*
*Ӯ аз дари ман гузашту ман аз дари ӯ,*
*Ӯ аз бари ман гузашту ман аз барии ӯ.*

Дубайтӣ:

*Дигар он шӯру шавқи рағбатам нест,*
*Дигар он қомату он қиматам нест.*
*Чи кардӣ, эй фалак бо ман, чӣ кардӣ,*
*Ки баҳри ҷуръа хурдан ҷуръатам нест?!*

Устод Лоиқ Шералӣ шоирест, ки маъноро дар беҳтарин сурат мешиносад, кашф мекунад ва дар ҷисми калимот дами шеър ва зиндагиро медамад ба шеър, ба тасвир ва ба маъно. Дубайтии ҳозир дар зоҳир аз калимоти маъмулӣ иборат аст, аммо аз нигоҳи маъно беназир мебошад:

*Маро як ишқ сад дунё бибахшад,*
*Маро як ҷом сад дунё бибахшад.*
*Зи сар то по гунаҳкорам ман имрӯз,*
*Гунаҳҳои маро фардо бибахшад.*

Дар дубайтии фавқ тамоми калимот ҳамон калимотест, ки ҳар шоир онҳоро бидонад ва дар шеърҳои худ аз ин калимот истифода доштааст. Устод аз ҳамин калимоти ошно чи қадар дубайтии зебо ва шево халқ кардааст. Ва агар ҳамин калимотро пеши ҳар шоири дигар бигзорем, шояд натавонад ба ин шукӯҳу ин шаҳомат як дубайтии болиғ бисозад ва агар ҳам чизе бинависад, баъид медонам, балоғати маъноро чун устод кашф карда бошад.

Дар дубайтии устод ҳамин калимоти куҳан худро нав ва бадеъ нишон медиҳад ва хонанда батамом фаромӯш мекунад, ин ҳама калимот қадимӣ аст, зеро шоир ба истифода аз маъно калимоти қадимиро дубора полоидааст ва ҳатто навтар кардааст. Дар мисраи аввал аз ин дубайтӣ шоир мегӯяд, маро як ишқ дунё хоҳад бахшид ва манзури устод аз ин баён мақом ва

мартабаи ишқ аст дар зиндагии маънавии башар, аз нигоҳи шоир ишқ асли дунё бошад. Шоир ба аҳли дунё муроҷиат мекунад ва ононро мегӯяд, ин ҳама ифтихор доштан аз дунё беҳуда аст, зеро дунё ҳамеша соҳибони худро мефурӯшад ва ҳаргиз бар касе вафо накардааст, ба қавли Хоҷа ин аҷуза арӯси ҳазор домод аст ва танҳо ишқ инсонро қурб ва маънӣ медиҳад, бар ин мабно аст, ки шоир ишқро ба маротиб воҷибтар аз дунё медонад. Ишқ барои шоир ҳама чиз аст, ҳастӣ, зиндагӣ, камол, маърифат, бедорӣ, мақом ва мартаба, дунё бидуни ишқ мазмуни худро аз даст медиҳад ва агар он ҳаст, дар гарави ишқ он вуҷуд дорад.

Инсон бояд ин ҳақиқатро дарк кунад ва бояд бидонад, ки дунё дар кадом мевҳар мечархад, он меҳвари ишқ аст, ҳастӣ, дунё, аз арш то фарш ҳама ба хотири ишқ аст вуҷуд ва ҳастӣ дар ҳамин як калима маъно ва таъбир мешавад. Устод маърифат ва мартабаи ишқро медонад ва дар ин хат бо итминон мегӯяд, ишқ ҳама чизи ман бошад ва ҳарчи маро агар ҳаст, он аз баракати ишқ аст. Манзур он бошад, ки бархе дар зиндагӣ ҳамеша бар сар ҳавои дунёро доранд ва батамом дилбастаи дунё ҳастанд ва бо дунё ишқ меварзанд ва аз нашъати ишқи ҳақиқӣ бехабар ҳастанд. Шоир дар ин хат мегӯяд, ман чун шумо нестам ва чун шумо намехоҳам дар ҳавои дунё худро гумроҳ бисозам, ман ишқ дар дил дорам ва ишқ барои ман ҳама дунёро бибахшад, дунёи ишқ зеботарин дунё аст ва ҳеҷ сарват ва доро̣ӣ баробар ба он нест.

Дунё дар дубайтии ҳозир бар маънии сарват ва доро̣ӣ низ омадаст ва бархе бо ҳамин дороии худ мағруранд ва сарвату дороиро онҳо давлат ва дунёи худ медонанд ва чашму дили ишон аз ишқ холӣ ва дур аст. Ҳар кӣ дар зиндагӣ танҳо мағрури сарват ва симу зар мебошад, ҳақиқати ҳастӣ ва ҳақиқати офаринишро низ намедонад ва давлати онҳоро ва дунёи онҳоро дар ниҳоят завол бошад. Устод худро аз аҳли ишқ медонад ва ишқро беҳтарин доро̣ӣ ва сарват медонад барои худ ва манзури шоир он бошад, ки инсон агар аз ишқ фосила бигирад ва ишқро фаромӯш бисозад, наметавонад ба хушбахтии воқеӣ бирасад. Барои шоир давлати ишқ ва дунёи ишқ бартар аз сарват ва симу зар мебошад ва аз ҳирси симу

зар худро озод медонад ва дар қиболи он ҳама аҳли сарват мегӯяд, дунёи ман ишқ аст ва ишқ маро ба ҳастӣ ба розҳои ҳастӣ ва маънии будан ошно кардааст ва ишқ бар ман дунёе мебахшад, ки ҳеч сарвату доройӣ бар он нарасад.

Дар ин хат шоир мегӯяд, маро ишқ як дунё мебахшад ва таркиби «як дунё» бар маънии арзиш аст, яъне дунё, ки ишқ маро медиҳад, шумо чи медонед, ки он чи дунё аст, аҳли дунё барои дунё аст ва аҳли ишқ барои ишқ. Дубайтии фавқро барои идомаи суҳбат аз дигар бихонем:

*Маро як ишқ сад дунё бибахшад,*
*Маро як ҷом сад дарё бибахшад.*
*Зи сар то по гунаҳкорам ман имрӯз,*
*Гунаҳҳои маро фардо бибахшад.*

Таркиби «сад дунё» дар ин мисраъ бар маънии ҳама чиз аст, яъне агар шуморо як дунё аст, маро сад дунё бошад ва он ҳама маро аз ишқ расидааст ва манзури шоир аз ин таркиб маърифати ишқ, сулуки ишқ, шинохти ишқ ва раҳмати ишқ аст. Ва ин дунё, замин, аз арш то фарш ҳама саршор аст аз раҳмати ишқ аст ва башар дар ҳамин раҳмат зиндагӣ ба сар мебарад ва агар ин раҳмат набуд, башар ҳақиқати зистанро, расолати буданро намедонист. Шоир ҳақиқати дунёро барои аҳли дунё ва аҳли сарват дар як дубайтии худ чунин тасвир мекунад ва он худ посухи устод аст бар он ки чаро мегӯяд, як ишқ барои ман сад дунё бошад ва аз ишқ ман сад дунёро дорам. Бихонем:

*Гаҳе ёру гаҳе бор аст дунё,*
*Гаҳе тору гаҳе дор аст дунё.*
*Надонад қимати мардон, агарчанд*
*Харидор асту бозор аст дунё.*

Устод Лоиқ чи қадар зебо ва чӣ қадар мантиқӣ сифати дунёро баро аҳли дунё ва аҳли сарват дар ин дубайтӣ нишон медиҳад, дунё барои аҳли дунё бор аст, тор аст ва дор аст ва ин афрод аз раҳмати ишқ бенасиб бошад. Ҳар он ки бенасиб

аст аз раҳмат, бо ҳама дороӣ ва сарват ва дунёдорӣ дар ниҳоят баҳои зиндагии ӯ бадбахтӣ бошад ва ишқ барои шоир раҳмат аст ва медонад баҳои зиндагии худро ва дар ин дунё ӯро расолат чист ва дар ин расолат зиндагии хешро месозад ва маънӣ медиҳад, ин ҳама раҳмат ва огоҳии ӯ аз ишқ аст, ишқе ки барои ӯ сад дунёро тақдим кардааст. Дар мисраи дувум аз дубайтӣ устод мегӯяд маро як ҷом сад дарё бибахшад ва манзури шоир аз ин баён шукӯҳу шаҳомат ва бузургии ишқ аст ва инсон агар аз дарёи ишқ як ҷом ба даст биёварад, он ба садҳо дарё баробар мебошад.

Инсон зиндагӣ мекунад, то ҳақиқати худро бишиносад ва агар лутф ва раҳмати ҳақ бар ӯ бирасад, ин ҳақиқатро кашф мекунад ва расидан бар ин ҳақиқат, танҳо аз тариқи ишқ муяссар шавад ва устод бар ин мабно мегӯяд, «маро як ҷом сад дарё бибахшад». Манзури устод Лоиқ аз «ҷом», ишқ аст ва ҷом дар ин дубайтӣ бар маънии сифати ишқ бошад ва ҳар он ки ҷоме чунин ба даст оварад, дар зиндагӣ нашъати зиндагиро дармеёбад ва аз саодати ҷовид бархурдор мешавад. Шоир бо истифода аз ин калима мехоҳад шароб ва майи ишқро тасвир кунад, шароби ишқ ва ҷом дар ин дубайтӣ киноя аст аз шароби ишқ. Шароби ишқ дар маърифати орифон лутф ва раҳмати парвардгор аст ва онро дар сулуки ва тариқат ҳол низ гуфтаанд. Устод дар як ҷоми ишқ тӯфони ҳастиро мушоҳида мекунад ва аҳли дунё ин туфонро дар сад дарё наметавонад мушоҳида бикунад ва шоир ошиқ дар як ҷоми раҳмат тӯфони ишқро метавонад мушоҳида бисозад ва дар тӯфони ишқ ғарқ багардад.

Рафтан дар тӯфони ишқ кори осон нест ва дар як ҷоми ишқ метавонад ҳама дунё ба самоъ хезад ва манзури шоир аз ҷоми ишқ ҳамин ҳузур шавқ аст ва расидан ба висол дар тариқати ишқу ошиқӣ. Ҳар кӣ дар ишқ меравад, аз лағжидан ва ранҷи роҳ барканор нест. Аз нигоҳи шоир аҳли дунё бо дунё муомила мекунад ва аҳли ишқ бо ишқ ва ин матлаб дар тариқати ишқ ҳамеша будааст ва ҳамеша хоҳад буд ва тафовути аҳли ишқ аз аҳли дунё дар ҳамин хат мебошад. Аҳли дунё ва аҳли ҳирс дарё – дарё сарват агар ҳам доранд, аз оби сарвати онҳо ҷое ва хушкидае сабзу хуррам нашавад, зеро чашми басирати

онон аз ҷилваи дунё ва ҳирси дунёхоҳӣ баста аст ва аз ишқ бӯе набурдаанд. Аммо як ҷоми ишқ ҷаҳонро нишот бидиҳад ва онро сабз ва хуррам бисозад ва ин аст тӯфони ишқ дар як ҷом.

Ишқ инсонро ба мақому мартабаи воқеӣ мерасонад, ишқ инсонро аз гумроҳӣ ва бадбахтӣ наҷот медиҳад, ишқ мадраки асолати башар мебошад ва агар башар ин мадраки худро гум кунад, худро гум мекунад ва дар партгоҳи гумроҳӣ ба сар мебарад, ишқ мадраки наҷоти башар аст аз гумроҳӣ ва аз ҷаҳлу ҷаҳолат. Дар мисраи севум ва чаҳорум аз дубайтӣ устод мефармояд, агарчи ман аз сар то по дар гунаҳ ғарқ ҳастам, аз раҳмат ва лутф навмед нестам ва бовар дорам, фардо гунаҳҳои ман бахшида хоҳад шуд:

*Зи сар то по гунаҳкорам ман имрӯз,*
*Гунаҳҳои маро фардо бибахшад.*

Манзури шоир аз калимаи имрӯз зиндагӣ аст ва дунё, дар он инсон имрӯз зиндагӣ ба сар мебарад ва калимаи «фардо» қиёмат аст, дар он рӯз инсон дубора ҳашр мешавад ва бар аъмоли худ ки дар дунё кардааст ҷавоб медиҳад ва мутобиқ ба аъмоли худ аз Худованд ҷазо мегирад. Устод изҳор медорад, ки ман иқрор дорам дар зиндагӣ лағзишҳо доштаам ва ин лағзишҳои маро шумо набахшидед ва маро ҳукм бар гунакорӣ кардаед, аммо ман аз раҳмати Худованд навмед нестам ва агар шумо маро набахшидаед, ӯ маро хоҳад бахшид. Ҳар инсон дар зиндагӣ худогоҳ ё нохудогоҳ аз худ кӯтаҳие нишон медиҳад ва бахусус онон ки дар роҳи ишқ мераванд, бештар дар роҳи ишқ лағзишҳое доранд ва аммо онҳо ҳаргиз аз раҳмати Ҳақ дил намекананд ва аз раҳмати он дӯст худро ноумед накардаанд.

Зебоии каломи устод дар ин дубайтии зебо дар ҳамин маъно аст, яъне иқрор бар гуноҳ ва умед доштан аз раҳмати Худо ва ин бовари шоир бисёр устувор аст. Дар ҳақиқат инсони ошиқ ҳаргиз аз раҳмати Худованд ноумед намешавад. Дар ҳамин маънӣ Мирзо Бедил фармудааст:

*Сайри зону низ мумкин нест бе фармони ишқ,*
*Пеши мо ойина аст, аммо ба дасти дигарест.*
*Нестам навмеди раҳмат, гар дутоям кард чарх,*
*Ҳалқаам, аммо ҳамон дар пеши чашми ман дарест.*

Дубайтии шоир аз он башорат медиҳад, ки ӯ ба рӯзи ҳисобу китоб эътиқоду эътимоди тамом дорад, бовари ӯ бовари ботин аст ва медонад, ки фардо омурзида мешавад, зеро раҳмати Худованд бениҳоят аст ва онро интиҳое нест. Агар ҳам гунаҳкор аст, гунаҳкори ишқ аст ва гунаҳкори ишқ ҳамеша омурзида мешавад, ишқ раҳмат, моя ва асли зиндагии башар буда ва ҳаст. Ҳазрати дӯст ҳамеша бандагони бузург ва хосси худро бар раҳмати ишқ сазовор медонад ва устод Лоиқ Шералӣ бетардид аз табори баргузидагон, бузургон ва хосон аст дар маърифат ва тариқати ишқ.

## Ф Е Ҳ Р И С Т

Сухане чанд дар таълифи китоб .......... 3
Ҳама роҳ роҳи дил нест .......... 6
Диле, ки лабрези суруд аст .......... 10
Аз баҳори дил то хазони дил .......... 15
Ҳузури дил дар маҳфили унс .......... 21
Чароғи рӯшани маърифат .......... 26
Дилам дарёст, соҳилҳо, куҷоед? .......... 34
Ҳама сӯзанд андар оташе, лек .......... 42
Соате чанд дар маҳфили дил .......... 49
То ҷаҳони бекарони дил .......... 59
Сафар то таҷаллии нур .......... 67
Агар дар ишқ банди дил насӯзад .......... 76
Шукӯҳи шукуфтан дар оташи ишқ .......... 85
Гар набудӣ баҳра ишқи покро .......... 96
Оҳу ва муъҷизаи ишқ .......... 108
Беҳтарин давлат давлати ишқ аст .......... 119
Дили шоир ва нози ишқ .......... 131
Муноҷоте чунин дар дафтаре нест .......... 141
Аз тӯфони ишқ то як ҷоми роз .......... 150

**Муҳаммадалии Аҷамӣ**

**ГУЛДОНИ ҲАФТРАНГ**

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*
Ҳуруфчини компутерӣ *Шаҳрзоди Аҷамӣ*

Ба матбаа 25. 04. 2011 супорида шуд. Чопаш 05. 05. 2011 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 10, 0. Андозаи 60x84 1/16. Адади нашр 1000 нусха.

Нашриёти «Адиб»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17[а]

Дар чопхонаи ООО «Мир издателей» ба табъ расидааст.